Сайф Раҳимзоди Афардӣ

АБАРМАРДИ ШАРҚӢ
ҚИССАҲО

Интишороти «Адиб»

Душанбе- 2013

ББК

Китоб бо маблағи Хазинаи эҳтиётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Мураттиб Сорои Мурид
Муҳаррир Амирхон Аҳмадхонов

Анотатсия

ISBN

С. Зебо Афардӣ ва фарзандони Сайф Раҳимзоди Афардӣ. 2013

ПЕШГУФТОР

Ҳаждаҳ сол гузашт аз он рӯзе, ки орзуи пешкаши хонандагони арҷманд намудани навиштаи адиби нотакрор Сайф Раҳимзоди Афардӣ «Абармарди шарқӣ»- ро доштам. Аввал «Дурӯғи сафед», баъд «Таронаи хоки париён», «Падруду пайгом» ва баъди онҳо оғоз шуданд дар асл падруду пайғомҳо. Ва, инак, «Абармард...» баъди 35 соли рӯи коғаз овардан ба дасти ҳаводорони каломи бадеъ хоҳад расид. Ин асар аз зиндагии одию маъмулии як инсони олӣ ва баркамол ҳикоят мекунад.

Ин мард, ки аз замину зиндагию воқеият худро кандааст, на зан дораду на фарзанд ва на решаву хешу табор: ӯ дар сағирахона тарбият ёфта, як навъи дигари супермен – абармарди шарқӣ мебошад, ки аз воқеият болотар рафтаву осоише ёфта. Худро инсони олӣ мепиндорад ва ба андешаи ӯ ҳамаи касоне, ки пайванд ва қароре бо ҷомеа ва зиндагии ҷомеа доранд, зандору аёлманд ҳастанд, ба ҳизбе мансубанду аз рӯи қавонини мазҳаби хосси худашон амал мекунанд, инсонҳои маъмулианду аз файзи дунёи ӯ бебаҳра. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ӯ ба ҳеҷ кадоме аз гурӯҳҳо шомил намешавад, ҳар ду ҷонибро дар дил танбеҳ медиҳад. Ҷанг чун шиддат меёбаду воқеаҳо ҳам тезутунд мегарданд, ӯ батадриҷ ба гирдоби воқеаҳо кашида мешавад ва ба марг вай рӯ ба рӯ меёяд. Ба бадхоҳонаш ҳатто як сухани дурушт намегӯяд. Бо амри тасодуф (нафаре аз силоҳдорон, ки ба адабиёту ҳунар маҳбубият дорад, дар хонаи ин мард китобҳои зиёдро дида меандешад, ки ӯ шоир аст ва адибро набояд парронд) аз чанголи марг мераҳад. Ӯро намепаронанд.

Ба хона бармегардад: хонаашро гирифтаанд. Ӯ акнун бе он кунҷе мемонад, ки хона ном дорад. Кошонаи раҳми модар вайрону валангор гардида. Чанд рӯз овора мегардад ба умеде, ки бо амри тасодуф тираш бирасад ва бимирад, Вале марг бо хости касе амал намекунад. Танҳоию бекасӣ ва зиёдатӣ будани худ ва маънӣ надоштани зиндагии хешро эҳсос карда, ба хулосае меояд, ки тарки ин манзилу макон бинмояд. Роҳи рафтан надорад, ҳама роҳҳоро таҳти назорат гирифтаанд! Вале ӯ бояд аз ин банд раҳо ёбад. Бояд биравад! Ин ҷо мурдану дар кӯча бӯ гирифтан намехоҳад. Омодагӣ мегирад ва худро ба дарё меандозад, то ки аз ин шаҳри дар инҳисор афтода берун биравад. Ва дар куҳистон аз об берун меояд ё мекашандаш ба берун!

Аз воқеаҳо мегурезаду меравад ба он деҳае, ки замоне як дӯсташ, режиссёри кадом як филм, ӯро бо худ бурда буд. Меравад, то ки панаҳ бибарад аз шаррушӯри зиндагӣ. Ӯро дар он деҳа мешиносанд. Дар манзили зане кӯдакдор пинҳон мешавад. Мебинем, ки бемор аст ва он зани кӯдакдор ӯро парастorӣ мекунад.

Ҳамаи мардони деҳа мемиранд. Охирин мардро ҳамсараш аз саҳро пуштора карда, ба манзили иқоматшон меорад, то ки бигўронандаш. Мардинае нест, ки ҷаноза бихонад. Кўдакеро мехоҳанд хатна кунанд. Аввал Вён Шарангро хатна кардан мехоҳанд, вале чӣ суд аз хатна кардани ў: на намоз мехонаду на сураеро аз ёд медонад.

Он кўдакро хатна мекунанд ва ў, бо ҷисме хунолуд, пеш медарояд ва намози ҷаноза мегузорад. Занон ба дунболаш.

Воқеаҳо ончунон сурат мегиранд, ки ў ногузир дар рўзгордории он зани кўдакдор шарик мегардад ва батадриҷ ба зиндагии одии як хонаводаи куҳистон ворид мешавад. Оҳиста- оҳиста, аз нав, ба ҳаёт бармегардад. Акнун мисли дигар мардҳо маҷбур аст, ки боми мечакидаро гил бимолад, осиёб биравад (аввал осиёбро дуруст кардану баъд орд кашидан лозим аст), хулоса, аз пайи зиндагӣ бишавад.

Ишқу муҳаббат дар қалбаш шуъла мезананд, бо он зан издивоҷ мекунад ва кўдакони ўро фарзанди худ мехонад. Ў, одаме, ки ҳеҷ тўю маъракаро қабл надошт, акнун маҷбур аст ин ҳама расму русумро бипазирад, ҳатто ба тўй ҳам биравад (албатта, бо талқину ташвиқи ҳамсараш).

Меравад ва дар он тўй бо шоире (шояд шоир ҳам набуд, авбоше буд) ҷанҷол мекунад, он мард зани ўро дашном медиҳад Ва нафаре, ки моҳе пештар соати ба қатлгоҳ бурданаш лаб намекушод, барои ҳифзи номуси хонаводаи худ, кўдакони худ ва, махсусан, ишқи худ қиём мекунад. Акнун, ки ў зан дорад, фарзанд дорад, имон ва мазҳаби худрову дудмони худро дорад, ба хотири онҳо бармехезад ва меҷангад. Пештар, ки на зодгоҳ дошту на шаҳр, на хешу пайванд ва на рустову зироат, метавонист тоқат кунад ва дар мақоме бошад, ки ҷангидан ё касеро ҷонибдорӣ намудан, ё бигўем, фаъол будан барояш бемаънӣ буд. Нафаре, ки худро аз ҳама масоили зиндагӣ дар канор мегирифт, ё ба онҳо эътиборе ҳам намедоду гўиё дар зоти супермен буд, дар ниҳояти кор, ба як одами басо одӣ, яъне, бандае аз миллионҳо бандагони Худо табдил меёбад ва тобеи қонунҳои ноавиштаи зиндагӣ мегардад.

Ҳамчунин, дар ин китоб таърихе аз зиндагиномаи Ҳидоят ва нақше аз рўзгори Хиёл, ки хеле содаву одианд, пешкаши шумо, хонандагони муҳтарам, хоҳад гардид. Ин ҳама нигоштаҳоро, ки барг ба барг ва сатр ба сатр гирд овардаам, имрўз барои баррасӣ ва хулосабарорӣ ба шумо вогузор менамоям. Пирўз бошед!

Сорои Мурид, рўзноманигор

АБАРМАРДИ ШАРҚӢ

Қисса

Дунё чаппа шуд.

Дар ин кишвар одами хушбахт намонд.

Танҳо ба як инсоне, ки ҳамеша бо ҳоли сағири сӯфиҳои қуруни мутавассита, бекасу безану бечиз, сағиравор мезисту мардум оҳашро мекашиданд, имрӯз дар пиндори дӯстони афсӯсхор хушбахтӣ ба дил омад. Ба ӯ ҳасад мебурданд, ба танҳоияш ва бефарзандиаш таҳсин мефиристоданд.

Ӯ буд, ки эҷод мекард.

Дигарон барои нойи бачаҳошон кор мекарданд.

Ҳич гуна мазҳаберо ба ӯ наомӯхта буданд.

Як одами бемазҳаб буд. Мазҳаб надошт, вале имон дошт. Утоқаш буд: бетартибу норӯфтаву ношуста. Махсусан, газхона ҳоли ғарибе дошт, яъне, аз тозагиву назофати сӯфиёна дар манзили ӯ нишона набуд.

Зиндагияш як хомӯшиву сукути дуру дарозеро мемонд. Ҳама корро карда буд, то ки одамон фаромӯшаш созанд. Безабон, беэътино, беиттилоъ, бехабар, як ҳайкале аз устухону гӯшт.

Албатта, ӯ сӯфӣ набуд, шайх набуд, як одами бадбахте буд, ки дар ин дунё хич зиндагонӣ надошт, дар манзили чорум хонааш буд, балки гӯраш буд. Ва чун мурдаи гӯристон танҳо мезист, ҷое намерафт, касеро ба гӯраш роҳ набуд.

Қаҳваро бод кард.

Пеши миз истода буд, ки шакардонро бигирад; рӯи миз мӯрчаҳо раҳ бурда буданд. Дар дилаш гузашт, ки мӯрчаҳо ба шакар раҳ бурдаанд. Баробари ин фикр ба ин ҷо, ки дастаи қошуқе берун шуда буд, нигоҳ кард: яқин, мӯрчаҳо ҳастанд.

Шакардон сафед буд ва мисли гучулаи тифл дастча дошт. Сарпӯшаи шакардонро бардошт ва шигифтӣ дошт; рӯйи шакар аз мӯрча сип- сиёҳ буд.

Ногаҳон як дона гӯгирд зад ва дар шакардон андохту сарпӯшашро баста дид. Бори дувум гӯгирд зад ва дар шакардон андохт. Чун сарпӯшашро боло кард, дид, ки донаҳойи гӯгирд мурдаанд.
Ва мӯрчаҳо ҳанӯз зинда, зиндайи зинда.
Оташи газро барафрӯхт баланд ва қанддони сафеди чиниро рӯйи он ниҳод ва ба ҷонкании мӯрчагон диққат кард. Гармойи ҷаҳаннам шакардони лабрез аз мӯрчагонро саропо печонид. Шакардони сафед тафсид ва шакар доғ шуд. Хеле ҳам ба ҷонкании мӯрчагон диққат кард. Мӯрчагон ҳама сӯхта- сӯхта мурданд. Ногаҳон моеи ғализ давродаври шакардон доғ шуд. Шакар зуб мешуд ва бар мӯрчаҳойи мурда мебаромад. Оташро кушт. «Ба танаш мечаспад,» - гуфт ва як пиёла об дар он рехт. Бӯғу фаш- фаши об боло хест. Чӯбчаҳойи нимсӯзи гӯгирд ва мӯрчагони сӯхта боло заданд Бо латта шакардони тафсонро рӯйи миз гузошту болояшро пӯшонд. Имрӯз об набуд, ки ба ташнов бирезандаш. Ҳамин тавр рӯйи миз монд.
Дар рӯйи миз мӯрчагони дер расида ширинии гумшударо меҷустанд. Вён Шаранг донайи гӯгирдро оташ гиронд ва оташро як- як ба мӯрчаҳойи шитобзадарафтор дошт. Ҷинҷ зада мемурданд. Рӯйи сафеди миз акнун чанд доғи зард бо нуқтаҳойи сиёҳи мурдайи мӯрчагон пайдо кард.
Ҳафтае шуд, ки об нест. Вён Шаранг ҳич нафаҳмид, ки чаро ба мӯрчагон ин марги пурдаҳшатро раво дид. Дар дилаш мотами абадӣ нишаста буд, вазъе тира ва марговар. Оҳи вазнине аз дил бароварда ба сӯйи курсӣ рафт. Курсӣ лаки тозае дошт. Нишасту сарашро бо ду даст гирифт. Нотавон шуд, ноумед, бечора. Ва бераҳм...

Бехи сангҳойи буни як оғил буттайи зиркро дид. Баргҳояш зард буданд ва дар буни сангҳойи дурушти тира зардӣ мефишонданд, меваҳояш кабуд буданд ва ғуҷумҳо дар нӯги навдаҳойи нозуки сабзгун мерахшиданд. Аҷаб ҳолате ба ӯ эҷод шуда буд; лаби пойинашро пеш овард, шикамаки сабзи лаби пойинӣ ба лаби боло сахт часпид, мусовӣ бо ин амал чашмонаш то ниҳояти сафедиҳош аз хона берун дамиданд, садое аз ҳалқумаш берун ҷаст. Тасаввурашро надошт, ки донаҳойи марҷони зирк дурахшиши кабуд бидиҳанд; чанде зирк канд, парвонае танҳо аз пушти буттаҳо парпар заду бархост ва дар лаҳзае, ки ӯ ангушти хорхалидаашро ба даҳон мебурд, аз дидаҳо рафт. Зирк пурхор буд. Пушти буттаҳои зирк фазои дудии куҳ нафас мезад. Куҳ барф дошт.

Нигоҳашро қатъ кард: роҳи дарозе дар пеш дошт. Ба ҳаётае, ки давродавраш таворайи симтурини баланд кашида буданд, даромад ва беҳуда бех- бехи он аз сангҳову хорҳо убур кард. Роҳе пайдо нагашташ ва дигарбора назди даричайи танг омад. Арақ оварда буд ва кулоҳи пашмини лабадори сиёҳашро аз сар баргирифт, ҷойи помонӣ кофт, ки аз даричайи танги ҳаётайи бунбаста берун ояд.
Аз бузраҳа гузашт. Болотарин кулбаи ин деҳкада дар сояи такчормағзи бузурги баргзард пойини пояш омад. Хост аз санги баланди буни чормағз по ба боми гилинаш биниҳад, вале дудилагиву шак ба истиҳола водошташ, сари

пош хушкак зад ва истод; наёфт, иҷоза бояд гирифт. Ӯ, мисле ки соли гузашта Вён Шаранг ин ҷо садо карда буд, фарёд кашид:
- Хонадо- о- ор!
Вале имсол ҳич кас посух нагуфт. Ногаҳон як чароғи мисин хост. Аз ин ба баъд орзуҳояш гирди ҳамин чароғи мисин бо патефони фулузии никелӣ мегардид; ба ҳама мегуфт:
- Дӯст дорам як чароғи мисин дошта бошам, мехоҳам рӯйи мизак як чароғи мисин барафрӯзам.
Саге дар паяш афтод. Саросема шуд, дарвозаро ҷусту наёфт. Мобайни иморату девори оғил роғе пайдояш шуд ба қадди одам, худро дар он зад ва қабл аз он ки сарошеб шуд, пеши пояшро нигоҳ кард, мабодо исҳоли кӯдакон зери пояш биёяд. Вале ин ҷо роғи танг, ки кӯдакон дӯст доранд, он ҷо нишинанд, тоза буд. Аз пиндори нохуби худ изо кашид.
Роғи нишеб дар ҳаётайи танг тамом шуд, ӯро ба ҳавлии борику шеб, ки дар ҷарии тунде интиҳо меёфт, вуруд кард ва онро шинохт. Он сол, ки ин ҷо расида буданд, ба садойи Вён Шаранг духтараке аз долон фуруд омада буд ва бо лаҳне меҳмоннавозу латиф гуфта буд:
- Биёед, биёед!
Вён Шаранг гуфта буд:
- Салом, хоҳарак! Иҷоза медиҳед, ки хунайи навро аз ҳавлитон сурат бигирам?
- Майлаш. Биёед, биёед.
- Хунаатон иқа баланд аст?
- Ҳо, шабҳо абр рӯйи бомамун мехобад.
Оғилҳошон низ сангӣ буд ва тактак миёни сангистон, бехи сангистон бо дарҳойи во гӯё ғунуда буданд. Чошт наздик буд, молҳо рафтанд, камару оғилҳо холӣ буданд.
- Тарма намеояд?
- Барфи гузашта тарма фуромада буд, то чормағз умада истод. Пасон худ ба худ обу адо шуд.
Дар ин кошонайи тару урёни мисли гӯсолайи навзоди очамурдаи бӯр зангзада, бехи сахрае сабз ҳич кас набуд. Офтоби ғамзада хаставу афгор бар он куҳи пушти кошона андӯҳ мерехт, таровати онро зада буд, куҳ ранг бохта буд, хокистариву берангу беҷон талли азими мурдарегро мемонист. Осмон ранг зада буд ё офтоб.
Сангу обу бурс, сангу обу бурс; ғурури одатӣ дубора гирифташ. Ӯ ҳар бор ҳамлаи яъсу навмедиро агар ба ҷонаш ҳис мекард, пешакӣ худро мебохт, хурду ночиз мегашт ва шикваю нолиш ба роҳ меандохт. Як мардаки солманди бариш бечораи беирода шуд, мисли гӯсолайи навзоди очагумкардайи бур дар бехи сахрае зону зад. Аз пову пар монд.
Ӯ ҳич ёд надорад, ки боре ҳам боҷуръатӣ карда бошад.
Занбӯри зардак асабӣ ба бари рӯяш ҳучум кард. Ӯ кӯз кард, сарашро дар гиребонаш фурӯ дод. Оринҷашро аз сараш боло гирифту кач шуд ва пушти дасташро рӯи чакааш оварда, зери он панаҳ бурд ва бекарор даст афшонд. Аз зери банди даст качу тарснок чашмонашро дунболайи манёврҳои занбӯр

мегардониду мепойид Аз қаъри хотираҳойи дури бачагӣ ногаҳон калимае халосиовар рӯ зад: талх, талх, талх! Яъне, гӯштам талх аст, на ширин, арзиши газидан надорад ва бо ҳамин шурӯъ шуд талхнигорӣ. Ҳама чиз талх аст, ҳама ҷо талх аст, зиндагӣ талх аст, ҷанг талх...
Занбӯр нафрат карду рафт, талхкомӣ монд. Ҳама чиз бад намуд. Ин хостатарин ҳаракати ӯ буд, дар ин ҳаракат ҳамайи зиндагии гузаштайи ӯ тамаркуз миёфт. Маълум, ки ӯро дар кӯдакӣ мезаданд баҳудаву беҳуда, ҳине, ки механдид, ҳине, ки мегирист. Чун дар ҳоли хандидан ҳам сарашро дар паноҳи дастонаш мебурд ва ҳине, ки аз рӯйи тақозойи нақше дар он филм кулӯх ба сараш андохта буданд, ӯ айни ҳамин амалро такрор кард.
Ҳамеша нигаронии кутуки ногаҳониро мекашид.
Ҳолате хеле камназире ба худ мегирифт. Ҳама чизро коргардони навкор ба дӯши худ мегирифт, ки аз шиносони дураш буд. Хост дар филмаш истифода кунад. Вале ин ҳолатро бозофаридан хеле душвор буд. Кӯшишҳойи коргардон самар наоварданд. Агарчи то анҷоми даврайи навор бо он ҳолат чизе ба даст наомад, боз ҳам ин сафар бузургтарин воқеае дар зиндагийи якрангаш буд; одами танҳойи хилватгиройи камрӯ ба ҷамоат кашида шуд. Забон бароварда ва бо одамон дар гуфтугӯ шуд. Акнун аз одамон намерамид. Вале ин як муддате буд кӯтоҳ ва хеле зуд дунё дигаргуна шуд: дар шаҳр ҷанг омад, ӯ чанд рӯзе дар хона нишаст. Гӯё ҳич тағйире дар рӯзгори ӯ ба амал наомада буд; пештарҳо дарро куфл мезад ва даруни хона ҳафтаҳо менишаст. Бо майли дили худ амал мекард. Ҳоло ӯ он озодии амалро аз даст дод. Ботинаш шӯрида ва осоишашро аз даст дода буд. Низ аз муҳит эҳсоси тарс дошт, вале аз зиндагӣ навмед набуд, акнун зиндагӣ бемаъниву тира ва пур аз таҳдиду хавф шуда буд. Чанд рӯз бо тарсаш набард кард: дид, ки зайиф асту мадоре надорад, ки бо тарсу ҳарос дар мубориза шавад. Бархост, қуфли дарро кушод ва нигарон нишаст. Рӯзи дарозе ба поён расид, касе надаромад: гӯё ҳич кас дар қасди ҷони ӯ набуд. Шаб фаро расид, яъне, дигарбора тира шуд, дарунаш дуд гирифт. Дарро ба диққат маҳкам кард ва ба бистар рафт.
Ҷанг овози худро дошт. Ва ин овоз ӯро дар бистар печонда буд. Ӯ кӯз ва кулук дар бистар уфтода ва меандешид, ки хеле нотавон ҳаст ва дар ин дунё танҳойи танҳо аст. Телефон надошт, ки бо касе ҳамгап шавад. Шабро бехоб рӯз кард. Дамдамайи субҳ бархест, газро даргиронд. Об низ буд. Ба чойники вазнини чиркин об рехт ва рӯйи газ ниҳод. Бо ҳирс чой хӯрд, пас худро ба берун зад: таҳи дилаш умед дошта, ки ногаҳон яке аз тирҳойи дайду ба ӯ бирасад. Вале тирҳо низ ба ӯ коре надоштанд. Пас аз чошт ӯ зиндаву саломат ба дастайи дараш даст бурда, онро боз кард. Хеле маъюс ва гирифта, бо рангу рӯйи кандагӣ нишаст. Ба мусаввараҳояш нигоҳ кард: ба ҷуз инҳо дигар ҳич кас надошт. Сағира! На модар, на забон, на фарзанд. Аз ҳама бад- набурида; ногаҳон ӯро боздоранд, таҳқиқ кунанд, чи балоҳое ба сараш хоҳанд омад. Сараш хам шуд.

Худо ба ӯ ақле додааст, ки барои ҳифзи ҷони худ аз ҳар тазод- ӯ ин ҷо тири дайдуро ҳам дар назар дошт- битавонад чорае бисозад. Он лаҳзаҳои нахуст, ки аз кунҷи тиреза ҷангро менигарист, ҳуҷуми сурхпӯшон ва гурехтани

сафедсарон ва, баръакс, хеле берарво буду аз тири дайду боке надошт, зеро дигар ин навъи зиндагонӣ дилгиру бемаъниву беҳуда шуда, вале пасон воқеияту эҳтимоли марг муаллақ буд: дар нигарониву интизории марги эҳтимолӣ дигар ваҳшат намекард (аслан он вахшате, ки нахуст ба яқин буду пас эҳтимолӣ шуд, дар оташи изтиробу ҳаяҷони мудаввом зудуда шуд, сӯхт, намонд, батадриҷ он як омили вақтгузарониву дилмашғулӣ гашт ва кам- кам ба мояи лаззат мубаддал гашт.

Лаззатҷӯйӣ ҳатман сӯйи комфорт мебарад, комфорт ба нишастан ва он ҳам нишасти бароҳате тавъам аст. Ойинаро аз ҷои пешин барканд ва дар он ҷое зад, ки ҳамаи воқеаҳои бурун- роҳ, майдон, хиёбонро барои ӯ бинамоёнад ва бароҳат нишаст дар курсии пасти мулоими қирмизӣ, мизи қаҳваро дар паҳлуи хеш гузошт, асбоби қаҳваро рӯи он чид ва чашм бар оинаи рӯшани чаҳоргӯшаи барпаҳну мураббаъ дӯхт.

Сурат ё акси воқеаҳоро дар зовияи аҷибе медид, воқеаҳои берун акнун диданбоб ва ҳатто аҷибтар аз асли воқеа буданд.

Барои фарох намудани диди ойина ва гунҷоиши бештари соҳати воқеаҳои берун ӯ ойинаро дар шарнир часпонд ва дар молберти баланд гирифт ва пас бо сими дароз, ба нармиву роҳатӣ, ин сӯву он сӯ онро ҳаракат медод ва зовияашро дигар мекард.

Гоҳе дар ин ҳаракатҳо панорамаи акси худи ӯ рӯйи аксҳойи ҷанги кӯча меомад: мошинҳо месӯхтанд, одамон месӯхтанд, ҷавонаке меуфтод, хонаводае, кӯрпа тори сар, мегурехтанд, бухчае дар тори сари занаке месӯхт (чарақаи минаи фосфорӣ ба ӯ расида буд) ва худ бехабар аз оташе, ки бар сар бардошта буд, медавид; ва танҳо акси ӯ буд, ки устувору газанднопазир рӯйи шиша бозтобӣ шуда, сангин, беҳис, ба оромиши ваҳшиёнае (ё девонае, ё барзаговона), пушт ба аъмоқи ойина, ба ҷисмаш, ба чашмони худаш, ки дар курсии роҳати жарфи пасти чармин фурӯ рафта нишаста буд, менигарист.

Ин бор парон- парон хеле шиддат дошт; ҷанги шадиде дармегирифт (Ӯ ин ҷо қартаи Вагнер- «Фавти худоён»- ро дар патифон монд).

Гурӯҳе ба ҳавлии иморат ворид шуданд ва бахшешон дар кунҷу бурҷҳои девор панаҳ бурданд.

Касе дар кунҷе, ки аз девори даромадгоҳ ва девори балкон ба вуҷуд омада буд, часпид, гӯё худро борику дароз сохт, ҷисми худро, то ҳадде метавонист, коҳонд ва гранатомётро ба қадди худ рост кард, онҷунон ки сари граната зери манаҳаш омад.

Вён Шаранг фикр кард, ки ҳич ҷангиданро намедонад.

Даст ба дурбин бурд ва сӯйи тиреза баргашт, ки бибинадаш. Чеҳрааш рӯйи воқеаҳое, ки дар ойина мунъакис мешуданд, омад. Дурбинро ба чашмаш бурд ва писаракеро ба наздик дид; хеле содаву хом менамуд.

Дурбинро ба нармӣ пойин бурд. Зовияи дидаш дигар ғарибе шуд; об аз кедиҳои писарак ба рӯйи асфалт шорид ва ҳавзча шуд. Писарак аз тарс мезида буд.

Вён Шаранг дурбинро канор зад ва чеҳраи мутааҷҷиби худро, ки ҳанӯзам бар аксҳои рӯйи ойина мусаллат дошт, дардмандона дарҳам кашид.

Бархост ва пардаи ғафси тирезаро пойин кашид Хонаи нимтор ҳоли ғарибе гирифт. Суроби ў рӯйи патифон хам хӯрд. Симфонияи «Фавти худоён» ҳама садоҳоро маҳв сохт ва хонаро пур кард.
Ногаҳ шунид, ки дар мезананд. Башитоб рӯйи оинаро парда кашид. Парда дурушту катонӣ буд. Ва бо нӯги по сӯйи дар ҳаракат кард.
Пеши дар истод ва ба пушти дар гӯш фаро дод. Он кас, ки пушти дар буд, бесабрӣ мекард, дар долон роҳ мегашт: садои по пеши дари ҳамсоя рафт.
Садои дуртари дари ҳамсоя ба гӯшаш омад. Вён Шаранг баргашт ба зистхона, ба пеши тоқи оташдон, рафт. Гази пастакро гиронд. Чойҷӯш болои оташ ниҳод.
Рафт пардаро аз болои ойина гирифту ба рӯйи курсии нарми қирмизии ҷамъшаванда нишаст ва манзараҳои ҷанги берунро шурӯъ кард ба тамошо. Дидан гирифт. То башитоб бархост, сӯйи патифон кашида шуд. Картае ёфт; «Гӯрғулӣ»- и Ҳикмат Ризо. Ниҳод. Садо баромад. Тавсифи ҷангҳои афсонавӣ.
Телефон занг зад. Вён Шаранг эътиноят накард. «Саг меҷакад, корвон ба роҳаш меравад,» – гуфт ба худ.
Пас лабханде зад. Телефон! Телефон исрор мекард...
«Ман мисли ойинаам; ҳама дунё, покиву нопокӣ, хушунату нармӣ, зебойиву зиштӣ дар ман мунъакис мешаванд, вале таъсире дар ман намегузоранд.
Акси оташи газро дар аъмоқи ойина ба нишон гирифт, рӯйи воқеаҳои аъмоқи ойина (мошини бузурге омад, наистод: посдорони ҷомапӯш сӯяш оташ кушоданд, шофир тир хӯрд, мошин ба чинор зад, истод. Шофири хунолудро, шояд мурда буд, ҷомадорон аз кабини пурхун(шишаҳояш хуни пароканда доштанд, ки бо оҳистагӣ, мисоли қиёми мум, дар рӯйи шишаи пеши кабин мелағжид) берун оварда, ба ҷӯйбор партофтанд. Акси телефон сурх метобид; садояш исрор дошт.
Дасти Вён Шаранг ба рӯйи ойина омад: гӯширо бардошт. Боз ҳам ў буд.
- Не, бибахшед, барои суҳбат омода нестам. Замони суҳбат нест...
- Як суҳбати озод мекунем.
- Аслан суҳбатро хуш надорам.
- Ба мардум ягон гап мегуфтед.
- Ба мардум ҳеҷ гап надорам. Дарвоқеъ, мардумро ба гапи ман чӣ кор аст?

Чанд рӯз дар тарсу ҳарос гузашт. Чизе тоза дар зиндагонияш нанмуд. Бовар кард, ки касе ба ў кор нахоҳад гирифт. Боз аз лона берун омад; харобу хаставу беҳол гуфт ба идора биравад, шояд кор имрӯз шуда бошад. Дар идора ду нафарро нишаста дид: яке дарбон, яке ҳам райис. Дигарон ҳанӯз аз хонаҳошон набаромада буданд. Аз соати даҳ то соати дувоздаҳуним дар пушти мизи худ нишаст, бемақсад, бекор ва пасон роҳи хонаашро пеш гирифт. Дар роҳ касеро аз шиносонаш надид. Дарахтон, хонаҳойи дарбаста, кӯчаҳойи холӣ ва мошинҳойи бераҳами даршитоб, ки мили камонҳо аз тирезаҳояшон намоишкорона ҳадаф мекофтанд. Шубҳа дар доманаш буд, тарс дигарбора дар қалбаш ҷо гирифт. Ангор касе дар паяш буд. Рӯ баргардонад ва дунболашро бибинад. Ҳирак надошт.

Дар зинаҳойи хонааш пайи поро дид; пайи пойи бешумор. Ҳамчунон пойи бешумор. Ҳамчунин ғавғо аз боло меомад. Дилаш таҳ хӯрд, ақибнишинӣ кард, тоб хӯрда буд ва пойин мегурехт. Овози шодиовари кӯдакони хандон аз ғалоғулаву ҳаяҷони боло ҷудо шуд. Ӯ бозистод. Гӯш ниҳод. Овози занеро низ шунид. Ҳич хавфе наметонад ин ҷо дар камини ӯ бошад. Баргашт, оҳиста боло рафт. Боз ҳам омодагии ҳар лаҳза гурехтанро дар ҷисми афсурдааш маҳфуз дошта буд. Ҳама дарҳо баста ва кӯр буданд. Вақте ба ошёнаи худ расид, чашмаш яла монд: дари хонааш шикаставу боз буд, кӯдакони бисёре, ношуставу куҳнапӯш, дар долони хонайи ӯ якдигарро кӯфта- кӯфта ба бозӣ мекашиданд. Ин лаҳзае буд, ки дунё дар назараш бадтарин ҷое шуд ва хеле ҳам танг намуд. Ва ин ҷо буд, ки фаҳмид, хеле ба дерӣ фаҳмид: ҳама он шуҳрату комгорӣ, ки баъди тавлид дар ин асри пуршарру шӯр ва дунёи фонӣ насибаш гардид, камарзишу кӯтаҳ буда, ба оҳи сарду чашмони гӯсфанди пири гурезони гургдида баробар намешаванд. Дар остонайи хонааш бечораву ҳақир по мезад ва ҳувияти худро видоъ мегуфт. Зане дар интиҳойи долон падид омад ва ба ӯ чашм ниҳод. Пас садояш баланд шуд:
- А мардак! Биё, ки як кас омад.
Долон танг буд. Марде, ҷома бар тан, зуҳур кард. Зан ҷояшро ба мард вогузошт ва худ пушти ӯ қарор гирифт.
- Ҳа, мардака!- хитоб кард ӯ.
«Гӯё хонайи худаш аст ва ман раҳгумзада.» Бо он ҳарфҳойи шикаста, ки дар зеҳнаш рӯ мезаданд, бо он мард дар гуфтугӯ шуд. Қабл аз он ки садояшро баланд кунад, «Яроқ дорад, чун хеле ғаюру берӯ гуфта буд: «Ҳа, мардака!»- фикр кард ӯ.
- Ин хонайи ман аст. Хонайи худи ман аст. Чӣ мекунед дар хонаи ман? Ман як одами детдомӣ ҳастам, ҳич кас надорам. Ман рассом ҳастам, маро ҳама ҷо мешиносанд. Ин хона... Ман... Чор сол пеш ба ман доданд...
Давид сӯйи хона, ки ҳуҷҷатҳойи хонаашро нишон диҳад. Вале дар хона марде ҳузарбро бо силоҳ дид; якбора асабӣ шуд. Асбонияташ дарунӣ буд, дар зоҳир андаке ҳам бо он ҳароси пешина изофа нашуд. Танҳо дастонаш ҳоло бештар меларзиданд. Марди силоҳдор ҳарфе назад. Хеле шавкат дошт. Ӯ бошитоб даст ба ғалладони мизи таҳрир бурд. Аз он ҷо тақдирномаву аксҳойи кор, акси худро дар рӯзномаҳо берун кашида, пеши он мард бурд.
Мард ба он ҳама аксу рӯзнома нимнигоҳе накарда забон ба гуфтор кушод:
- Ба мо гуфтанд, ки дар ин хона ҳич кас нест!
- Чӣ хел нест!? Пас ман киям?!
- Аз ҳамсояҳотон пурсидам. Онҳо гуфтанд, ки хона холист.
- Як соат пеш аз хона рафтам, кор рафтам, омадам! Чиба қулфа шикастед!? Ман ин ҷо пул надорам, аз куҷо қулф мехарам!?
- Мо ҳам зӯрмон омадааст. Ин кӯдакҳора дар куҷо монем?- гуфт мард ва бачаҳойи бисёреро, ки дар миёни пардаҳову муссавараҳойи ӯ меғӯтиданд, нишон дод.
Занак дубора дар таомхона газро мешуст. Ҳо, хонаро шуста буданд, бачаҳо ҳам як гала суратҳоро такурӯ мекарданд.

Ӯ давид, то ки мусаввараҳойи қаламиро аз дастшон бигирад. «Мурдан будаст, он қадар гап не, ман гапамро мегӯям.»
- Ман бача надорам, бимирам, оча надорам, бимирам!- гуфту саросема сурату мусаввараҳо ва картаҳои патефонро аз дасти кӯдакҳо рабуд. Рӯйи ҷевони куҳна гузоштшон.
Ғайрат намекард, ки онҳоро биронад; метарсид. Аввал фикр кард, ки метарсад, яъне, тарс аст, ки намегузорадаш онҳоро ҷиддитар ҳай кунад. Вале дертар, он вақт ки сархам, рӯ рӯйи пайи танк, дар асфалти норӯфта чида-чида по мемонд, ҳис кард, ки дилаш ба кӯдакон месӯзад.
Ин эҳсос дарди ӯро нанишонд, боз ҳам сархам дар кӯчаҳо қадам зад. Миёнаш ба сӯзиш омад. Як ҷо шунид:
- Э, аму риша проверка кун?
Сӯяшон нигоҳ накард, вале истод, мунтазир шуд. Ҳарифе пеш омад автомат зери каш, паспорт пурсид ба русӣ. Ӯ паспорт надошт, шаҳодатномаи корашро нишон дод:
- Марҳамат.
- Журналистӣ?
- Не.
Ҳарифак ба шаҳодатнома нигоҳ кард. Дигараш омад, ки сумкаашро бибинад. Ӯ бе ҳич хафагӣ сумкаашро яла кард. Мисли мум буд, ҳис надошт. Пурсид:
- Боз чӣ кунам?
Ҳарифак гуфт:
- Гапш нест, бгзар!
Ситеза мекард. Ҳо, ҳариф ситеза мекунад. Дар мезакаш хаф дидааст. Ҷои рафтан надошт. Ҳар ҷо, ки пояш мебурдаш, мерафт: беҳадаф, беният, беҳавсала. Сархам мерафт. Гарданаш кӯтоҳ буд: гӯё сар аз миёни шонаҳош рӯйида буд, аз алам гӯшайи даҳонаш каме тоб бардошта буд. Ӯ, ки ҳамеша аз муҳит тарс дошт, акнун бепарво ва риндона по мепартофт, гӯё андаке пастӣ карда бошад. Вале дар мағзаш чи талотуме буд: аввал исён мекард, ки чаро таваллуд шудааст? Бадеҳист, ки баъди ин гуна суоли исёнгарона ба осмон дар ёди одам хеле табиӣ андешайи марг мепечад. Қабл аз пешина фикраш рӯшан ва равон буд. Меандешид, гӯё менигошт, ба худ ҳарф мезад, андаке пурҳарфӣ мекард.
«Ман фикр мекунам, ки марг низ мисли таваллуд як кори маҳрамона аст. Ҳине ки одам мемирад ва ба ҳангоми хок кардани ҷасад ҳич одами бегона бояд набошад. Ман анбӯҳи одамонро, ба хок супурдани як инсонро чун шодичашмиҳо, дилмашғулиҳое беш намешуморам.» Ва аз ин хирадмандии худ хеле мутаассиф шуд, чун дар поёни ин фикр саҳнайи бахоксупории тани худро муҷассам дид. Аз худ бадаш омад, ки аҳамияти бисёре ба ин мавзӯъ медиҳад.
Шом фаро расида буд ва ӯ дар торикии нарму камранг мерафт. Аз худаш пурсид:
- Куҷо биравам?
Боз ҳам андӯҳу шармсорӣ фаро гирифташ: шарм мекард, ки хонаву дарашро аз ӯ гирифтаанд, шарм мекард, ки дар кӯча мондааст, гурусна мебошад ва ҷое

надорад, ки биравад. Ба худ икрор кард: шахсияташ поймол шудаааст, як саги бесоҳиб, сўзанхўрдайи ранҷур асту шармзода. Хориаш омад, ки ятим аст.

Чандрўза буд, модараш сари фарзанд рафт. Падар пеш аз таваллуди ў аз дори дунё рафта буд. Модар чӣ касест?- эҳсос намекард, падар кист?- намешинохт: худ фарзанде ба дунё наоварда буд. Ба ақл шояд дармеёфт, вале дилаш гунг буд. Бале, ҳич падар нашуда буд. Ҳич хешованде надошт. Дар ятимхона бино шуда ва пову забон бароварда буд. Ба русӣ ҳарф мезад. Забонаш забони ятимхона буд. Одобаш, фикраш, хиёлаш- ҳама аз ятимхона буданд. Чиҳилу нуҳ сол умр кард, то соҳиби хона шуд. Севу ним сол зиндагӣ кард дар он, насибаш накард. Дубора беҷову по шуд.
Нахустин чизе аз он овони дур дар ёдаш зинда гашт, борон буд. Ҳич аламе аз он рўзҳо надошт, намедид, гўё розӣ буд. Зиндагониеро, ба ҷуз ҳамоне, ки худ дошт, намедид, тасаввурашро ҳам намекард. Ду чиз пайваста ўро дунболагирӣ менамуд ва аз он ду чиз эҳсос мекард, ки ятимхона, яъне, чӣ? Аввал он ки забон намедонист, дувум, хатна нашуда буд.
Боре ҳам хост забони румиро фаро бигирад; дунё дигаргуна шуда буд, вале ҳушашро натавониста буд, сари ҷо бигзорад. Чанд калима ёд гирифту бас. Дигар ба натиҷае нарасид: дармонд. Коҳилӣ ин ҷо низ шармандайи хеш гардондаш.
Саршро боло кард ва пули бузургро дид, ки рўйи рўдхонайи Душанбе паҳн уфтода ва ҳар ду қисмати он пайванд зада буд. Пулро шинохт. Пойҳойи худро таҳсин кард, ки кори маъқул мекунанд, боақланд. Хобгоҳи пешинааш дар он сўйи пули бузург буд. «Дар ин се сол маро фаромўш накардаанд, ки шабро ин ҷо рўз кунам,- гуфт ба худ.
Он ҷо дарҳо баста буданд ва дар тирезаҳойи во изорчаҳойи хурду бузурги занонаву мардонаи ҳарранга овезон. Ва ў гиряву хандайи кўдакону ғавғойи авратинаҳойи деҳистонро шунид. Дилаш фишурда буд: фаҳмид, ки хобгоҳашро низ ғасб кардаанд.
Ў дар умраш нагириста буд. Ин ҷо, рўйи хараки ободе, он ҷое, ки ба фикри ў тирнорасу бехавф буд, нишаст ва ба чанд тирезайи рўшану иморати бузург зери чашм нигоҳе андохт. Нисфи мардум аз шаҳр рафта буданд. Онҳое, ки монда буданд, чароғҳошон ҳамеша шабҳо мемиранд. Дили ў ваҳм бардошта буд. Боз аз худаш гап карда, ки тарсуву камрў аст. Не, не! Ин тавр нест: ҳаргиз ў тарсу набуда. Чӣ гуна тарсу ҳаст, ки ҳич аз мурдан наметарсад. Ҳозир аст дар ин лаҳза бимирад. Ва боз ин ҷо аз гиребони худ гирифт. «Ин мурдан, ки ту мехоҳӣ, аз ҷасурӣ нест. Аз оҷизиат аст. Пеши зиндагӣ дасткўтаҳӣ аст. Зиндагӣ он гуна гаронат омада, ки марг ягона чораи раҳидан аз ин душвориҳост.»
Боз сархам шуд. Пас ў кист? Чӣ шахсиятест?
Як ҳолати баде ёраш шуд. Шаб фаро расида буд. Торикии камранги шаб андак- андак сиёҳӣ мегирифт. Ва ў дар ин сиёҳӣ батадриҷ гум мешуд. Ногаҳон шуруъ кард ба ҳарф задан. Овозаш пасти паст буд: ў ҳамеша ҳамин гуна гап мезад. Вале шунида мешуд: «Ҳолате ки дорам, аз беҳтарин ҳолатҳойи ман аст. Мехоҳам бештар дар ин ҳолат бимонам. Ин ҳолат ҳич аз

ман наравад. Бештар дар ин ҳолат будану аз ин ҳолат басамар истифода кардан маро аз ин тангиҳо бурун хоҳад бурд. Ҳо, ҳатмӣ аз ин рангҳо берун кашида мешавам. Умед ҳаст, умед намурдааст, зинда аст. Ва набояд ҳам бимирад. Зиндагии дигаре тоза шурӯъ шудааст. Корҳое гардон шуданд. Ман низ коре хоҳам дошт. Зиндагиро нав шурӯъ кардам, қатъаш чаро кунам? Дигараш мекунам, дигаргунаш мекунам, Шаб кор мекунам, рӯз кор мекунам, ҳатмӣ комёб мешавам. Ин зиндагӣ насиби ману ман вориҳо хоҳад гашт.
Аз баҳри ҳама чизҳойи хурду резайи зиндагӣ мегузарам. Хона даркор нест. Ҳамон газ ба ман чӣ даркор? Дар ин зиндагӣ, ба ҷуз чанд коре, дигар ҳич арзише наметонад ҷо дошта бошад. Аз баҳри ҳама чизҳо дар ин зиндагӣ бигзарам, то чизи бузурге дошта бошам.
Танҳойии ман беҳтар аз хешовандгаройӣ аст. Хуб аст, ки зану бача надорам. Азоби бачадорҳоро- ку мебинам. Не, хуб шуд, ки танҳоям. Бо бачаҳо куҷо мерафтам? Ҳоло мехезаму меравам ба хонайи дӯстам. Як ҷойи хоб баройи як шаб пайдо мешавад. Мекобам. Ва фардо меравам ба сӯйи Кӯлҳо. Ба диёри обҳо меравам. Дилам мехоҳад ба диёри обҳо биравам. Хуб шуд, ки хонайи маро ғасб карданд. Агар он ҷо мемурдам. Имрӯз ҳама дар пайи зиндагии худанд. Кӣ дарак меёбад, ки ман мурдаам? То чанд моҳ он ҷо мемонам, вайрон мешавам, мепӯсам, бӯ мегирам ва маро чун мурдоре ба хандақ меафкананд. Не, не, хафа нестам, ки хонаамро гирифтанд. Хуб шуд, хуб шуд. Меравам ба диёри обҳо. Он ҷо хуб аст. Ман агар дар куҳ мурдам, ҷисмам намеистад: ҳавояш сард аст ва ҷондорҳойи замину осмон аз ман нафрат намекунанд, гӯштамро мехӯранд. Мисли мурдагони қадим аз гӯшту пӯст орӣ мешавам ва устухонҳоямро сангҳо мемаканд. Ва агар дар канори обҳо бимирам ва дар обҳо... Марге аҷаб… Он ҷо моҳӣ надорад, ки бихӯрадам. Сард аст ва солҳойи дароз рӯ ба осмон хоҳам буд. Беҳтарин либосамро дар бар хоҳам кард, сепояю лавҳи наққоширо низ бо худ хоҳам гирифт. Оё либосам аз танам намеравад? Ҳеҷ намехоҳам бараҳна бошам. Шояд акси абрҳо ва куҳҳо болоямро бипӯшонанд.
Меравам, меравам! Зодбуме надорам, агар ҷое ҳам зода шудаам, ҳич кас ба ҳам нагуфта, дилам он ҷоро хуш карда. Ба он куҳҳо ва он деҳи дури баланд муҳаббат кардам. Зодгоҳам набуд. Хокгоҳам хоҳад шуд.
Биравам! Биравам!»
Пургӯйиҳое таассуфангез, ки як навъ эътироз ба дунё буданд, хаста сохта будандаш. Гӯё пеши мардуме дар майдон қарор зада буд. Ё видоъ буд. Ё хоб буд, бедор шуд. Нороҳат аз ҷояш хест. Дар асари ин ҳаяҷони вогир табъи нохуше дошт. Малолии имрӯза ҳам ба ёдаш омад ва як ҳолати бачагонайи ранҷиш аз ҳамаву ҳар чиз дар замираш ангехт. Вазъи чандон хубе барои рафтан ба хонайи дӯст надошт, вале майли ҷойи обод ба сӯйи хонайи як ошно мекашидаш.
Ӯ ба роҳ уфтод, ба роҳи хонайи дӯст.
Баъди тардиди зиёд дарро ба рӯяш кушоданд. Ӯ даромад. Дӯсташ аз дидани ӯ ваҳшатзада шуд. Ӯ беқайду бебок буд; гуфт:
- Хонама ғасб карданд...
- Аз дунболат касе набуд?- пурсид асабиву бегона дӯсташ.

Ҳо, ҳама ҳамшаҳриҳояш аз якдигар дурӣ мечӯстанд. Дар назарашон алоқаву муҳаббат ба ҳамдеҳагон як навъ иттиҳоди зачрдиҳанда метофт; гӯё ҳатмӣ дар паяшон шуда буданд. Ҳарос доштанд.
Вён Шаранг посух дод:
- Не.
Дӯсташ гуфт:
- Бидаро, Худо бигират, касофат!
Дӯсташ як бист сол аз ӯ камтар умр дошт ва чунин дуруштию хушунати гӯё шӯхиомези дӯстонаро дар ҳаққи ӯ раво медид. Дигарон бо ӯ бо қадршиносиву эҳтироми шоиста муомила доштанд. Аҷиб, шунидани ҳамин сахтсуханиву таҳқир, ки тарсашро дар худ мепарварид ва аз одамон ҳамеша нигарониашро дошт, таворуфу нозукандеширо аз ӯ дур карда буд. Ва бе он ки ранҷиданашро зоҳир намояд, бо тамойилу як навъ фурӯтании беш ва миннатдорӣ ва бо эҳсоси вазъи аҳмақонайи худ кафшҳояшро аз по кашид.
Норозӣ шуд аз худу аз зиндагӣ.
Андӯҳу хастагӣ дубора фаро гирифташ. Бале, хеле аз худу аз зиндагӣ норозӣ шуд. Пеши худ шурӯъ кард ба гуфтан: «Дар як майдон ҷамъ шуданду риданду гуфтанд: «Инқилоб кардем. Бар падарат лаънат, зиндагӣ! Ва ин чӣ дунёе!? Нафрат! Нафрат ба ту, ки натонистӣ аз хориву зиллат амонам бидиҳӣ! Турфа давлате! Қудрате надорад, ки ба бузургонаш нон бидиҳад, ҷо бидиҳад. Ҳо, ман ва ҳамчу ман инсонҳо каманд, вале ба кӣ даркорем? Кори мо ба кӣ даркор аст? Чӣ хубе. Бимирӣ, ки имзоҳойи понздаҳ- шонздаҳ шахси воломақоми расмӣ зери таъзияномайи қолабие, ки кадом рӯзноманигори хоболуди аз ту бехабар бо сухани шустайи беранг навиштаасту онро дар телевизион як диктор бо ғами дурӯғӣ, овози дурӯғӣ бихонад. Чи ҷанозаҳойи хубе! Дар зиндагӣ як кас қадди саг намедонадат, вале тобутатро ҳай бо кашмакаш мебаранд ва чи шитобҳойе. Гӯёе андаке ором бираванд, фариштаҳойи пушти сарашон дастайи тобутро аз онҳо ғасб мекунанд ва ё мурда дигарбора зинда мешавад.
Не, ман ин шодиро ба шумо намедиҳам. Дурӯғгӯйҳо, дурӯғ... Зиндагии мо саропо дурӯғ аст, дурӯғ!»
- Эй, касофат, мемонӣ, ки бихобем!
Ӯ шармид.
- Мебахшӣ, мебахшӣ. Фаромӯш кардам, фаромӯш кардам...
Ин шаб бо гуфторҳойи парешони кушанда ва хиёлбофиву руъё кӯр шуд. Субҳ надамида аз бистар хесту хеле дар торикӣ нишаст ва бори дигар рӯйи зиндагонии худ тааммул кард. Торикӣ оҳиста- оҳиста камранг мешуд. Фохта шурӯъ кард ба хондан. Қумрӣ қумқуме зад. Дилаш, нигарони дамидани хуршед, ҳаваси рӯшанӣ кард. Ӯ чироғро даргиронд. Чироғи зард фурӯзон шуд. Чироғи зардро пеши чашмонаш гузошт: ба чашмаш форид...
Рӯз, ки шурӯъ гашт, дар Чорбед расид ва дар мошини раҳ нишаст. Албатта, бо ҳазор таваллову зорӣ.
Ва...

Рӯзи хуше ҳам фаро мерасид; сафед, гарм ва меҳрангез. Ба дунё бо чашми кӯдаки бадарёфта, ки бо кадом тасодуфе аз марг наҷот ёфтааст, нигоҳ мекард ва намедонист аз кӣ миннатдор бошад, ба кӣ ташаккур кунад?
Соат дувоздаҳ буд, на, танҳо як дақиқа аз дувоздаҳ гузашта буд. Роҳеро, ки ба ағбаи баланди пешорӯ мебурд, умедворона нигоҳ кард. Хушвақтӣ даст дода будаш. Дигар комилан ба пешомади худ парво надошт.
Ва, инак, бехи сангҳойи як оғил нишаста буд ва буттайи зиркро медиду занбӯри гизаларо аз худ меронд. Баргҳойи буттайи зирк зардӣ доштанд. Меваҳояш кабуд буданд ва ғуҷум- ғуҷум дар нӯги навдаҳойи борик медурахшиданд. Ҳайрон буд, тасаввурашро намекард, ки донаҳойи марҷони зирк дурахшиши кабуд бидиҳанд. Як донайи кабуди зиркро канд. Ба нармийи ангушташ, дар бехи нохунаш, хор халид. «Уф!»- гуфт. Ангушти хорзадаро ба лабаш бурд, пок кард ва пеши чашмаш оварди. Як заррайи сурх чу нӯги сӯзан маълум мешуд. Сӯзиши нарме дошт. Ҳич гапе нест, мегузарад. Пушти буттаҳойи зирк фазойи дудии куҳ нафас мезад. Аз куҷойе, аз як ҷойи дур баъоси барра меомад, куҳ барф дошт.
Зовияйи чашмашро намедонист чанд аст, вале гоҳе бо дурбинҳойи фарохно, ки бо худ оварда буд, фарохондашро қиёс мекард. Гоҳе, бе он ки мардумакҳойи чашм баргардонида шаванд, ӯ ба гунайи хеле норӯшан дар он гӯшайи нигоҳ, ки маъмулан дудолуданду аз ҳадафи чашм хеле барканор, ягон ошноеро ё ҳодисаеро мебинад ва дуруст аз хастагияш огоҳ мешавад. Дар ҳошияи норӯшани нигоҳаш суроби дудии фоҷиа падид гашт. Баргашт ва ҳодисаро дид. Зане бар пушти хамидайи хеш мурдайи чандрӯзайи шӯяшро меовард. Мурда гарон буд. Роҳ кӯтал буду сангварайи регпӯш ва ӯ дар пойин буд ва боло меомад. Он зан шӯяшро дар тике хокистарии гардгирифта кафан карда буд ва ба гаронии як чигинаи пурбор боло мехазид. Ҳарду сари кафан, ки қабзабандӣ буданд, аз бех ғунчавор печида ва дар интиҳо шугуфида буданд, гоҳе аз пушти деворaҳойи афсурдаву гоҳе аз бехи нигасҳойи хонаҳойи ин кӯчайи шаб метобиданд. Боми хонаҳо пушти хам ғам бардошта буд ва гилашон хокистар менамуд. Овозе аз тирезаҳойи холӣ бо гаронии ғубори ангишт боло шуд:
- Кӯдаконро аз бомҳо бигиред!
- Духтаронро аз хона бизанед!
Фазо ларзид. Ҳаво лаппиш кард. Замин такон хӯрд. Ҳамҳамаву паропар шуд. Муҳит мисли хоби бад тираву ғамнок гашт. Қабл аз он ки худро ба сӯе зад, фикр накард: «Чаро?» Вале чизе мисли тарс, тарси руъёӣ, ба гурехтан водораш намуд. Ӯ дар кӯчаҳойи танги бекас гирякунон мегурехт. Ҳини давидан андӯҳаш мефизуд, варам мекард ва монеаи давиданаш мегашт, нафастангу дилсӯхта медавиду алам мекард. «Агар бимирам, ҳич кас ёдам намекунад.» Ин фикр сахт ба зеҳнаш часпида буд ва ранҷаш медоду меозурдаш. Пуки шароб, ки дар сумкайи сардаш гирифта буд, аз шиша паридаву шароб ба дасту пояш мерехт. Чизе сафед- порайи нон, ки дар болояш хӯрдание дошт, сафедранг (салат буд ё он оши сафеди масеҳӣ, ки рӯзи ҷанозайи модари Жора хӯрда буданд), пешопеш парвоз мекард. Ва ин хӯриши сафеди мотамӣ дар муҳити тира он қадар ғамангез буд, ки ҳасрати

чандсолайи бекасиаш ногаҳон бо талотуму фарёд аз аъмоқи вуҷудаш боло омад ва гулўяш гирифта шуд ва ҳич натавонист, то бигўяд: «Ҳар шом, вақти намоз, маро ёд кунед!»
То ба гарданайи деҳкадайи сангин расид; дигар аз по зада буд. Он ҷо овозе зайиф ба гўшаш расид. Истод ва гўш фаро дод. Сўйи овозро ёфт ва нигоҳ кард. Пиразанеро дид.
Пиразан такя ба девори ғамбори руъёву андўххо ва устураҳойи шўразадайи бесутун ба дарозии умри худ овоз мекашиду мегуфт:
- Акнун мардуме намонда, ки мурдаро аз саҳро биёранд! Коҳин мурда буд, пайғомбар мурда буд. Шоир мурда, навкару гадо, зўру нотавон, девонаву ҳушёр ҳама мурданд...
Пиразан бо чашмони баста овоз мекашид. Гўё хоб буд, як ҷисми мўмиёӣ буд аз асрҳои дур, то дар бехи ин девори куҳнайи сангин мардумони ин зодбумро бинолад. Овозаш хеле борик буд, бориктар аз чинҳойи рўйи пурожанги маҳтобияш. Пинакӣ мезад ё ғанаб карда буд
Овозаш аз аъмоқи руъёҳои қадимӣ меруйид. Хобаш хеле ғарибона буд.
Вён Шаранг хушкак зада буд; наметавонист гоме азим ба он дунё бимонад. Аҷиб, ба ин дунёи устурайӣ, ки ба чи сеҳре пешорўяш таҷассум ёфта буд, нигоҳаш ва зеҳнаш ворид мегашт. Ҳушаш бачо буд, вале бовар намекард, ки ақл набохта аст. Диққат мекард, ки чизе ғайритабиӣ бибинад. Фикрашрову неруи равон ва руҳашро дар ин порайи деҳ, ки мисли нимойи наққошӣ фарохии як дурбини дараҷайи панҷоҳро дошт, мутамарказ намуд: ҳама ростӣ буданд, бешарҳу тавзеҳ онҳоро бояд пазируфт. Пиразан ҳамин як пиразан аст, беш аз пиразан нест; на рамз асту на кадом чизе дигари зеҳни деҳкада. Ҳамон аст, ки ду сол қабл давру барашро наоварда буд. Ин ки ҳама ҳодисаву диданҳо афсонаву руъёӣ менамуданд, аз бехобӣ асту ҳаяҷони шадид, ки бар асари дидани мурдайи пушти зан барангехта шуда буд. Чандин эҳсос ба ҳам омехтанд. Ин ҳисомезиҳо ба сўе кашидандаш, ки аз фаҳми ў берун буд. Дар сиёҳии камранг рўшанӣ ва рўзи беофтоб бо сояҳойи гарони сурмайӣ, ки ангезаи ҳусни намиранда ҳаст, чизе медурахшад ва овозе рўшан мешавад. Бале, ёфт! Чашме рўшан шуд ва овозе дурахшид, мисли нахи намноки анкабут дар ғурубҳои олудаи боронӣ. Мисли насим шояд калом печиш гирифт. Вазиши насими суханҳойи пиразан бо роиҳаҳойи андўҳ ва гарди сурмайии деворҳойи афсурдайи сангин дар дуди талхи дудкаши баланди гилин омехта ва фазойи хобгунайи ин деҳкадайи ғариби беодамро офарид.
«То оне, ки даҳанат пури хок нашуда, марҳумро аз парда хабар мекунам,»- гуфт ба худ. Ва пасон, вақте чанд муддат гузашту ў андак ба вазъи кунунии худ хў гирифт ва хислатҳойи ҳайдавиш дар кўчаҳойи ин деҳи бекас ялагардӣ мекард, ногаҳон ин нидойи зайифонайи худро шунид ва хеле шарм кард. Ҳамин замон, ки ҳаваси доштани чунин зане ғофил гирифташ ва пасонтар ишқи сағира ба он зане, ки мурдайи шўяшро ба пушт гирифта буду дар кўтал меомад, дуртар аз воқеият ва мармуз буд, дар андешаҳойи тўлонияш ягон-ягон асар мекард. Ва ҳеч кўшиш накард, ки фикри ўро дар дил бимиронад. Баъд хулоса кард, ки тамоми умр ҳамин гуна шарики ҳаёт мечўст.

Ва ниҳоят ба пушти бом расид, ки риштайи нозуки фарёд дар даҳани ниничайи гаҳворагӣ интиҳо меёфт.
Ва он кӯдаки зардмӯйи жемперарғувонӣ дар бехи гаҳворайи худ, дар лаби бом, менишаст ва гиряи хастаҳолона мекард. Охири гиряаш буд: аз ҳайбати марди ношинос тарсид ва зунук гирифт.
Ва хуб шуд; кӯдак худаш гиряро бас кард, вагарна ӯ ин ҷо ҳам қарор намекард ва намедонист, то куҷоҳо мегурехт. Ӯ ҳеҷ бор кӯдакеро рӯйи даст нагирифтаву кӯдакеро меҳрубонӣ ҳам накарда буду ором ҳам. Аслан намедонист, ки бо кӯдак чӣ гуна бояд ҳарф зад?
Кӯдак тарсомез чашмашро аз марди ношинос гурезонду бо имдод ба пойин нигарист.
Гаҳвора дар пушти бом буд ва боме, ки кӯдаку гаҳвора дошт, аз бомҳойи ҳамсоягон буд ва кӯдак он чизеро, ки ӯро ба гиря водошта буд, дар пойин, дар миёни бомҳои ҳамсоягон, мечӯст.
Вён Шаранг низ ба пойин нигоҳ кард.
Нимойи умумии деҳкадаро, ки гӯё аз нигоҳи духтарак ба чашми ӯ интиқол шуда буд, дид: пешнимойи ин мазара, сутуну сарсутунҳои айвони масҷиди куҳна бо рада- рада чӯбҳойи пӯсидаву дудхӯрдайи он ва сари жӯлидайи тифлаки зардмӯйи жемперарғувонӣ буданд.
Тифлак, аз ҳузури марди ношинос беқарору музтариб, панҷачаашро бар дастайи гаҳвора ниҳода, сари по меистод.
Дурнимо ба кулбаи қадимии эшони чандапӯш ва мактаби ӯ часпида буд; ба кулба ва суроби пиразан, ки болоро менигарист. Пиразан майли хестан дошт.
Сағира ӯро ба мушоҳида гирифта буд: чашмонаш қадам ба қадам ӯро, ки нахуст аз дидораш ва гуфтораш сахт ҳаяҷонзада шуда буд, таъқиб мекарданд. Ӯ медид, ки чӣ гуна пиразан зери айвони аспхона, дар ҳоле ки чашм аз сақфи хона бармедораду ба самти рости айвон бозмегардад ва дар зинаҳойи сангин боло меравад. Ногаҳон ин пиразан дар сояи айвони болохона нопадид шуд.
Нигоҳи сағираи дурбин дар зери айвоне, ки пиразан нопадид шуда буд, истод ва аз боло, аз ҳолати амудӣ, тадриҷан ба ҳолати мойил гузашт, лаби айвону девор ва нигаси сангини пойиниро ва дарахти камнавдайи тути бехи пойдевори сангинро ба тасвир гирифт: чизе сафед, мушобеҳи парандайи сукуткарда, дар он ҷо метапид.
Вақте бошитоб пойин омад, хурӯсакеро дид нимбисмил, ки ҷон меканад. Сағира хам шуд ва хурӯсро бардошт. Сари хурӯс ва болҳояш овезон шуданд, тоҷаш меларзид.
Сағира, хурӯси сафед дар бағал, аз сояи нигаси хароб зуҳур карду бошитоб дар зинаҳо, ки пиразан нав тайшон карда буд, худро боло зад ва рафт ба гӯшайи болойи айвон ва аз кунҷи чапи айвон берун шуд.
Сағира ба дунболи пиразан қариби кулбайи баландаки ӯ расид. Панҷ кӯдак, писаракон, дар лабгӯшайи боми хонайи муқобил сина зада ва кинатузона нуқтаеро мепесонданд. Сағира нотавон шуд. Надонист, ки аз ин баъд чӣ кунад? Бечуръатона по мезад. Ногаҳон аз паси сутуни долон бачае олусчашм баромад. Дар дасташ санг дошт: сари сағираро чен гирифта буд.

Сағира музтарибона хурӯси ниммурдаро бар чӯби айвон монду боэҳтиёт тоб хӯрд, то ки аз ин ҷойи пурҳарос дур шавад. Вазъ мағшуш буд. Ҳама ҷо хавфи нуҳуфта дошт.

Мисле ки хоб медид. Ӯ дар ин воқеаҳойе, ки дар пеши чашмаш рух медоданд, иштирок дошт. Ин ҳама баройи ӯ буданд, ӯ дар маркази ҳамайи ин воқеаҳойи хавфомези гунгона карор дошт ва мефаҳмид, ки бояд худашро раҳо кунад, вале наметавонист. Ӯ ба худаш ихтиёр надошт. Дар миёни ду тарс тахтабанд шуда буд. Вазъи ваҳшатбори худро мушоҳида мекард. Бачайи олусчашм пеш омада хурӯсро гирифт ва ба сӯйи дари танги пастаки пиразан бурд. Нигоҳи тарсдори сағира дар рӯйи девори кӯри долон мегашт.

Дар боз шуду пиразан дар торикии камранги кулбааш сафедӣ кард. Бачаи олусчашм хурӯси мурдаро бо душмании ошкор ба сӯйи ӯ дароз кард. Пиразан хурӯсро аз дасти бачайи олусчашм гирифту баргашт ва дар торикии кулба ғарқа шуд.

Пиразан ларзида- ларзида ба назди девор омада, хурӯси мурдаро дар лона, ки дар мағзи девори ғафси кулбайи ӯ, дар паҳлуйи дар, кофта шудааст ва дари чӯбин дорад, андохт. Садойи кунди афтодани лошайи беҷони хурӯс аз дари танг берун омад.

Пиразан, баъди он ки хурӯси мурдаро дар лона партофт, баргашту дар бехи сутун нишаст ва гӯё ҳич таваққуф накарда бошад, ривояташро идома дод:

- Моро кофир гуфтанд. Мурдаҳомонро дар қабристон роҳ надоданд. Мурдаҳомонро дар решайи дарахтон, дар девори кулбаҳомон гӯр кардем. Пас ба сари гӯрҳойи куҳнаву манзили абади бобову бибиҳомон омаданд. Мурдаҳошонро аз гӯр берун кашиданд ва бурда дар ҷарҳо рехтанд. Ҷар аз устухон сафед шуд.

Сағира дигар шунидани ҳарфи пиразанро таҳаммул накарду аз долон пойин рафт.

Бачаи олусчашм аз дунболаш бо овози паст хонд:

Урус, урус, урус,

Дар кунут папрус!

Бачаҳойи пушти бом байти ӯро қапиданд ва низ бо овози паст хонданд:

Урус, урус, урус,

Дар кунут папрус!

Дар ҳоле ки кӯдакон дар рӯйи бомҳои дур ҷанҷол доштанд, сағира аз самти рости деҳкада зуҳур кард ва дар бехи чормағзи бузург андаке истод. Пас ба хараки гӯшайи хилвате, ки танҳову холиву беодам дар он ҷо монда буд, рафта нишаст ва хушнуд шуд: саранҷом барои нишаст ҷое ёфту миёнаш роҳат кард. Кафшҳояшро кашид ва поҳойи хастаашро бар онҳо ниҳод.

Деҳкада дар пойини пояш буд. Нигоҳ карда дид. Гурба аз айвон мегузашт. Пиразан аз кулбайи хеш берун омад ва рафт болову нопадид шуд.

Ду кӯдак аз он сӯйи ҳаёта падид омаданд ва бо кӯдакони дигаре, ки дар лабгӯшайи бом нишаста, ба тирезайи во нигоҳ мекарданд, пайвастанд.

Ду кӯдак рӯ ба офтоб давиданду аз боми пойин ба лабгӯшайи боми баланд ҷаҳиданд. Чизеро диданд. Ногаҳонӣ ба ақиб бозгаштанд ва тозиданд. Яке аз он ду писарак- Ҷими дар боми дур падид омад ва дар гӯшайи бом бозистод

Дар он сӯйи бом нимайи болойи дарвоза бо бомаке пасти танг ва паҳнойи бомҳойи дигар, дудкашҳойи баланди хокистарранги боронхӯрда нигоҳи сагираро фаро мегиранд. Зан бо мурдайи шӯяш дар ин нимарӯз ба дарвоза наздик шуд ва мушт ба пушти сағира зада, ба ҳавлӣ вурудаш кард. Рӯшанӣ каму коҳида шуд: дар ин ҳавлии танг офтоб намерасид.
Сағира зовияи нигоҳашро дигар кард; ба ҳавлӣ наздик мешуд. Бачагон дар рӯйи ҳавлӣ ва духтаракон дар погаҳи дар истоданд.
Дар аз дарун баста шуд.
Он ҷо ки зан мурдайи шӯяшро рӯйи хона рост карда буд, дарро аз дарун мебаст. Кӯдаки зардмӯйи жемпераргувонӣ дар пешгоҳи оташдони аловдор нишаста ва нигарон ба чапу ба рост нигоҳҳойи парешон мекард.

Деҳкада ҳаяҷон дошт. Ҳавош абролуд шуд, ба он вазъи деҳкада хеле муносиб омад. Сағираи ҳаяҷонзада дар нуқтайи болои деҳа, сар- сари яке аз шаҳҳои овезони куҳӣ бар фарози деҳкада расид. Рагу паяш бар асари баландӣ суст шуда буд ва дилаш башиддат мезад. Ҳаво сард буд ва шамоли сахте мевазид. Сағира аз ин гӯшаи шамоли сари ҷар бим кард.
Ҷойи хубе буд баройи паридан.
Аз чап, аз масҷиди куҳна то хонайи Азизмоҳ, нигоҳ кард. Нимойи, умуман, деҳкадаро, бомҳойи деҳкадаро, дуруст, бомҳойи деҳкадаро медид; бар пушти бомҳойи гилпӯш рӯшании нарми пойизӣ бароҳат густурда шуд.
То дил кард, ки дигар дер шуда буд. Ҳанифа аз хона баромада берун, ба рӯйи ҳавлиш. Ва дар рӯшани рӯз, росто, сари духтаракашро ҷӯйид. Дар умри сараш ин гуна лаҳзаҳойи маҳрамонайи зиндагиро надида буд. Модаре бо либоси фарсуда дар ҳавлии куҳна, бехабар аз дунё, шабушк меҷӯяд дар сари духтараш...
Дилаш гум зад. «Ана ҳамин аст кӯдакӣ, модардорӣ,»- талқин менамуд ба худ ва оби чашмашро пок мекард, Шояд аз сардии ҳаво оби дидааш мерехт.
«Агар чунин асаре биофаринам. Агар чунин коре медоштам. Дер шуд, дер шуд!»
Эҳсосотӣ шуда буд, ҳаяҷонаш гул мекард. Дар ин лаҳза аз ёдаш рафта буд, ки чаро сари ин сахрайи овеза омадаст? Беихтиёр даст ба сумкааш бурд ва бо дастони ларзон фотоаппаратро ҷуст. Ба худ мегуфт: «Телеобъективро бигир!»
То овард, то ёфт, то кадом ишколе дигар баҳона шуд, ки корро накунад, дубора яъс гирифташ; дилаш монд. Ҳаво хунук буду меларзид, дастонаш гап намегирифтанд. Ҳанифа ӯро аз сари куҳ дид. Фаҳмид, ки акси ӯро мегиранд. Сари духтарро раҳо кард ва худро зад ба таги дарвоза. Духтарак монду ҳайронӣ ва сари жӯлидааш. «Нашуд, ошно! Тундтар бояд ҷунбид. На ин корат шуд, на он корат...»
Сипас, пушти бомҳоро зилл мезад: шояд рӯйдоде бибинад, то аз худхӯриву андешаҳойи яъсовар андаке руҳашро бад- он фаро бибарад. Пишаке песа аз боми Азизмо ба боми Тош гузашт. Нишаст, рӯ ба боғ гирифт, нигарист, пасон панҷаашро лесид. Ду духтараки хеле кучулу дар боми оғил чанг ба рӯю мӯйи якдигар заданд ва чириғ кашиданд. Парандае, шояд сор бошад, ӯ

парандагонро намешинохт, тарсида, ба сари симчӯби Ҳалима парид ва ба ҳаво рафт.
Ҳаво акнун камабр аст. Абри тунук офтобро меполонд. Рӯйи бомҳойи гилин рӯшании нарми пойизӣ бароҳат густурда мешуд.
- Ҳаво хуб шуд, ҳама берун рехтанд,- гуфт сағира ва аз сари ҷар пас гашт.
Аз дами дари кулбайи куҳнайи Абдуқодир гузашт.
Айвонаш як сутун дошт. Соя дар даҳанаш уфтода буд. Се кӯдак дар се гӯшайи ҳавлӣ истода буданд ва ҷидол мекарданд. Духтараки ба синни шарм расида аз бехи девор, аз пуштайи шиферҳойи сари танур, калла мекашид ва худро нишон намедод; аз дами нигоҳ мегурехт.
Сағира, гӯё ҳаргиз ӯро надида бошад, чашмашро аз духтари шармгин баргирифт; худро ба шикваҳойи одатии беғамаш машғул дошт.
Ҳаво соф нест, хуршед мисли рӯзҳойи пеш наметобад. Бомҳо, мисле ки дар он тобистон буд, сафеди ба дил занандайи беруҳ нестанд.
Дарвозайи маълими Амин боз аст. Аз мӯрии баландаш дуд мебарояд.
«Меравам ба хонаат,
Зулфини дарвозаро мезанам...»
Зани маълим хеле саросема аз дари танги бари девор берун шуд. Бо тағорайи холӣ ба куҷое рафт. Ӯро нашинохт. Дарвоза во монд.
Гове пешонасияҳ ба дунболи ӯ аз дарвоза берун шитобид, кӯдаке диловар ба сиёсат рафт, сари гов ҳамла кард, дубора бозгардондаш ба оғил.
Сағира пештар омад. Занаке аз тиреза даруни кулбаро нигоҳ мекард. Кӯдакони рӯйи ҳавлӣ ва духтаракони пеши дарвоза чашм ба дар дӯхта буданд. Тифлаке модина ба домони модараш часпида буду ғарибона ба ӯ менигарист, кӯдаке болойи синҷ бо рӯйи обнадида сӯйи дарвоза тоб хӯрд ва чашмаш дар рӯйи сағира дармонд. Зеҳнаш ҳама чизро нақш мекард.
– Ҳа, ҳамон аст. Хонайи маълим аст. Мебинӣ, девори тирезаноки хона аз ҷониби чапи дарвоза аст. Тиреза шаш чашмак дорад. Дар чашмаки чапи пойинӣ, дар ҷойи шиша, маълим селофан кашида буд. Бале, ҳамон аст.
Шишаҳойи тиреза ношуста, пайи гилолуди борон бар онҳо нишаста, хушкида, нақш баста...

Барқ нест. Аз дирӯз барқ нест. Шаб низ барқ набуд. Барқ набуд. Барқ нашуда буд. Дина котиб дар боғ дарахт бурида буд. Дарахт рӯйи симҳойи барқ уфтод ва симҳо канда шуданд.
Он хона торик буд. Аз дирӯз барқ нест. Офтоб ҳаргиз даруни он хона натобидааст. Сард асту намнок. Ӯ ҳис мекунад, ки чунин аст: пояш ба сӯзиш омад. Пояш намак дораду ба сардиву намӣ ҳассос аст. Вале фарши хона сангӣ набуд, заминӣ буд; хок дошт, коҳгилаш хушкид ва хок шуда ба ранги сафедхок.
Даруни хона торик буд; мавизҳоро хуб намедид. Оташ дар доданд. Каме рӯшан шуд. Нону чормағзу кишмиши сиёҳ низ хӯрд.
Пасон зане сар зад ба хонайи сиёҳ ва пурсид:
- Бачаро ҳолӣ мебинед ё вақте ки хобондамаш?
Усто гуфт:

- Ҳозир мебинам.
Кӯдакро бараҳна карданд. Модараш ӯро ба дасти бибӣ дод.
Бибиш ӯро ба бистар бурд.
Кӯдакро рӯи бистар ки хобонданд, тарс хӯрд.
Усто ва бибӣ ба рӯяш хам шуданд.
Аз чуки кӯдак об чакид.
Усто ба бибӣ гуфт:
- Доредаш, ки бимезад!
Бибӣ аз модари кӯдак пурсид:
- Дошта будиш?
Модар гуфт:
- Не
Усто ба бибӣ гуфт:
- Мезак дорад.
Модари кӯдак пинҷаки коргарии хокиранги хоколудашро, ки ҳини андоваи девори сангини оғил дар тан дошт, накашида, кӯдакро бурд пешгоҳи печка, ки намад ба рӯяш нарасида буд ва бозистод. Бибиш ҳам омад. Аз дасташ гирифту водошташ, ки бимезад.
- Бипарон, бачам, ҳамин ҷо бипарон!
Кӯдак дар рӯйи фарш мезид. Хоки пешгоҳи печ мезакро ҷабид.
Рӯйи кӯрпачаи тар лифофа кашиданд. Усто ба бибӣ гуфт:
- Намешавад, барқ нест! Ин ҷо торик аст. Чашмам намебинад...
Медиданд, ки ҳавсалайи Устобибӣ сар меравад. Роҳи дигаре ҷуз зориву тавалло наёфтанд.
Бибии кӯдак гуфт:
- Момайи Ҷавҳар, дар пешонит садқа, як фикр кунӣ, мешавад.
- Чашмам намегзарад, садқат.
- Офтобро аз тиреза бозтоб мекунам, хона рӯшан мешавад.
- Метарсам, ки...
- Беғам бош, кампир, хубу гандааш ба гардани ман.
Гулбибӣ ҳанӯз то сияҳмастӣ нарасида буд. Ба боми болои дарвоза баромад. Рӯшнойи офтобро бо ойинайи докапеч аз тиреза ба даруни хона, мобайни намад, партоб кард. Бистари кӯдак рӯшан шуд.
Кӯдакро тай- тай по- по оварданд пеши бистар. Ҳанӯз нахобонда, Усто аз бибӣ пурсид:
- Кампир, қиблайи хонат кадом сӯй аст?
Бибӣ хар ду дасташро, чуноне ки баройи салом дароз мекунанд, баробар ба сӯйи он кунҷ, ки муқобили ҷойи нишасти Устобибӣ буд, дароз карда гуфт:
- Ана, ҳамин сӯй.
Сари бистарро гардонданд сӯйи қибла. Кӯдакро хобониданд. Дуойи кӯтоҳе хонданду омин карданд.
Нонеро, ки модару духтар, пушти дар, сари коройӣ будани он бигӯ- магӯ карда буданд, дар пеши чашмаш гузоштанду бибӣ дар болои сари кӯдак нишаст ва рӯйи ӯро дар паноҳи худ гирифт. Кампираке зонувони бараҳнайи кӯдакро нигаҳ медошт.

Сӯхтайи пахта доғи лола ворӣ дар косайи базеби чинӣ сияҳӣ мезад.
Кӯдак дар рӯйи бистар нигарон буд, дилакаш дар остони ҳодисае метапид. Аз нигоҳи кӯдаки сесолайи хоб ин воқеа чӣ ҳаҷме дошта бошад? Рӯйи пиразанон чӣ? Ӯ ҳамайи инро чӣ гуна мебинад? Ин нони маҳтобии гирдаву гулзадаву гирдак пеши рӯйи кӯдакро гирифтааст. Чаро? Чаро нон? Дар мо нон буд?
Сағираро ҷазабайи ин фазойи нимторики роздор, ки пиразанон ғарқ дар он буданд, сахт ба худ мекашид.
Устобибӣ устураву най ва гӯгирдро дар пеши зонуйи росташ ниҳод, чашми сағираро барқи тунду кушандайи теғ бурид.
Абр рӯйи сина омад. Рӯшанӣ коҳид ва дар пӯсти кӯдак нишаст. Пиразанони бузург дар торикӣ ғӯтиданд, танҳо дасту зонувону рӯяшон аз торикӣ берун монд. Барқи теғи устура заиф шуд.
Пӯсти кӯдаки таракро торикӣ нахӯрд, чучулаш дар комаш нарафт; дармонд.
Устобибӣ ба чуки кӯдак даст бурд, пӯсташро бо хеле душворӣ пойин кард. Сари чук мисли бачайи замбурӯғ намуд: сафеду офтобнадида аз пӯсти танг бадар омад ва шукуфид, дамид. Пиразан бо докайи сафеди оҳарӣ шабнами сари ӯ чучулро чид ва пок намуд. Пӯстро дубора ба сари чучул кашид. Ба нӯгаш донаи гӯгирдчӯб андохт ва мисли пилтайи тоқӣ молидаш. Пас найро ҷағонд, пӯсти чукро бо гӯгирдчӯби дарунаш дар чоки ҷағида сар дод. Чоки най ба ҳам омад ва пӯстро газид.
Пиразан теғро бардошт, «бисмиллоҳ» гуфт ва бо адойи духтарона хам хӯрду бо тундии барқ нӯги пилтагуни чуки кӯдакро теғ зад, бурид.
Сӯхтайи пахтаро дар ҷойи бурида ниҳоду истод. Кӯдак, ки то ин дам ором буд, гиря сар дод. Дард аз сӯзише сабук беш набуд.
Бурида мисли кирмакчайи чангак дар таги косайи чинӣ монд.
Баъд коса пур шуд.
Андаке баъд коса кӯр шуд.
Ба ойина нигоҳ кард, дилаш рам хӯрд; чашмонаш ранги ангури хоми гунҷишкнӯлзадаро доштанд: сиёҳи холиву дарида. Балки ба кӯрӣ ангури сиёҳи нӯлзадаро мемонистанд: пур аз қаҳр ва даҳонаш пур аз хашму дашном буданд.

Пиразан, ки ҳамвора дар муноҷот аст, дар ниёйиши кӣ бошад?
- Аз он суханон дилам ҳарос мекунад.
- Мо ҳам аз нақлҳояш мӯ ба танамон рост мешавад.
- Он пиразан кист?
- Як одами қадим ва бекасу кӯ аст. Дар ҳамин кулба манзил гирифта.
- Чаро?
- Як дам аз ин дард мегӯяд, даме аз дарди қадим. Аз дунёбино то ба ҳозир ҳарчи бар сари одамӣ омадааст, ӯ мегирядаш. Худо дар дилаш андохта. Маъмури дарди таърих асту суройишгари дарди инсон.
Гуфтам, ки ҳар одам ба ин дунё бо паёме меояд ва бо падруд аз он меравад.
Надониста меояд, надониста меравад.
Ба чашмони баста меояд ва ба чашмони боз меравад.

Ӯ бедин аст. Андешаҳои ӯ аз мазҳабҳои дунё ҳангоми ҷанги дохилӣ ва ҳини чукбурӣ зардуштӣ буда наметавонанд. Ин ҷо дар ҷомеа бегона мемонад, зардуштӣ ҳам намешавад, монавӣ низ нахоҳад шуд. Одамон аз пайи ӯ нахоҳанд рафт. Кушта хоҳанд шуд.
- Боз ҷанг, боз хун, боз куштор! Не, на ин асту на он. Мазҳаби исавӣ бигирад? Масеҳӣ шавад? Чӣ гуна? Ягон дин надошт, дар миёни се- чаҳор мазҳаб дармонда шудааст. Сахт ҷонаш дар танаш буд, ин корро накард.
- Акнун ки ишқи ин зан задасташ, мехоҳад муслим бошад, Мехоҳад пеши ин пиразан худро биандозад, то ӯ хатнааш кунад. Вале Худо ӯро нигоҳ дорад, тезӣ мекард.
Пас чӣ роҳе ёфтаанд? Вақте ӯ хост хатнашуда бошад.
- Он пиразани асотириро ба ин далел оварданд. Ин корро фақат пиразан бикунад, ки умри ин дунёро дорад, ҷунун дорад, бехиёл аст. Он қадар пир аст, ки мардинаро ҳис намекунад. Агар бигӯемаш, ин корро кунад, ҳич айбе надорад. Бар мо кардани ин кор нобахшиданиву гуноҳ аст.
Бар сари пиразани одӣ равон карданд. Ӯ ҳарфҳояш бар лаб ворид шуд...

Не, аз ҳич кас ёд накард. Ҳич кас ба ёдаш назад. Ин кӯшиш ҳама беҳуда аст, наметонад ба фаҳми зиндагӣ бирасад. Чаро ӯ бояд бимирад?
Дар ин дунё ҳадафе дошт. Хурду реза, орзуҳо, ҳавасҳо бисёр зодаву мурда буданд, вале муҳимтар чӣ буд?
Кораш? Нигоридан?! Нақш кардан?! Нигаристани зиндагӣ?! Охири охирон, ҳама аз нигоҳи ӯст. Саранҷоми дунёи худро нақш бандондааст. Ва он дунё, он ҳисҳо, рангҳо дар синаи ӯянд, бо ӯянд. Не, дар он хонайи танг сурате аз ин чизҳост, ки ӯ бо худ дорад. Аз ин рӯст, ки ӯ аз он корҳо, асарҳо, тақдири онҳо ҳич андеша намекунад, дилаш намесӯзад. Пас чӣ буд он зиндагӣ, ки ӯ дошт!? Ба хотири чӣ буд? Оё ӯ дунёро мехост? Ин зиндагиро дӯст медошт? Мехост тамоку даргиронад, фурсат надошт. Аз пурсидан нанг кард. Шояд пеш аз куштан сигарет бидиҳандам.
Наход ки дар ин ковишҳойи моҳияти зистани хеш ба ҷое нарасад? Андешааш сахт ангошта шуда буд, гарчи дигар мағзаш тавони идомайи кашмакаши зеҳниро надошт; андеша ҳанӯз пӯё буд. Ҳампурсӣ дошт бо хиради худ.
Ҳадаф чӣ буд?

БТР истод. Ӯро бо дашном пойин, ба сари як майдони паҳноваре, бурданд. Дар назараш куҳнаву норӯфтаву бетартиби дарида намуд. Фикр кард: ин чӣ пиндоресту чаро ин гуна ҳисро дар ӯ барангехт? Оре, ин майдон пахтазори ночидайи помолшуда буд.
Дилаш ба ҳоли худаш месӯхт.
Аҷиб, ҳама корҳои нокардааш, ҳар он чи дар дилаш ҳаст ва ният дошт, ки рӯйи парда биёрадшон, пеши назараш ҳувайдо гардиданд. Ғамгин шуда буд. Ва бо ин бепарвойиву беэътиборӣ ба он асарҳойи мавҷудайи бевасӣ – кӣ медонад сӯхта хоҳанд шуд! - ин қадар ғаму андӯҳ ба он чизе ки аз дил бурун наёмада аст!

Баройи ӯ ба таҳти зиндагӣ расидан душвор буд, зеро ҳич гуна дониши муназзами фалсафӣ надошт ё хирадмандии хеле содайи деҳқониро низ фаро гирифта буд. Ба ҷуз чанд соли омӯзишгоҳ ҷое дигар таҳсил набардошта буд.
Ӯро бо дашном пойин андохтанд, садои фишанги камонҳоро шунид, дилаш, пойини дилаш, ҷое дар зери нофаш ногаҳон хунук хӯрд. Банди дилаш аз хунукӣ меларзид, манаҳаш низ раъша пайдо кард. Мехост бо дастонаш шонаҳояшро оғӯш бигирад ё бишинад ва зонувонашро дар синааш бифишорад. Ва дар худ гармиро ҳабс кунад; намонад, ки аз баданаш биравад.
Аз бозувонаш гирифта буданд; бурдандаш даҳ қадам болотар ва росташ монданд. Ва ӯ бечора шуд, ки ба дузаху биҳишт бовар надорад. Ногаҳон он донистаҳойи пароканда дар сараш ғавр карданд.
Ҳама динҳойе, ки шунида буду хонда буд, баройи ӯ муҳим намуданд. Кадомаш баройи ӯст? Ба табиати ӯ, дунёи ӯ кадомаш созгор аст!? Кадомаш ӯро дар оғӯш мегирад? Кадомаш аз худ дур медорад? Дар ин чанд сония, охир, наметавонист, худро тағйир бидиҳад. Ӯе, ки ҳаст бо ҳама айбҳояш. Кадоме аз он миёни ин кашмакаш ногаҳон дарёфт, ки ҳадафи олии ӯ дар зиндагии ӯ худи ӯ будааст.
«Ҳич кас маро мисли худи ман дӯст надошт. Беҳтарин дӯстам худи ман будам, бадтарин дӯст ҳам худам будаам. Ман ин зиндагиро ба хотири шахси худ дӯст доштаам. Оё агар таносух бошад ва ман як давре ба дунё боз биёям, хотирайи ин зиндагиву зиндагониамро дошта бошам ё не? Агар хотирайи ин зиндагӣ дар ман боқӣ намонад, бозгашт баройи ман чӣ маънӣ дорад? Ман нахоҳам буд, агар ин ҳама ҷоро, ки дунёи нотамоми ман, дунёи холии дурушту норасидайи душвори ман аст, дар он бозгашт бо худ наёрам ва аслан надошта бошам. Пас оне, ки бармегардад, ман нестам! Дигарест. Ва он дигар зиндагии маро нахоҳад дошт.
Инҳо, ки ба синайи ман камон кашидаанд, чӣ гуна бифаҳманд, ки як дунёйи беинтиҳоро мекушанд, як оламеро, ки мислу монандаш дар ин гетии рӯшан нест, ба адам мебаранд. Зиндагии маро ҳич кас надида, он чи ман донистаам, ҳич кас надониста ва чи гуна ки мебинам, ҳич кас нашнида. Ва ман ин зиндагиамро ба ҳич гуна зиндагие иваз нахоҳам кард. Ва ин зиндагӣ ба ягонагиву якбориву нодириву бознагардандагиаш бузургу ҷовидону дӯстдоштанист. Баъди сонияе ё сонияҳо ман наменомам, зиндагии ман саранҷом мешавад. Вале ин чанд сонияйи кӯтоҳ ҷовидонагии зиндагонии оламро дорад.
Чаро ман онҳоро душман намедонам, маргашонро намехоҳам? Чаро ойинаро ба нӯги камон намедорам, ки аз худ қаҳрамон созам?! Ҳич дар фикрам набуд, ки орому осуда дар рӯ ба рӯйи марг нигарон мемонам.
Фикр мекунам; ин лаҳза аст, ки чунин фикр ба сарам зад. Пайгамбарону пешвоён дар чунин вазъе зода мешаванд.
Ман дар ин се рӯз ранҷу азоби ҳама пайғамбарони таърихро кашидам. Азоби Будоро, ранҷи Исоро, танҳойии Зардуштро, заҳматҳойи Муҳаммадро...
Бо кадоме аз онҳоям? Ба дунболи кадом пешвойе меравам? Кӣ маро мегӯронад? Ба кадом ойине тадфинам мекунанд? Кӣ бар мазори ман меояд? Кӣ дар ҷанозаам мегиряд?

Оё мешиносандам? Агар ҷасадамро пайдо карданд, кӣ ба бозшинохти ман хоҳад омад? Кӣ суроғам хоҳад кард? Кӣ хоҳад пурсид: Шахсе буд, куҷо шуд?
Ин зиндагӣ нигаҳбонӣ ва ғамхорӣ мехоҳад. Таассубу ҷоҳилият душмани зиндагӣ аст.»
Ӯ ба чеҳрайи ҳич кадоме аз кушандагони худ наменигарист. Шаб шуда буд ё фаро мерасид? Танҳо пойини зонувонашонро медид, ки дар мӯзаҳойи даридаву гилолуд фурӯ рафта буданд. Пас ба пойҳойи худ нигоҳ кард. Кафшҳойи арзонаш навтар буданд. Шояд аз пояш баъд накашанд, фикр кунанд, ки кафши мурдаро пӯшидан марг меорад ва дилашон дур равад. Ӯ кафшашро бо ёрии панҷаҳойи по кашид ва пеш андохт...

«Аҳмақҳо,- фикр кард ӯ.- Напаронданд. Ҷонам халос мешуд...»
Курсиро ҷамъ мекард. Паҳну ҳамвор шуд, мисли тахта. «Мешавад,»- гуфт ба худ ва онро ба шикамаш баст. Шабу дарёву мавҷу тахта. «Роҳи халосӣ ҳамин аст,»- фикр мекард. Ҳама роҳҳои дигар баста буданд. Сари ҳар роҳ гурӯҳе буд. Гарданаҳоро гирифтаанд. Ба боло раҳ надошт, зеро дида буду санҷида. Онҳое, ки болои шаҳр ва бахши он баландиро зери даст доштанд, ҳич раҳме ба ӯ нахоҳанд кард. Ҳатман мекушандаш. Бо хориву зориҳо, ранҷу зиллатҳо. Аз инсонӣ чизе дар ӯ боқӣ намегузоранд, пас меафгананд, ки бо ҷонканиҳои ҷаҳаннамӣ, сагвор, бимирад. Ва низ ӯ дар он ҷоҳо зиндагӣ наметавонад бикунад. Хӯйи созгор надорад. Ва неруву ҳавсалае, ки ҳамеша дар баробари онҳо ба силоҳи худи онҳо муқовимату зӯрӣ кунад, он ҷо ҳаминро зиндагӣ меноманд. Ӯ борҳо он ҷо буд ва дидаву санҷидааст.
Ба пойин меравад. Ӯ ҳис мекард, ки нафасашро шӯри дубораи зиндагӣ ба хеш фаро мехонад: инро написандид. Он шаҳомате, ки қасди мурдан ва пазириши бетааммули марг дар нафси ӯ офарида буд, коҳиш меёфт. Ва ӯ бо ҳар абзор, ки он замон зери дасташ буд, ин шӯрро саркӯб менамуд.
Ва ин роҳро фикр кардан низ баройи ӯ як навъ озору хории нафси зиндагӣ буд. Яъне, бебокона таваккул кардан ва ба канори рӯд омадану худро ба дарё андохтан. Ё мераҳам, ё мемонам!
Бад нест, ки чароғҳои шаҳр намесӯзанд. Шаб хуб торикӣ дошт, тирҳои оташгун рӯйи шаҳр хатҳои рӯшан мекашиданд. «Мисли думи ситора ё уфтодани ситора,»- гуфт, ба дил гуфт, вале замоне ки медиду аз дил ин қиёсро мекард, дар ёдаш аловбозиҳои кӯдаконайи шаб зинда гардиданд. «Ин бештар монанд аст,»- гуфту курсиро ҷамъ кард. Селофанро паҳн кушода, ба зери курсии тахтагин густурд. Дарзҳои онро бо нӯги утуи доғ часпондаву баста буд: он ҳаргиз рахна нахоҳад кард. Аз дилаш гузашт: «Агар тираш нарасад.» Пас бо ресмони маснуӣ сахт печонидаш. Сари ресмонро як гирехи кӯр андохт.
Нахуст ҳар ду пояшро дар ҳалқаҳойи пойини курсӣ гузаронд, пас курсиро бардошт ва рӯйи шикамаш ниҳод. Хеле хуб буд; аз рӯйи зонувон то манаҳаш мерасид. Дастонашро дар ҳалқаҳои фарохи ресмон кард ва ҳалқаҳоро то шона бурд. Курсиву бори курсӣ ба танаш часпиданд. Аз ёбиши некаш болид. Хуб фикр карду он ду банди дарозро, ки ба қадри ангушташ хурд буданд ва

идомаи ҳалқаҳо буданд ва аз пушташ дар ду бари пояш кашол буданд, баргирифт ва даври камараш бипечиду сари ресмонҳоро дар рӯйи курсӣ ба рости шикамаш баста, сахт гиреҳ кард.
Хеле ҳаяҷон дошт, метапид. То ҷон ҳаст, изтироб аз тани одамӣ намеравад. Боэҳтиёт сангҳои киронайи дарёро палмосида, чанд санге пойин фуромад. Пояш ба дарё расид. Шаб оби дарё сард буд. Гуфт:
- Кафшамро кашидам, хуб кардам ё нохуб? Пойлуч бештар ба ҷасади мурдаҳойи болои оби дарё монанд мешавам.
Вақте фаро расида буд, ки ҳич гуна шакку шубҳа ӯро дигар бознамедошт. Шубҳа дер расид. Ҷои андеша набуд. Ӯ худро ба ихтиёри дарё дод; хеле охиста, ки садое набарорад.
Дар торикӣ ҳич наменамуд, вале чун як лаккаи тира дар об, ки ба ҳар рӯ як тирагии тобанда дошт, махсус буд. Мавҷҳо тунд буданд; мехестанд, мешиштанд, уштулум доштанд. Хуб рафт дигар дӯсти мову шумо. Ба торикиву лаккаи тариву шиновар андар об. Ин ҷо мавқеи сухану намоишу нигориш нест. Ҳамон торикиву дарёву марде танҳо андар об, ки рӯйи курсӣ хоб рафта ва сар- сари мавҷ мерезад. Паноҳаш ба Худо! Парвардигор ноумедаш нагардонад !
Дамдамайи субҳ буд; аз садои тир дакка хӯрд. Овози тир гӯё гирди сараш мечархид. Пас дарк намуд, ки оташфишонӣ дар ду канораи дарёст. Рӯяшро амиқтар, дурусташ то гӯшҳо дар об ғӯта дод. Пахтаҳойи гӯшаш тар шуданд ва гӯшаш ношунав гашт. Тарс дар дилаш кора карда буд: нафас тангаш кард. Як ними рӯяшро аз об боло намуд. Як чашму лабу гӯшаи даҳон ба ҳаво гирифт. Чашмаш бомдодро дид; боре тааҷҷубзадаву ҳайрон, вале хеле бедард, фоҷиаи субҳгонаро нигоҳ мекард. Дар киронайи чапи соҳил деҳае месӯхт. Ва гурӯҳе мурдаҳоро дар об меафганданд.
Вақте чашми дигарашро низ кушод, дид, ки дарё пури мурда асту ӯ дар миёни мурдаҳойи зиёд шино мекунад. Сараш дар чизе зад, пеши чашмонаш пойҳои мурдаеро дид. Хост ребтар шавад, кӯшише ҳам кард, вале дар паҳлуяш мурдайи духтаракеро дид. Ба рост нигоҳ кард: пирамарде рӯ ба осмон мерафт.
Пас пайхас кард, ки дарё хеле гарон меравад ва сабукии пешинаро надорад; мавҷҳояш низ зери мурдаҳо монда ва гаронбор шуда. Мурдабор шуда.
Оташе баланд сӯи дарё медавид; мошине оташ гирифта буд. Омад, зад ба дарё. Бо шасту садо ва чарсу чурси зиёд ба қаъри дарё рафт.
Аз сатҳи об ки нигоҳ мекард, ҳама беҷон, фаҷеътару азимтару баландтар менамуд ва бештари сапедаи уфуқ ва суроби деҳаи оташгирифтаро аз нигоҳи ӯ паноҳ менамуд.
Ӯ кайҳо аз қаламрави шаҳр бурун омада буд. Вале ҳоло ҳам интиҳои сафари обияшро наметавонист аз пеш бибинад.
Рӯз буд, соат тақрибан даҳи пешин, ки рӯдхона ногаҳонӣ танг шуд ва онҳо дар тангное уфтоданд. Аҳли ғарқ рӯйи ҳам ғарам мешуданд, мисли селовард дар сангу буттаи соҳил дармемонданд, гоҳе мераҳиданд.
Вён Шаранг мурдае, надонист зан буд ё мард, дар пушт. Мурдаҳо зери каш, ду кас буданд, се кас буданд, надонист, дар тангно рафт. Ва ногаҳон табақе

бузургу гарону сангину гуруми ванҷӣ сахт болои сараш чаппагардон омад: ончунон ногаҳонӣ, ки натонист сарашро реб кунад. Аз зарб чашмаш сияҳ зад. Андаке ҳам мадҳуш буд. Дар оби сард аст, вагарна, беҳуш мегашт.
Аз ин тангно ба саломат, бе ҳич рӯйдоде, бо ҷамеи мурдагон, табақе бар сар, берун омад.
Баъди тангно дарё хеле осуда ва ором ҷараён меёфт. Як рӯди говпайкари фаҳул, пайкаре, ки ҳеч садое аз худ намебаровард. Як барзагове хаста, бо боре гарон бар пушт, явош- явон ба пеш ҳаракат мекард.
Аз ин буд, ки овози мардумонро шунид; зиёд набуданд. Як марди басин буд бо ду писару духтараш ва як марде дигар, шояд ҳаққу ҳамсоя ё хешу таборшон бошад.
- Падар, биё, мурдаҳоро бикашем! – гуфт яке
Падар буд, ки яке ба дурушти мегуфт:
- Мон, бача, ин кофирора мори дарё бихӯрад! Ҳо-о-о, ун табақи ванҷира бигир!
Вён Шаранг дар изтироб афтод. Ӯ акнун бо мурдаҳо хӯ гирифта буд, лек аз зиндаҳо метарсид. «Рӯяшонро дидан намехоҳам!»- мегуфт дар дил.
Акнун овозашонро мешунид ва табақи ванҷӣ ҳам дар сари ӯ буд.
«Кӣ мушобеҳи садои одамӣ дар телефон аст? Ва ҳар бор рӯйи одамони даргурез, хоҳ дар аъмоқи оина, хоҳ дар аъмоқи воқеият, рӯшан мешавад ва дар оғозу анҷомаш занг дорад. Танҳо туйи хушбахт, ки бача надорӣ,»- мегуфт ба худ дар ин лаҳзаи мағшуш.

Дар кӯдакӣ мешунид: ҳине, ки мардони дурушти деҳа бо ҳам ҷанг мекарданд, ҳамеша кӯшиш бар он доштанд, ки ҳарифи худро хортару пасттар ва расвотар намоёнанд, бад- ин рӯ, зану духтари якдигарро дашном медоданд.
Ва ҷанги кӯдаконро ба ёд овард:
- Ҳе, очата!..
- Ман оча надорам. Очаи худата!
- Ҳе, хоҳарта!..
- Ман хоҳар надорам. Хоҳари худата!
Ё мешунид:
- Ҳе, очата!..
- Э паат, ӯ оча надорад, очаш мурдагист. Чӣ ҳақорataш мекунӣ? Уболира намедонӣ!
Ва муътақид шуд, ки ба хотири супермен шудан бояд ҳам аз дороиҳои инсонӣ кам кард.

Аз гӯшаи рост, ки боевикҳои собиқ бо раиси ҳукумати имрӯзаи район мастӣ доштанд, марди пастаку хамӯше, ки аввал дида нашуда буд, ӯро нидо кард:
- Чӣ хелӣ, ошно?
- Мешавад, раҳмат.
- Мегирем,- гуфт ва қадаҳашро боло намуд.
- Мегирем!- низ нидо дардод Вён Шаранг.

Ҳар ду қадаҳҳошонро ба нишони эҳтироми якдигар бардоштанд, нӯшиданд. Вён Шаранг боз гӯш ба гилаи рассом ниҳод.
Вале он мард дубора садояш мекард.
Вён Шаранг нигоҳаш кард.
- Нашинохтим,- гуфт он мард.
- Не,- посухаш гардонид Вён Шаранг.
- Кофарниҳон дар ёдат ҳаст? Шаб, бачаҳо паронданит буданд, намондамшон.
Лаҳҷааш фалғарӣ буд. Аз фалғариёни муқими Варзоб буд.
Ногаҳ ҳама чиз ба ба ёди Вён Шаранг омад. Бе ваҳшату бе даҳшат он мардро нигоҳ кард, тарсу ҳарос аз ӯ рафта буд. Банохост маст шуд, гӯё маст шуд.
Ӯро пеши худ хонд.
Сардастаи собиқ омад, пешаш нишаст. Нӯшиданд. Аввал ҳам, ки ӯ омада буд, Вён Шаранг бо ҳамсоягон ошнояш кард ва пас нӯшбодӣ карданд. Сонӣ ҳам, бори дигар ҳам.
Акнун ба ҳамсояҳои дураш арз мекард, ки ин ҷавонмард ӯро, як шоирро, аз куштан раҳонид.
Ва менӯшид.
То он ки маст шуд.

Бемардинагӣ ба занон ҳувият бахшид.
Акнун дигар мардуме ёфт намешавад, ки мурдаро биёранд. Коҳин мурда буд, пайғамбар мурда буд, шоир мурда, молик ва ёғӣ, навкару гадо, зӯру нотавон, девонаву ҳушёр, ҳама мурда буданд. Бибӣ такя бар девори ғамноки руъёҳову андӯҳҳо ва устураҳойи шӯразадайи бесутун зада, ба дарозии умри худ овоз меандохт. Овоз ки мекашид, овозаш борик буд, мисли ришгайи пахта ва аз заъф садо надошт. Пинак рафт, ғанаб кард. Як соат дар он ҳол монд. Хобаш хеле ғарибона буд. Дар хобаш тарсид, дакка хӯрд. Чашмонаш гушуда шуданд. Зане дар пушторайи хеш мурда мебароварда. Роҳ аз пойин ба боло буд: кӯтал, хок, рег, похса... Мард- шавҳараш дар шоле хокистарирангу тира кафанпеч шуда, халтае дусара- ҳарду сар ғунчавор (қабзайӣ) баста буд: кафани хокистарии тира сияҳу вазнин. Роҳ танг ва сангвара. Кӯтал Аз лойи деворҳойи ғамгин, лобалойи нигасҳо, пинҳону падид миёмад. «Хобе тира ва ғамнок,»- фикр кард пиразан. Ва дид: бомҳойи хонаҳойи паёпайи пойин ғам бардошта буданд, гилашон хокистарӣ метофт.
Паропар шуд, овозе аз тирагиҳойи ҳол ба ғубори ангишт омад:
- Бачаҳоро бероҳа барен!
- Духтаронро хона бизанен!

Овози модар:
- Метонӣ бихезӣ, бачам?
- Мехезам.
- Дар хоки пот ҷонум, як илоҷ кун, ки мурдайи падар бечаноза намонад.
Писарак аз бистар бо ёрии модар бархост. Бо кумаки ӯ то ташнов рафт.
Аз пушти пардайи ташнов садойи хафаву гирифтайи модар омад:
- Ку, биё, бинам, бачам.

- Ина.
- Қариб саҳат шудаст- е. Тоза кунем, покат кунем, ки банамоз шавад. Оби сардаш бирезам, бачам?
Садойи резиши об аз сатил ба тағора ба гӯш омад ва уф задани писарак боло шуд.
- Як дамак тоқат кун, бачам, як дамак.
Писарак лаб ба таги дандон гирифта ва хомӯш буд. Дардро мардонавор таҳаммул мекард.
Модар писарашро дар либоси тозаву озода, бо тоқии нави бахмалии сияҳ берун овард. Аз дасташ гирифта буд модар, ба сӯйи дар мебурдаш ва мегуфт:
- Поҳота дур мон, ки тазйиқ накуниш.
Ва писарак ҳам акнун мекард пойҳояшро дур аз ҳам, кушод қадам мемонд.
Ҳар ду дар саҳни ҳавлӣ шуданд. Пас, пеши мурдайи кафанпеч, ки дар тобут мехобид, омаданд. Зан дуртар, дар рӯйи санг, нишаст. Писарак андаке таҳаммул кард, симойи муносиб гирифт, вазъи муносиб ҷустуҷӯ намуд. Саранҷом ором гирифт ва хеле ногаҳонӣ шурӯъ намуд ба гузаронидани ҷанозайи падараш:
Аллоҳу акбар!
Аллоҳу акбар!
Аллоҳу акбар!
Дастонаш пушти гӯшаш қарор доштанд. Чашмонашро пойин андохта, ба тақлиди калонсолҳо сар пеш афганда буд. Намози ҷаноза хатм шуд. Занон даст ба рӯй кашиданд ва аз ҷо бархоста омаданду тобутро бардошта, ба роҳи гӯристон рафтанд.
Писарак ҳанӯз ҳам рост истода буд. Ба роҳи рафтайи падар нигоҳ мекард, симояш ғамбор буд ва аз чашмонаш ашк мешорид...

Дар автобус бо шоири кали таги «шаст», ки хеле маст буд, бигӯ- магӯшон шуд.
Шоири пир ӯро зану хоҳар гуфта дашном кард.
Ва гӯё бори нахуст, шояд ҳам ҳамин гуна буд, чунин ҳақоратро мешунид. Аламаш кард, аз худ рафт. Шояд ҳам аввалҳо чунин ҳақоратро шунида бошад, вале таъсираш накарда буд?!
Бархост! Ва даст ёзонд, то аз гиребони шоири кали таги «шаст! бигирад!
Дигарон мехостанд раҳояшон кунанд. Садои хониши Одинаи Ҳошим ва Давлатманд, ки чигасҳо зери бағалаш нишаста буд ва суруде печидафарёд мекашид, ба ҷанги онҳо печид.
Ҳар ду- Вён Шаранг ва шоири кали пир миёни нишастгоҳҳои баланди автобуси куҳнаву шалақи «Интурист» сӯйи ҳамдигар ҳамла карданд.
Вён Шаранг даҳонашро калон кушуд ва бори нахуст баланд фарёд зад: аз забонаш дашном танин андохт:
- Ҳе, о-о-оч-а- та…
Оре, бори нахуст дашном дод!
Автобус медавид.
Вён Шаранг гарму самимӣ ҷанг мекард. Одамвор дашном медод.

Дашном медод ва шодмонӣ мекард. Одам шуда буд!
Одам шуда буд. Як одами хокӣ, миранда, дашномгар, на фариштa, на паранда, на абармард, на қаҳрамон. Як одам буд кунун ӯ.
Як одам буд; мисли ҳама одамон, ки дар дохили автобус буданд. Хонаву дар дошт, зану фарзанд дошт ва номуси онҳо номуси ӯ буд.
Ва автобус дар шаб медавид.
Ва ӯ акнун як одаме шуда буд хокӣ…

Соли 1995

ХИЁЛ
Қисса

СУРОЙИШ
Хостам гуле биншонам дар замини шеъре, ки аз деҳа хоҳам гуфт.
Шеъри деҳа мегӯям!
Шеъри деҳа мегӯям!
Хостам гуле биншонам дар замини шеър.
Гул пажмариду мурд.
Булбуле садо задам. Омад. Аз дуриҳо омад.
Дар доруҳои сапеду бунафши рӯйи хирманҳо
Афтиду нӯлаш дар чоши селитра рафт, дармонд.
Об шуд ва об шуду парҳош рехт.
Не, не, тифл намегӯям, кӯдак намегӯям! Зинҳор!
«Тифлакони шод» намегӯяму нахоҳам гуфт. Метарсам.
Метарсам аз он чӣ, ки хоҳад шуд.
Хостам шеъре бигӯям, шеъри деҳа бигӯям, лабонам мурданд.
Забонам мурд, лабонам мурданд. Забонам оҳан шуд.
Ва хиёлҳои дарозриши сияҳсалла гирд омаданд ба ҷанозайи лабҳоям.Ва зоғнӯли забонам (дар намаксанги тақдир) бо таассуф дахма меканад.
Афсӯс!

Нахуст дарвозаи во.
Ҳарду паррайи дарвоза чу болҳойи калхоти бемор шикаста ва хам, мушобеҳи устухони болҳойи паррехтайи парандайи бемори қадимӣ.
Дарвозайи қадимии куҳнайи рангбохтаи сафед аз офтоби тамуз чу мурғи бузурги оҷиз аз парвоз чӯҷаеро, ки дишаб мурда буд, аз оғӯши худ раҳо мекунад.
Се килову сад грамм.
Гӯшту устухону пӯст.
Месупоранд ба хок.
Се килову сад грамм кӯдак.
Кӯдаки ёздаҳмоҳа.

Ва боз ними моҳи дигар.
Тифлаки бесол.
Кӯдаки бебол.
Дар интиҳойи кӯдакони бехи деворҳо,
Ки ранҷи зистанро бар шонаҳойи устухони хеш
бардоштаанд.
Даҳанвоҷа мекунанд.
Ва бо дашном нони хушкида мехоянд.
Тифлакони пири бари дарвоза
Ва пирамардеро механданд.
Он марди тираруҳзро, ки чашмони обрави камнураш оламро
дар ғам тар мебинанд.
Ва ин пирии бемаргро нафрин дорад.
Дарвоза вост.
Дарвозайи пири хушкида
Аз лобалойи устухонҳояш, аз парраҳойи устухони болҳояш
Офтоб мерезад
Бар сари кӯдакони даргурез аз хуршед, ки
Дар синайи замин нишастаанду бо дандонҳойи нонолудашон дашном мехоянд.
Дарвозайи бози даҳанво
Бо синаҳойи шикаставу устухонӣ шамоли маргро аз хона меронад.

Хостам гуле биншонам дар замини шеъре, ки аз деҳа хоҳам гуфт.
Шеъри деҳа мегӯям.
Шеъри деҳа мегӯям.
Хостам гуле биншонам дар замини ин шеър.
Гул пажмариду мурд.
Булбулеро садо задам. Омад.
Аз дурҳо омад.
Аз доруҳойи сафеду бунафши рӯйи хирманҳо,
Афтиду нӯлаш дар чоши селитра омад.
Об шуд ва об шуд, парҳош рехт.
Не, не, тифл намегӯям!
Кӯдак намегӯям!
Зинҳор!

«Тифлакони шод» намегӯям,
нахоҳам гуфт. Метарсам.
Метарсам аз он чизе, ки хоҳад шуд.
Хостам шеъре бигӯям, шеъри деҳа бигӯям,
Лабонам мурданд. Забонам оҳан шуд.
Ва хиёлҳои дарозриши сияҳсалла гирд омаданд ба ҷанозайи лабҳоям.
Ва зоғнӯли забонам (дар намаксанги тақдир) бо таассуф дахма меканад.
Афсӯс!

Хуб, бибинем, чӣ мешавад?
Ва дар тааҷҷуб мемонам, ки чанор аз куҷо сабзид, чаро андешаҳои ман дар шохаҳои он мепечанд? Ин чанори бузург ба мисли дастаи дар пиллазада аст, ки дар пойи нигоҳам қарор гирифтааст. Ин чанори бузурги деҳа аст, ки мемирад. Андешаҳои ман дар шохаҳои он пилла метананд.

Хатти ҷӯякҳо дар ин замин ҷониби офтоб мебарояд. Ҳар кадоме аз ин мардум офтобро дар сари ҷӯяки худ медид ва буттаҳои ба ҳам печидаро аз ҳам дур карда, ба суйи он мешитобиданд. Барои онҳо пахта кам ва марра чун нишемангоҳи пахта дур буд. Абрҳо ҳар рӯз дар болои сари инҳо ҷамъ меомаданд. Инак, абре тумшуқи тарашро ба нӯги теппаи буланд монд. Аз таги абрӯвони овезон ба пушти хамидаи пахтачинон теғ мекашид. Ғуломи Ситора, ки харашро гум карда буд, ғур- ғур дошт. Ӯ кор гум кардааст. Аз ҳамон рӯз боз алафро бар дӯш бардошта хона меравад. Сафияро моҳаш наздик, коғази духтур овардааст, имрӯз бори охирон пахта мечинад, танҳо намебарояд. Минбаъд ҳар рӯз 30 кило кам– Ниёзи Сафар боз гап мешунавад Бозори табелчӣ қалами бехи гӯшашро афтонда буд ва ду соат боз ду каси дигарро аз пахтачинӣ мононда, секаса, дар миёни ҷӯякҳо, чорпо мегаштанд: охир, то баркашидани пахтаи мардум ним соат мондааст, бо чӣ менависад?
Даруни ин 49 сари хурду калон, лучу пӯшида, мӯйдор ва кал, ки миёни паллаҳо гоҳ нопадиду гоҳ пайдо мешаванд, ҳазор фикру ҳазору як ташвиш аст. Миёни ин ҳама ташвишҳои дунё боз ташвиши дигаре пайдо шуд. Ду нафар, бархилофи ойини мардумӣ, ин бегоҳ, пеш аз ғуруби офтоб, мехостанд лаҳзае танҳо бошанд. Номҳои ғалатие, акси фарёдҳо, нидоҳои шодиомези мардуми пахтачин рӯйи заминро мегиранд. Чӣ қадар номҳову лақабҳои аҷоибу ғароиб бисёранд. Бар сари ҳар кадоме ҳавуч- ҳавуч лақабу номҳои хандаовар мерезанд. Вале имрӯз Нуралӣ лаб ба табассум намекушод. На овози Бозор хурсандаш мекард, на анҷоми кор. Ҳатто ҷониби офтоб нимнигоҳе накард. Пештар аз шаб дили ӯ тип- торик шуд: на офтобро медид ва на акси бозингари онро дар рӯи одамон. Гоҳе ки ба офтоб нигарист, доғеро дид ва ба таги дилаш хурсандӣ дамид: Офтоб хам доғ дорад!
Ман дар болои тележка мерафтам, ҳамаро медидам, қариб ҳамаро. Ӯро ҳам медидам, ки безобитаву парешон буд ва ҳар замон номаълум ба сӯе чашм медавонд. Вале он чиро ки диданӣ буд, намедид. Ман ҳам дар баландӣ будам, метавонистам бинамаш. Бисёр мехостам ба кадом тараф нигоҳ кардани ӯро фаҳмонам, ки бинад, вале худро доштам. Бадӣ хуб нест. Гап кайҳо ба даҳани мардум афтода буд. Аз саҳар мардум баробари масъалаҳои рӯзгору зиндагии худ гапи онҳоро низ ба миёни суҳбати ду- секаса мепартофтанд

Мардуми деҳаи Аспирингон ба мурдаҳо бештар эҳтиром доранд ё ҳамин ҳақиқати Хиёл аст ё баръакси ин дар ҳар ду сурат фикри Хиёл ҳамин асту дигар намешавад. Махсусан, баъде ки сағонаи куҳнаро дучор омаданду устухони бисёри одамӣ андаруни он диданд, ӯ ба ин фикр маҳкамтар часпид ва эътимод ҳосил кард, ки ҳеҷ ҳодисае мардуми деҳаи Аспирингонро дар ҳайрат намемонад: онҳо гап меёбанд, паст намеоянд. Ҳаргиз!

Онҳо ду кас буданд. Яке дароз буду дигаре кӯтоҳтар. Онҳо дар хок андар буданд, қабурғаҳояшон аз хок метобид. Дар сағонаи калони гаҷловида ӯро ҳаяҷоне фаро гирифт. Ин тарс набуд, шодӣ ҳам! Ин ларзиш дар фазои сағона аз омезиши ҳавои имрӯз бо ҳавои ҳазорон сол бо мурдаи ҳамроҳи мурдаҳои дигар хобида ба вуҷуд омада буд. Аз ҳавое, ки бо мурдаҳо ҳазор сол дар маҳбас буд. Ӯ бори аввал ҳис кард, ки замин пир аст. Одамони ӯ

ҳам. Ӯ бори аввал мафҳуми инсоният, таъриху умри ояндаро сарфаҳм рафт. Дар ин сағонаи қадимаи хиштин рӯй ба рӯй ду скелети паҳлуи ҳам хобида.
«Барои чӣ онҳо ҳамроҳ гӯронида шудаанд? Тоқиканд ё аҷнабӣ инҳо, то омадани арабҳо дафн шудаанд, ғайримусулмонанд? Чаро охир онҳо якҷоянд, зану шавҳаранд? Ҳа. Пас баробар мурдаанд. Магар ин тасодуф нест? Шояд. Ё ҳамон ривояте, ки мард пештар мурад, занро бо ӯ, агар зан мурад, мардро бо ӯ зинда мегӯронданд, ҳақиқат аст. Ҳақиқат ҳам бошад- чӣ?! Агар яке аз онҳо зинда мебуд, ягон нишонае аз талвосаи ҷонкании ӯ мемонд. Ҳеҷ гоҳ ӯ ин тавр дар паҳлуи ҳамроҳаш батартиб дароз намекашид. Фақат мурдаҳоро паҳлуи ҳам, ин тавр дароз гузошта, мехобонанд. Пас ҳардуро мурда ин ҷо гузоштаанд. Ҳа. Ба ҳақиқат наздик аст. Не, худи ҳақиқати ҳол ҳамин аст. Чаро онҳо якҷоянд? Наход баробар мурда бошанд? Бо кадом сабаб? Аз чӣ мурда бошанд? Чаро занро якҷоя бо мард гӯронидаанд? Чӣ рамз бошад ин? Шояд ду дилдода бошанд, ки мақтул гаштаанд. Ҳаргиз! Агар ҳамчунин мешуд, онҳоро бад- ин обрӯ дар сағонаи хиштину гаҷин дафн намекарданд. Инҳо зану шавҳаранд, ки ба ҳам бас меҳрубон будаанд ва дар рӯзгори хуррамашон ба ҳодисае дучор шудаанд.
Мағзе аз ин андешаҳо меҷӯшид. Ҳаминро ҳал кардан даркор. То ҳол онҳо ин гуна ҳодисаро нашунида буданд. Акнун ба чашми худ диданд. Ҳамин даври зиндагии сокинони ин заминеро, ки дар болояш истодаанд, аниқ кардан даркор. Баъдан осон, 1200 сол ҳеҷ гуна тағйироте нест. Марду зан натанҳо дар қабр, балки дар зиндагӣ низ паҳлуи ҳам намеистанд. 1200 соли таърихи заношӯӣ маълум. Амри падар воҷиб! Ҳар касеро хоҳад, духтарашро ба ҳамон медиҳад. 1200 сол, ҳамин 1200 сол. 1200…
Не, шояд Хиёл бисёр тарафҳои рӯзгори гузаштаро надонад.
То ки умри ин дахмаро аниқ кунанд, Абдуллозодаву Хиёл чи қадар китобҳои таърихиеро, ки дар дасти зиёиёни деҳа буд, гирд оварданду варақ заданд. Ҳеҷ гуна далеле наёфтанд, ки иддаои ҳардуи онҳоро пеши мардум эътимоднок гардонад, тақвият бидиҳад. «Ин гузаштаҳои мардуми мост, пештар ана ҳамин тавр зану мардро гӯрашон як буд,- мегуфтанд онҳо.- Ин ойини гузаштагони мост.» Касе, албатта, ба онҳо эътироз намекард, вале онҳо хуб медонистанд, ки мардуми зоҳиран хомӯшу ботавозӯъ дар назди дахма истода, рост будани фикри Абдуллозодаро намехоҳанд. Фақат ҷавонон- шогирдони Абдулзода бисёр мехостанд асли воқеа ҳамон тавре бошад, ки ӯ мегӯяд. Хиёл ҳам чунин фикр дошт ва ҳайрон буд, ки одамон ин лаҳзаи, шояд барои онҳо бори наҳуст бошад, нотакрорро бо хунсардӣ, хомӯшу хунук мегузаронанд. Охир ин лаҳзаҳо пайванди вақт, асрҳо, солҳои гуногуни таърихи инсонианд. Пеши назари онҳо гузаштаи дуру номаълуму сеҳрангези бо рӯзгори онҳо пайванд ҷилвагар аст. Онҳо бо навбат ба ин сағонаи куҳан даромаданд, вориди асрҳои дур шуданд, лаҳзае аз ҳавои гузаштаи мағорбаста нафас гирифтанд. Хостанд нотакрорию бузургии ин лаҳзаҳоро идрок кунанд
Чӣ шуд, ки ин гап баромад? Кӣ гуфт? Хиёл ҳеҷ ба хотир оварда наметавонист. Дарси таърих буд. Занг заданд. Муаллим ҳанӯз дарс мегуфт. Дертар аз синф баромаданд. Гапи нав акнун даҳони онҳоро во мекард, ки муаллими таърих ба наздашон омада, «Шунидед, қабре ёфтаанд, дарунаш ду одам хоб будааст. Рафтем,»- гуфт. Ҳама китобҳоро гирифтанду аз мактаб баромаданд: ҳам духтарону ҳам писарон. Дарси таълими меҳнат буд. Гурехтанд.
Аҷоиб! Сағонаи хиштини гунбадшакл андаруни замин ниҳон буд. Болояш ҳамвор, ду- се ваҷаб хок гунбади сағонаро мепӯшонд. Бели трактор ба сағона расида, онро саҳл шикофта буд. Чанд хишт ба дарун афтида, дар пеши пойи устухонҳойи чангхӯрда болойи ҳам, бетартиб, мехобиданд. Онҳо ду кас буданд. Дароз мехобиданд, дасти рост тарафи офтобшин. Яке дароз буду дигаре саҳл кӯтоҳ. Ба зиёрати ин дафинайи қадимию ношинос нисфи мардуми Аспирингон омада буданд. Пичир-пичир гап мезаданд, гӯё дар мурдахона нишаста бошанд.
- Хайр, дидед? Шуд! Равед! Ин ҷо тамошо карда бишинед, пахтаро кӣ мечинад?- мегуфт Шонабот.

Дафина дар назди шипанги ӯ ниҳон буд. Ӯ мегуфту медонист, ки мардум камтар аз як соат дар назди ин сағона намеистанд. Худаш ҳам чандон саросемагӣ зоҳир намекард, дарунтари одамон медаромад ва ба сағона наздиктар мешуд.
Хиёл аз рахна гузашта, ба даруни сағона даромад, муаллими таърих Абдуллозода ҳам тоқат накард: чанд хишти дигарро аз рахна гирифта, онро фарохтар кард ва пас ӯ ҳам вориди сағона гардид.
Косахонаи сар, қабурғаҳо ба замин сахт часпида буданд. Хиёл бо ангуштонаш онҳоро аз замин меканд.
- Яке зану яке мард аст,- гуфт Абдуллозода.– Зану шавҳаранд ё не, инаш дар гумон.
Чанбари косаи скелете, ки кӯтоҳтар буд, нисбат ба дигараш хеле калон буд. Онхо паҳлуйи ҳам мехобиданд. Яке кӯтоҳ буд, дигаре дарозтар, зану шавҳар буданд ё ду дилдодаи ноком- номаълум. Дониши муаллим барои аниқ гардонидани ин масъалаҳо нокифоя буд. Фақат ҳамин равшан буд, ки яке зан асту дигаре мард ва ҳар ду паҳлуйи ҳам хобидаанд. Қабрашон аз хишт аст, бо гаҷ ловида, дарунаш- фарох.
Киянд инҳо? Чанд ҳазор сол умр доранд? Аҷдодони онҳоянд магар мардуме, ки болои дафина истодаанд?
Хостанд ба марказ хабар диҳанд, археологҳоро даъват кунанд. Шояд саҳифаи наве аз таърихи инсоният ба мардум боз гардад. Ба як қарор наомада буданд, ки чанд мардаки чаққон ба рахнайи сағона чим заданд, ба рӯяш хок кашиданд ва гирди сағонаро хандақ кофтанд. Чанд рӯз пас гирди сағона тавора пайдо шуд. Қаровули шипанг- Қарача ходайи дарозеро ба сари сағона хасту дар нӯги он чойники нӯлшикастайи бедастаеро андармон намуд. Поёнтари хода латтайи сапед низ баст. Ҳангоми аз назди он гузаштан одамон, хоҳ пиёда бошанд, хоҳ болои мошин, даст ба рӯй мекашанд. Сағона дар сари роҳи калон буд.
Ва Хиёлро боз фикри роҳ ба сар омад. Ӯ дар ин роҳи хомӯш хеле рафтуо кард. Саҳар дар мошин, бегоҳӣ- савори тележка, вақти хондан, нисфирӯзиҳо, баъди дарс- пиёда. Гоҳ танҳо, гоҳ бо ҳамсинфонаш, гоҳе ҳарду танҳо- Хиёлу Сабо.
Дар миёни роҳ ҳайкале аз дур намоён мешавад. Вай дар болойи теппайи баланд. Аз ин ҳайкал чашм намекананд. Ин ҳайкал Наим аст- саркори бебадали бригадае, ки падарони модарони онҳо аъзои ваянд; ва солҳост, ки ана ҳамин тавр субҳидам, нисфи рӯз, вақти шом, се бор дар як рӯз, ӯ ба ҳайкал табдил меёбад Субҳидам мардум ин ҳайкалро аз дур дида, қадамҳошонро метезонанд, нисфирӯзӣ лаҳзайи дамгирӣ кӯтоҳтар мешавад: дароз кашида лаҳзае фароғат намуданро эб намебинанд, вақти шом аз замин дертар мебароянд. Одами бетоқатест, на худаш ором дорад, на мардумро осуда мегузорад. Ба замин кам хам мешавад, магар баҳорон, вақте ки раъд меғуррад, осмон сиёҳ мешавад ва ба замин жолаҳойи сафед мерезанд.
Хиёл ӯро дар ин лаҳзаҳо дида буд. Хам куҷо? Ба замин парӯ хобиданашро дид. Ин вақте рӯй дод, ки жола пайи ҳам чанд рӯз фақат пахтаҳойи замини ӯро абгор кард. Жола банохост омад. Мардуми сафолатшикан гумон доштанд, ки жола тез мегузараду корро давом медиҳанд, аз замин набаромаданд Баъд жола сангҳо барин омад. Мардум дар таги шифти

мурғхона панаҳ бурданд. Фақат Наим дар миёни замин монд. Ӯ гоҳ ба ин тарафу гоҳ ба он тараф медавид. Дастонашро паҳн карда медавид, гӯё бо ин ниҳолҳойи дубаргро аз сели жола мераҳонид. Жола тухм барин буд- сафеду сахт. Баргҳо ғалбер мешуданд, меканданд, пора- пора шуда, миёни чӯякҳо мерехтанд. Ниҳолҳо зери лахчаҳо гӯр мешуданд. Ӯ дод мегуфт, медавид, пешпо хӯрда меафтид. Назди ниҳолҳо зонӯ мезад, бо кафаш рӯйи онҳоро мепӯшонд, канда шудани барги дигареро дида, фаврӣ худро болои он мегирифт, ба умеде, ки яке аз ниҳолҳоро аз фалокат нигоҳ дорад. Жолаҳо ба сару рӯйи ӯ мерехтанд. Дардро ҳис намекард, танҳо… Танҳо ғалоғулаву садойи рақиберо мешунид, гумон мекард, ки мошинҳойи бисёре аз осмон ба сари пахтаҳойи ӯ сангу шағал мерезанд. Аз ҳол рафт. Ё бехудона будани ҳамайи ин даводавиро дар муқобили балои азим фаҳмид. Истод. Пичакашро аз тан кашид ва болойи наздиктарин ниҳолҳойи наврасида партофт, худ низ парӯ афтид. Жолаҳойи дар пеши рӯяш бозӣ кардаистодаро дошта мегирифт: хашмгинона зери дандон монду қира- қира хойид. Об карду фурӯ бурд.

Хиёл ҳамайи инро дида буд. Ҳама дида буданд: хурду калон, зану мард. Аз ин рӯ, ба дилсӯзии ӯ дар ҳаққи ҳар ниҳол, ҳар кӯрак ва ҳар пахтайи шукуфта шубҳа намекарданд.

«Кош, ба тамоми колхоз рехта бошад! Кош, нисфи пахтайи колхозро нобуд карда бошад! Ақаллан ду ва ё се бригадаро, фақат заминҳойи ӯро танҳо не. Ӯ аз танҳойӣ метарсад. Фалокат биёяд, бар сари ҳама биёяд,»– фикр мекард Наим дар он лаҳзахо ва ҳам замину ҳам осмону ҳам пахтаву ҳам одамонро нафрин мехонд. Вале касе онро намешунид, онҳо афту дарафти Наимро баройи пахта мепиндоштанд. Хиёл ҳам чунин фикр дошт. Вале баъд Сабо низ майли саҳро карду дар роҳи дароз баъзе гапҳо гуфт, ки Хиёл дар тааҷҷуб монд. Аз он ки қариб чизеро намедонистааст.

- Сабо нияти саҳроравӣ дорад,- гуфт модараш оҳиста ба падари ӯ.

Наим, падари Сабо, аз ин азми духтараш ҳеҷ хурсанд нашуд. Баръакс, ҳайрон монд.

- Барои ӯ хонайи салқин беҳтар нест? Саҳро гулистон не, ки…

Инро агар Сабо нею каси дигар мегуфт, бовар намекард. Ӯ табиати падари Саборо қариб намедонистааст.

- Одамон гул чида намегарданд. Пахта хуни одамро хушк мекунад, ҳаво метафсонад, майна меҷӯшад,- мегуфт ӯ ба модари Сабо.– Ту аз хона шиштанат ягон зарар диди?

Аз рӯзе, ки ӯ ба хонайи Наим гузашт, саҳроро дигар дар хоб дид.

- Ҳеҷ гап надорад, равад, дугонаҳояш ҳастанд, баҳри дилаш кушода мешавад. Чӣ бадӣ дорад, равад,– гуфт модар.

«Занака бубин! Гӯё духтараш дар пешаш бошад, нафасаш мегардад. Тавба!»- аз дил гузаронид Наим ва гуфт:

- Дугонаҳоша дар мактаб мебинад!

Ӯ аз хона бадар рафт.

Наим як гап дошт: Сабо бояд бихонад. Фикр мекард, ки духтараш ба саҳро барояд, дилаш аз хондан мемонад. Ин гап ҳамеша дар нӯги забонаш мегашт, ҳар касе ҷуръат пайдо карда, набудани Саборо миёни духтарон гӯяд, аз ӯ

ҳамин гапро мешунид. Таъкид мекард, ки Сабо ҳатман мехонад. «Ба ягон мактаби дуруст бояд дохил шавад,»- мегуфт ӯ. Вале Сабо ҷуръат кард, гапи падарашро гардонд; ба саҳро омад ва дар пеши падараш беовозу беҳаракат истод. Наим хашмгин гашт, вале дар пеши чашми мардум ӯро коҳиш накард. «Бале, омадӣ?»- гуфт ва табассум кард. Одамон хурсанд шуданд: «Натанҳо фарзандони моро ба саҳро мебарорад, духтари бемору рангкандайи худро ҳам оварад,»-мегуфтанд онҳо.

Хиёл боз фаҳмида буд, ки Сабо дар хона хандайи падарашро кам дидааст. Модараш ҳам кам механдад, ҳамеша орому хомӯш аст. Ва кӯшиш мекунад, ки ҳама вақт ба ҳар амру фармони ӯ тайёр бошад. Наим дар назди духтараш ҳалим аст, вале намехандад. Боре ҳам духтарашро навозиш намекунад, намебӯсад, вале аз ӯ қаноатманд аст. Вақте ки кӯдак буд, лӯхтак бофт, модараш ба коре банд буд ва ӯ лӯхтаки нотамомро аз замин гирифта, риштаҳойи зарду кабудро гирди гардани ӯ печонд ва ба Сабо дод. Сабо инро ба Хиёл намегӯяд. Медонад, ки мардон ин корро бояд накунанд, айб аст. Кӣ бовар мекунад? Як марди бовиқору салобатдор мешинаду ба духтараш лӯхтак мебофад. Ҳанӯз нон ҳам мепазад. Дасту остин бармезанаду рафидаву остинча мегирад. Модарашро имо мекунад, ӯ Саборо аз нонхона мегуселонад, ки рафта бозӣ кунад ё телевизорро тамошо кунад.

Сабо ҳоло падарашро фаҳмида наметавонад. Интизори чизе буд. Барои фаҳмидани ӯ ҳодисае бояд рӯй медод ва дар ин ҳодиса ӯ падарашро бояд медид, мешинохт, мефаҳмид. Баъд ҳисси дигари дар дил ниҳоне дошт, ки он каме ба бегонагӣ ва тарс омехта буд; Сабо мехост дар нисбати он бепарво бошад ва басо мешуд, ки баробари боло шудани он ҳис ӯ онро аз нав ба ҷои пешинааш, ба қаъри дил, фурӯ менишонд, вале аз худ ронда наметавонист. Сабаби онро намеёфт, гумон мекард, ки баъди шунидани ҳикояти арӯсии модараш пайдо шудааст.

Рӯзи нахустини арӯсӣ, вакте ки ҳарду танҳо менишастанд, пишаке сари дастархон омад. Ҳанӯз бо ҳам шаб нагузаронда буданд, ҳамгап набуданд ва Наим овози ӯро нашунида буд. Бе он ки сухане ба Наим гӯяд, пишакро пишт гуфт. Наим хашмгин шуд, пишакро дошту ду даррон кард. Арӯс то чанд рӯз аз ҷой бархоста натавонист. Бемор буд.

Ҳисси номафҳуми Сабо аз ин ҳам набуд. Ким- чизи аз ин зиёдтаре ӯро аз падар дур медорад. Гоҳо мисли хоби даҳшатнок наздик мешавад ва тарси сирри он равшан нагашта, боз нест мешавад. Ҳисси аҷибе. Модараш рангкандаву бемор аст. Зиндагиаш ҳам ранге надорад. Ҳузновар аст. Як хел. Ҳар рӯз якранг! Кайҳо ба ин одат кардааст; хомӯшона чой мемонад, хомӯшона бо дастони камқуввати худ мӯза аз поий шавҳараш мекашад, хомӯшона ҷойгаҳ тахт мекунад, беовоз паҳлуйи шавҳараш медарояд. Гапашро танҳо ба Сабо мегӯяд, дилашро ба Сабо мекушояд. Духтарашро дӯст медорад, баройи ӯ Сабо зиёдтар аз ҳама аст- мисли дугонайи ҷонӣ. Розҳойи ҳамдигарро медонанд. Ба ҷуз як розе…

Хиёл мепурсад, ки ин чӣ розест? Сабо механдаду намегӯяд. Хиёл ҳам ӯро сахт пурсуков намекунад. «Медонам, ягон кас боз мактуб навиштааст аз бачаҳойи мехондагӣ,- фикр мекард дар он лаҳзаҳо Хиёл.- Дилаш тоқат

намекунад: медонам, ўро мебинӣ, ки пагоҳ аз соқи мӯза ё аз чоки гиребонаш, ширин- ширин карда, коғази чорқатеро мебарораду «Ма, гир, хон! Бубин, одамон чиҳо менависанд,- мегӯяд ӯ.» Хиёл нахонда ҳам медонад. Медонад чӣ навиштаанд. Қатъӣ бовар мекунад, ки ӯ ҳеҷ гуна, ҳеҷ ин гуна суханҳоро ба рӯйи коғаз навишта наметавонад, касе ҳам аз забони ӯ нахоҳад шунид. «Ишқ, дӯст медорам, даргирифтам, маро нагирӣ, мемурам!»- андомашро каҷу килеб намуда, масхара мекард ӯ номанавиштагони Саборо. Вале ин дафъа ҳеҷ номае ба Хиёл наоварда. «Ягон гапи ҷиддитар будагист,»- фикр кард Хиёл.

Хаёл ба ҷогаҳ даромад, беҳад мехост, ки лаҳзае ба олами хоб гузаштани худро дар хотир нигоҳ дорад. Чашмашро мепӯшид, симоҳо, манзараҳо дар пеши назараш ба ҳаракат меомаданд. «Хоб ҳам инчунин аст,- фикр мекард ӯ.– Фақат пеш аз хоб бо чашми пӯшида фикрҳо баён мешаванд ва ту мебинӣ, ки гӯё ба онҳо аз бистар назар меандозӣ. Вақте ки хоби худро андаруни фикрҳоят мебинӣ, миёни симоҳо, манзараҳо, воқеаҳо. Хоб шакли бадеӣ ва баландбардошташуда, шакли муболиғаноки дарки воқеият аст. Хоби ҳар шаб дида китоби нав, филми нав барин аст, ки ту қаҳрамони он ҳастӣ ё ягон иштирокчии муқаррарӣ. Ба ҳар ҳол дар давоми шаб ба ҳазор кас, ба ҳазор симо мубаддал мешавӣ, ҳазорон воқеа ба сарат меоянд. Азбаски ин ҳодисайи биологӣ ва руҳонӣ аст ва ба организми инсон низ таъсир мегузорд,- ба хотир меоварад ӯ дарсҳои анатомияро ва давом медод ӯ фикрашро,- масалан, рӯзона аз саг ё ягон чизи дигар битарсам, ҳамту мегузарад, агар шаб дар хоб тарсида монам, саҳар ба лабу даҳонам нигоҳ карда наметавонам. Ҷо ба ҷо табхол медамад.»
Ин қиссаро ҳама медонанд, то оне ки мӯйи болойи лабаш сиёҳ шуд, аз ҳама одамҳое, ки тасодуфӣ ё бо коре, ё ҳамин тавр, аз рӯйи шиносойӣ, ё таваҷҷӯҳ бо онҳо ҳамгап шудааст, як борӣ шунидааст. Вале ҳеҷ кас намегӯяд, ки аз куҷо шунидаасту кӣ гуфтааст. Гӯё ҳама инро ба чашми худ дидаанд. Модараш низ, то ҳоло боре ҳам аз деҳа ба ҷое сафар накардаасту бибикалон ҳам. Ӯ, умуман, аз ҳавлӣ берунро намедонад. Ҳар кадом даҳборӣ, бегоҳиҳоии зимистон, дар назди печкаи гарм бо кайфияти хоссе онро ҳикоят мекунанд:
«Духтараке бо падару модари пираш рӯзгори хуше доштаанд. Духтар ба волидонаш эҳтироми хосса доштаасту аз онҳо сипосгузор будааст. Ба рӯяшон нигоҳ намекардааст, ки мабодо нигоҳаш сахт нарасад. Суханашонро ба замин намегузоштааст. Онҳо низ ягона духтарашонро аз ҳар ҷониб азиз медонистаанд ва ҳама буду набудашонро баройи ӯ сарф мекардаанд.
Рӯзе мӯйсафед духтарашро бо худ ба шаҳр мебарад. Онҳо дар як кунҷаки автобуси дарозе менишинанд. Ҷавоне дуртар аз онҳо рост меистодааст. Духтараку писарак чашм ба чашм шудаанд ва дуру дароз ба ҳам нигоҳ кардаанд. Мӯйсафед, ки аз аввал дар курсии мулоим пинак рафта буд, чашм кушода нигоҳҳойи ба ҳам дӯхтайи онҳоро мебинад ва дар қаҳр мешавад, рӯймоли духтарро поён мекашад, ба рӯйи чашмаш мефарорад, ҷавонро коҳиш мекунад ва ўро дуртар аз нишастгоҳи духтараш тела медиҳад. Вале онҳо боз ба ҳам менигаранд. Мӯйсафедро кирдори духтараш меранҷонад. Ӯ

худро миёни мусофирони автобус шармандаву шармсор мебинаду даст ба дуо мебардорад, ки Худо чашмони духтарашро бигирад- чашмони сиёҳи духтараш сафед мешаванд. Духтарак дасташро ба ҷониби ҷавон дароз мекунад. Ҷавон дастони ўро мегирад. Мўйсафед дубора даст ба осмон бардошта, чизе зери лаб пичиррос мезанад. Дар пеши назари мардум дастони духтарак дар дасти ҷавон ба сумми хар табдил меёбанду оҳиста ба дасту рўю баданаш пашми маҳини сафед медамад. Ва якбора мардум дод мегўянд. Шофирро огоҳ мекунанд ва ў мошинро нигаҳ дошта, харро дар даруни автобус мебинаду бо қаҳру ғазаб соҳиби харро мепурсад. Мўйсафед аз ҷояш мехезад. Шофир ҷанҷол мебардорад ва барои харро ба автобус даровардан аз ў ҷарима ситондан мехоҳад. Мусофирони бехабар аз асли воқеа низ барои беҳурматиаш дар ҳаққи одамони автобус ўро сарзаниш мекунанд. Фақат ҷавон ба ҳимояи мўйсафед мехезад ва ба шофир ҳақиқати ҳолро нақл карда мегўяд:

- Мўйсафедро беҳуда ранҷа медоред! Ин хар не, духтари ўст!

Чи шўре ба по хест. Мусофирон валвала бардошта, ба сари ҷавон ҷамъ шуданд. Ўро хомохом хўрданӣ буданд, муштҳо баланд, ба тори автобус мерасиданд: «Беҳурматӣ макун аз худат бузургро! Садқайи номи ҷавонмард шавӣ, ту дайду! Як одами аз худ калонро масхара мекунӣ, ў падарат мешавад, бадзот!»- нидо мекарданд мусофирон ва ўро ба берун кашиданд.

Шофир пурхашм шуд. Ў одамҳоро боздошт ва гуфт, ки нияти имрўз ба манзили муродашон расидан доранд ё не? Агар ба шаҳр рафтанӣ бошанд, биёянд, харро аз автобус фуроранд. Онҳо харро аз думу гўшу аз гарданаш бардошта, аз автобус ба замин тела медиҳанд. Мўйсафед ҳам мефарояду саллаашро ба гардани хар андохта, аз канори автобус дур рафта роҳ пеш мегирад.»

Хаёл то хеле, то калон шуданаш, ба ин воқеа бовар мекард ва ба ҳар чизу каси дучор омадааш бодиққат менигарист: дар онҳо монандиеро ба он духтар меҷўст. Акнун ки ў ба воя расидааст, на ба афсона бовар мекунад, на ба бибикалон ва на ба Худо, ҳатто шабҳо аз боғи Робинзон танҳо мегузарад. Вай ба ин ҳикояти ҳузнангез, барои чӣ бошад, бовар кардан намехоҳад. Вақте ки галла- галла харҳоро соҳибонашон аз деҳа меронанд- акнун онҳо барояшон даркор нестанд, ба кор онҳоро мошин мебарад, аз кор мошин меорад, дар саҳро алаф нест, ба говҳо нон медиҳанд, ба парандаҳо гандум– ба назари Хиёл онҳо ҳамон духтараки ба нафрини падар гирифторшуда барин менамоянд, ки аз хонаи падар ронда шудаанд. Инҳо андешаҳойи даруни ўянд. Албатта, ў вақти ин гуна андешарониҳо лаб фурў мебандад, ки мабодо ба нўги забонаш набароянд. Акнун ў ҳам худро писари калон- одами маърака медонад, як- ду бор маззайи шаробро низ чашидааст ва ҳеҷ гоҳ бо ин фикрҳои тагикўрпагӣ худро хандасори мардум карданӣ нест.

Гоҳ- гоҳе ба Сабо баъзе фикрҳояшро мегўяд. Ў духтари хуб аст, сирру асрореро, ки ў медонад, дар ҳисоб намегунҷанд ва ё аз Хиёл онҳоро пинҳон намедорад. Масалан, сирру асрори пайдоишу таваллуди кўдаконро ҳанўз дарси анатомияро нагузашта, бо ҳама тафсилоташ аз Сабо шунида буд, ки то ҳозир, баъди дарси анатомия ҳам, аксарияти ҳамсинфонаш аз ин савдоҳо

бехабаранд. Ба Сабо бовар кардан мумкин. Ва ҳамин тавр рӯзе ба Сабо мегӯяд, ки хайрият, дар хонайи одамон ба ғайри кӯдакон хару сагу пишак ҳам ҳаст, набошад, одамизод кайҳо аз рӯйи замин нест мешуд. Ӯ дар ҳайрату тааҷҷуб мемонад ва чашм аз даҳони Хиёл намебардорад: мехоҳад тезтар ин ҳақиқати нав кашф гардидаро шунавад. Хиёл бо ҷиддияти том қиёфаи файласуфона ба рӯй кашида, ин ҳақиқати талхро баён намуд: «Қариб ҳамаи мушти ба сари мо равоншуда ба онҳо насиб мешавад. Бечора хар ҳайвонест шодӣ карда наметавонад: наменолад, вақте ки алаф медиҳандаш, наменолад, вақте ки мезанандаш.»

Сабо низ гӯё ба ин суханонони оқилонаи Хиёл розӣ мешавад. «Дар ҳақиқат,- фикр меронад ӯ,– кӯдакон табассуми ширине доранд, ки баробари сипари пулодин онҳоро аз хашми падар ё аз қаҳри модар ҳифз мекунад ва боз гиря дорад, ки аз химчаи якум чирросӣ мешаваду дили хашмгирифтаи падар таскин меёбад ва аз таъсири химчаи тар қаноатманд мешавад. Хар табассум намекунад, шафқат намепурсад ва низ намегӯяд, ки «Дигар намекунам,»- пеши соҳибаш тавба карда наметавонад. Шояд ҳамин авф пурсидани ӯст, ки вақти калкакро дидан сар хам мекунад.»

Хиёл андешаҳои Саборо медонад. Бори аввал нест, ки онҳо бо ҳам ҳамроҳ мешаванд. Роҳи мактаб чи қадар дароз аст! Гап тамом мешавад, онҳоро чанд бор такрор мекунанд, чанд бор ҷанг мекунанд, оштӣ мешаванд, баъд, банохост, пешонаашон ба дарвозаи хонаи Сабоино мерасад. Ду қадам дуртар хонаи онҳост. Хиёл ин роҳро чандон нағз намебинад. Роҳе дигар ҳаст, ҳам кӯтаҳу ҳам серодам, саг надорад, бештар кӯшиш мекунад, ки бо ҳамин роҳ раванду бо ҳамин роҳ ба хона баргарданд. Вале Сабо якрав аст. Доим гапи худашро мегузаронад.

Дар поёнтари ин роҳ тути калон ҳаст, ки мазааш қанд барин. Хиёл бошад, на ба ин тут ва на ба он ҳавлие, ки тут дар он аст, нигоҳ карда наметавонад. Ӯ аз ин ҳавлӣ метарсад. Ҳавлӣ соҳиб надошт. Дошт, вале мурд. Соҳибаш як вақтҳо раис буд. «Ба нохуни фарзанд зор аз дунё рафт,- мегӯяд бибикалонаш.- Се зан гирифт, фарзанддор нашуд. Охиринаш ҷавонтар буд. Хешу таборонаш яке аз хешони дигари худро, ки Сарвиноз ном дошту хеле ҷавон буд, тайёр карданд, ки ӯ як худро санҷида бинад, шояд баҳраш сабз шавад. Умри одамӣ умри чанор нест. Чанде нагузашту раис мурд.» Кӣ медонист, ки чанд соли дигар умр мебинад мӯйсафед? Занаш танҳо монд, мардум мегуфтандаш, ки ҳанӯз ҷавон аст, аз нав шавҳар кунад. Фарзанд меваи ширин, ҳар чи хел ки набошад, соҳиби дастгирӣ мешавад, вале Сарвиноз ҳеҷ розӣ нашуд. Ҳанӯз ҳам хотираи мӯйсафедашро пос медорад. Мӯйсафед коммунисти куҳна буд, ҳар боре, ки бо Хиёл дучор меомад, ҳамин суолро медод: «Туро бисёр доно мегӯянд. Канӣ, бигӯ, минимум чисту максимум чист ва инро партияи болшевикон дар кадом съезд гуфтаанд?» Хиёл, ки ин чизҳоро ҳанӯз намедонист, хомӯш мемонд. «Пас мардум муҳобот мекардаанд, ту ҳеҷ балоя ҳам нахондаӣ,»- мегуфт раис ва роҳашро давом медод.

Сарвиноз ҳоло дар хонаи додараш зиндагӣ дорад, фарзандони ӯро парасторӣ мекунад. Чӣ шавад, ки суол ба ту медиҳад, ки дармонӣ. Ӯ рози одамонро,

рози ҳайвонотро медонад, ҳамаро медонад, вале хомӯш аст ва ҳамеша забони худро бастааст, рози мардум ба раҳгузарон ошкор намесозад, то мардуми роҳ аз асрори дигарон дур, фақат ба даруни худ назар андозад.

Роҳ Хиёлро хуб медонад. Охир ӯ дар ин роҳ хеле равуо кардаасту зиндагии ӯро хуб медонад. Медонад, ки падараш устои гулкор аст. Одамон ӯро ҳурмат мекунанд. Ҳамеша, бегоҳҳои ҷумъа, устохонаи ӯ аз ҳамсолону қадрдонҳояш пур аст. Ӯ сари чизе мегирад, метарошад ё мекобад, онҳо тарошаҳоро миёни устохона, дар манқале, мепартоянд ва ба оташи кабуди он чашм медӯзанду дар бораи рафтагони дурафтода гап мезананд, ҷӯраҳоеро, ки аллакай аз миёни онҳо рафтаанд, ёдоварӣ мекунанд. Баъд ба суҳбати онҳо офтобайи болои манқал низ ҳамроҳ мешавад. Меҷӯшад. Ҳавр мебарорад. Ҳавр ба сақфи саройвор баланди устохона мерасад. Баъд чой менӯшанд. То дергоҳи шаб овозҳойи пасту баланди онҳо ба ҳам омехта, то кати чӯбини чоркасайи таги чинор мерасад, ки он ҷо Хиёл пеш аз хоб мехонад. Баъд падараш вақти рафтани ҷӯраҳо ё ягон дона чумчае, ё ягон гаҳворачае барои лухтаки кӯдакон, ё нугулкӯбаке ба ҳар кадомаш медиҳад. «Аз хонаи усто меравед, дастхолӣ бароед, айб,»- мегӯяд ӯ, вақте ки онҳо гирифтани чизеро раво намебинанд.

Падари ӯро Усмон мегӯянд. Пеши Хиёл гоҳо нимшӯхиву нимҷиддӣ Усмонбангӣ низ ном мебарандаш: ӯ аз ҷанг бо халтаи махоркаву чубуқи чормағзӣ баргашта буд. Ҳарчанд ки пир асту баъзеҳо рӯйрост ӯро айб мекунанд, нияти партофтани тамокуро надорад. «Аз нос беҳтар аст,»- мегӯяд ӯ. Ришаш сафед аст, вале абрӯвонаш дароз-дарози сиёҳ. Кампирони ҳамсолаш мегӯянд, ки ӯ хушрӯйтарин мӯйсафеди деҳаашон аст.

Ҳар гоҳ ки бегоҳонӣ беруни ҳавлӣ, ба пушти дарвоза, мебарояд, тешайи корхӯрдаву сафедгашта бо як низом болову пойин рафта медурахшад, дуди чубуқаш ба ришу мӯйлаб ва гирди сараш мепечад. Кампирон, сатили пуроб тори сар, дар пеши ӯ менишастанд. Оне, ки мӯйсафедаш аз дунё гузашта буд, ё ки ҳоло дар ҳаёт асту болойи бистари беморӣ вомонда, ӯро медиду оҳ мекашид. Дуои бад мекунад пиракиашро, ки пирӣ ба гардан гирифта, мурда барин хоб аст ва бо ҳавас ба дасту тешаи падари ӯ нигариста, аз дил мегузаронад: «Кош, мӯйсафеди вай Усмон барин мешуд.» Падари ӯ бошад, аз миёни дандонҳойи ба нӯги чубуқ андармонаш навъе карда гапи хуши забонашро тела дода мебардорад.

Мегӯяд:

- Ҳа, Солеҳамо! Бисёр нигоҳ кардӣ, мабодо кафлезат нашикаста бошад? Биёр.

Ё мегӯяд:

- Кампири Нигор, қадрдон хешам, якта мондӣ. Ислом рафт? Рафи китоб фармуда буд. Тайёр аст, як омада бинад.

Ё мегӯяд:

- Набера муборак шавад, Тозагул! Биё, акнун, духтари хола, гаҳворайи аберата нав мекунем. Ё ният дорӣ даҳ пуштатро дар ҳамон гаҳвора хобонӣ! Ёд дорӣ, ки писарат дар ҳамин гаҳвора калон шуда буд. Э-э-э, кампир, аҷаб басариштай!

Ё мегӯяд:

- Ҳа, Моҳватан! Дар остинат тухм дорӣ? Бинии мошинаат шикастааст? Пеши Ҷалил монтёр мебарӣ? Ё боз сими чароғатона буридаанд? Чӣ дур мегурезӣ? Мегирам!? Ё аз арвоҳи кампирам тарсидӣ, ки боз аз гиребонат мегираду мегӯяд: «Мӯйсафед дина чиба ба хонат рафт?».

Ва механдад.

Ва боз суханҳои гарму нарми бисёре дорад падари ӯ. То шом ба ҳама раҳгузарҳо мерасанд. Дилаш оби дарёчайи пушти ҳавлӣ барин, софу равшану пок аст, ҳамаро ташнагӣ мешиканад, ҳузнашонро барҳам мезанад, гарди афсурдагиро аз рӯяшон мебардорад, гоҳо хокистаролуд низ мешаванд, то шишаи дудгирифтаи чароғи дили мардуми қавоқгирифтаро тозаву пок шӯяд.

Хиёл аз падари худ розист. Ҳама медонанд, ки ӯ падарашро беҳад дӯст медорад, ҳарчанд ки аз лақаби падарашро пеши ӯ гуфтани онҳо хашмгин намешавад. Ҷӯраҳояш инро мефаҳманд: мазмун, ӯ чубуққашиву зиндадилии падарашро аз насиҳатҳои муллоёнаи баъзе ҳамдеҳагони калонсолаш увло медонад. Ва боз сабаби дигаре низ ҳаст, ки боиси муқобилгузории онҳову падараш мегардад. Падараш дар хона болойи кӯрпача шинад ҳам, рӯзона ҳатман дар болойи курсӣ мешинад ва пешаш миз мемонад, болои миз самовар мегузорад, - мизи вазнину курсии пӯстаки бузпӯшро ӯ аз чӯби чормағз сохтааст, - баъд, то шикастани тафси рӯз, он ҷо чой менӯшад. Ба мӯйсафедон ин маъқул нест. Ӯро дар ғайбаш ҳатто Усто Усмонбангии усталшин ҳам мегӯянд. Падараш ҳам аз ин гапҳо парвое намекунад. Медонад. Фақат зонуи чӯбинашро мемоладу механдад. Баланду базавқ механдад. «Ин мардуми мо аҷаб мардуманд!» – мегӯяду халос.

Як рӯз, бегоҳӣ, аз устохона, овози падараш баланд шуд:

- Хиёл!
- Лаббай!
- Як давида биё!

Хиёл омаду ҳайрон монд. Падараш ба девори устохона, як ваҷаб боло аз фарш, теша мезад.

- Чанд товасанг оварда будам, канӣ, ҳамунҳо?
- Дар таги тут, назди дарвоза.
- Зӯрат мерасад ба гирифта оварданшона?
- Ҳа.

Хиёл дар ду- се раҳ товасангҳоро овард.

- Як фикр ба сари сафедам заду намедонам, мебарояд ё не. Агар тавонам, аҷаб корест.

«Ҳеҷ гап не. Мардум боз ягон номи нав ба номҳойи будагӣ қӯш мекунанду номатон дарозтар мешавад,» – аз дил мегузаронд Хиёл.

Усмон фикри Хиёлро гӯё пай бурда бошад, ки гуфт:

- Мардум боз гап меёбанд, мо бошем, якбора аз чанд дард халос мешавем.
- Ота, ман чизе нафаҳмидам.
- Ту бояд нафаҳмӣ, чунки ҳоло ба сари мақсад наомадаем. Дина вақте ки кино тамошо мекардӣ, дидӣ, ки одамон дар кучо менишастанд? Ҳо, се нафари дар хона будагӣ?
- Ҳа- а- а.

- Ҳа-а. Ана ҳамон хел оташдон месозам, ки дудаш набарояд. Баъди сари ман бо ҷӯраҳот дар назди он мешинӣ. Мана, чӯбҳо, асбобу ускунаҳоро месӯзиву маро ёд мекунӣ.
- Намесӯзам.
- Кӣ медонад?! Ту ҳам акаҳот барин, ба ғайри китоб дигар чиза писанд намекунӣ. Ҳушу ёдат дар шаҳр, хондану одами калон шудан. Намедонам, дар дили шумо кӣ ин қадар алови шаҳрравиву «одамшавӣ»- ро меандозад? Ман-ку, дар умрам ин хел орзу надоштам.
- Гуфтам- ку, намесӯзам. Ман ҳозир фикри ба шаҳр рафтан ҳам надорам.
- Ҳозир ки ман зиндаам, як бор напурсидӣ, ки падар чӣ ҳол дорӣ? Як бор надаромадӣ бубинӣ, ки падарат чӣ метарошад, чӣ месозад? Баъде ки рафтӣ, албатта, ту ҳам аз шаҳр зан мегирӣ, хонадору кӯдакдор шудӣ, баъде ки ба хоки гӯри ман як ваҷаб сабза дамид, ту поята ба даргоҳи ин хона наменомонӣ. Ҳамаатон аз як зот – зоти Усмонбангӣ...
Усмон ҳис кард, ки аз ҳад гузаштааст: дар чашмони писараш об давида буд. Ӯ тамоман дигар чиз гуфтан мехост. Чаро ин гуна суханҳо аз даҳонаш баромаданд, худаш бехабар монд. Тавба. Ё пирӣ ана ҳамин бошад?
Хиёл ҳеҷ гумон надошт, ки рӯзе ана ҳамин тавр падараш тағйири ҳол мекунад. Ғамгин мешавад. Ва ӯ худро надомат мекард, ки вақтҳои охир бо ӯ кам ҳамгап шуда буд. Падарашро малул, ранҷидахотир гардондааст. Ва ӯ худро ноҳинҷор ҳис мекард.
- Писарам, хафа нашав! Як гуфтем-да. Гоҳ- гоҳ дили пирона мехоҳад қимати худро пеши наздиконаш бисанҷад, бубинад.
Хиёл аз ваҷоҳати падар пай бурд, ки ин гуфтугӯи кӯтоҳи онҳо оғози гапи калонест. Падараш ӯро барои он аз ҳозир тайёр мекунад. Ва аз гуфтугӯи дина дар пеши телевизор, вақти тамошои филм, воқеъшуда ким- чӣ хел рамуз гирифтааст. Хиёл гуфтугӯи шабинаро ба хотир оварад.
- Ота, бубин, оташдон дар даруни хона бедуд месӯзад. Нағз-а! Хона сафед, асаре аз дуд наменамояд. Шаҳр бошад, ота?
- Намедонам, биё, кино тамошо кунем, баъд гап мезанем.
Баъди анҷоми филм майли суҳбат намонд, хоб рафтанд. Ҷавоби падарашро акнун мешунид.
- Ана ҳамон гуна як чиз месозам! Оташдон мегӯем? Тоқи алов мегӯем? Ё камин мегӯем, баъд маълум мешавад. Ҳозир пеши назарам танӯре, деворе барин менамояд. Танӯри девориро дидаӣ? Не. Меҳроби масҷид барин. Ина ҳам надидаӣ. Не. Токро медонӣ- ҳа. Ана, тоқ барин, фақат тоқу танӯри деворӣ дудбаро надоранд. Пештар зимистонҳо дарозу хунук буданд. Баъзеҳо дар фарши хона танӯр мекофтанд. Болояш сандалӣ мемонданд. Баъзеҳо дар даруни хона танӯри деворӣ доштанд, алов мегиронданд, алови паст, хона гарм мекарданд ё баъди нон пухтан лахчаҳо фурӯзон мемонданд ва гармии хонаро нигоҳ медоштанд.
Вақти шаҳри Прагаро озод карданамон дар хонайи як чех меҳмон шудем. Ҳамон ҷо ҳам танӯри девориро дида будам. Аҷоиб буд. Кӯрайи оҳангарӣ барин, ангишт суп-сурх месӯхт. Хона сап-сафед. Нишонайи дуду бӯйи ангишт нест. Аз соҳибхона пурсидам, ки бӯю тафаш куҷо меравад?

Нафаҳмид. Баъд як ҳамроҳи худам – латиш гуфт. Фаҳмидам, ки танӯр неву камин аст. Баъд дар ҳар хонайи калон камин дидам.
Фақат камтар хишт ёфтан даркор, хишти пухта, агар наёбем, хишти хом мерезем. Ана... Баъд аз дуди манқал устохона сиёҳ намешавад, чашми меҳмонҳо ҳам намесӯзад, зимистон дару тирезаро ҳам намекушоем, картошкаву кадуро ҳам дар таги алов пухтан мумкин. Дидӣ, бачам, падарат пир ҳам бошад, чӣ нағмаҳое мекунад?
- Ман хок меканам, лой мешӯрему хишт мерезем, бисту панҷ дона бас аст?
- Не, бачам, ту ин кора намекунӣ. Ман одами бафурсат. Аввал фикр мекунам, оҳиста-оҳиста нақшайи онро дар майна мепазонам. Ман устойи каминсоз не-ку? Ҳисобу ҳасад мекунам, ки чанд хишт даркору чӣ хел дудбаро сохтан мумкин. Нақша ки тайёр шуд, худам туро ҷеғ мезанам. Ҳозир, бачам, як гапи дигар. Ҳамроҳи бачаҳойи ҳамсоя ба саҳро баро. Наим нагӯяд, ки: «Усмон- ку худаш чулоқ, писараша чиба ба кори колхоз намефиристонад?» Рав, бачам, он ҷо зиқ намешавӣ, ҳавои кушод. Баъд, кори саҳро чандон душвор нест.

Хиёл ҳамон рӯз, баъди дарсҳо, саҳро рафт. Баъдтар Сабо низ майли саҳро кард. Наим, падари Сабо, аз ин азми духтараш ҳеҷ хурсанд нашуд. Баръакс, лаҳзае ҳайрон монд. «Барои ӯ хонаи салқин беҳтар нест? Саҳро гулчинӣ не-ку, он ҷо пахта ҳаст. Пахта хуни одамро хушк мекунад, ҳаво метасфад, майнайи одам меҷӯшад» – мегуфт ӯ ба модари Сабо. – «Ту аз хонашинӣ ягон зарар дидӣ?» Аз рӯзе, ки ӯ по ба хонаи Наим гузошт, саҳроро фақат дар хоб медид.
- Ҳеҷ гапе надорад, равад, дугонаҳояш ҳастанд, баҳри дилаш кушода мешавад... Чӣ бадӣ дорад? Равад!- гуфт модараш...

Усто Усмон оташдонашро оқибат сохт...
Як бегоҳӣ, баъди ғуруби офтоб, Хиёлу ҳамсинфонаш чанги кӯчаро ба осмон бардошта, аз саҳро меомаданд. Рӯ ба рӯйи онҳо, дар сари кӯча, падари Хиёл меистод. Чашмонаш механдиданд, ӯ аз ким- чӣ коре басо хурсанд буд
- Хиёл, ҷӯраҳота ба хона биёр.
Хиёл ҳайрон шуд. Ба ҳамсинфонаш нигоҳ кард. Онҳо ҳам намедонистанд, ки бобойи Усмон чӣ ният дорад. Агар коре бошад вазнин, онҳо хастаанду гушна, то дам нагиранд, даст зада наметавонанд. Наход бобои Усмон...
- Ҳа, Муҳаммадӣ, Имом, Салом, чӣ фикр кардед, дароед! Саъба, Сабо! Медонед- ку, усто шуморо фақат барои коре шуда ҷеғ намезанад. Дароед!
Усто Усмон бачаҳоро ҷониби устохона бурд.
Хиёл фаҳмид, ки оташдон тайёр шудааст. Ӯ ба тарафи хона рафт. Мӯзаҳои вазнинашро аз пой кашид. Сари чоҳ рафт. Чоҳи Усмон водопровод барин аст, фақат дастайи калоне дорад, ки онро болою пойин кардан лозим, об худаш давида мебарояд ва қадди як банди даст мерезад. Хиёл дасту рӯяшро шуст, пояшро ҳам ба ҳавзи хунуки зери водопровод тиққонд, хуб сабук шуд. Пас чойники нақшини гардандарозро пур аз об карда, ҷониби устохона бурд.
Хиёл устохонаро нашинохт...

Аз устохонайи пешина нишоне намеёфт, ба ҷуз асбобҳойи дуредгарӣ, даббоғӣ, ки ботартиб дар болойи камин да болои тахтае чида шуда буданд ва сурати куҳнайи Сталин.
Падар чароғро нагиронда буд, хонаро нури оташдон равшан мекард. Оташдони деворӣ басо зебо буд, дарунаш кундаалов месӯхт, забонаҳои зарду кабуд дошт. Бачаҳо рӯ ба рӯйи оташдон, дар болои дастгоҳу курсиҳову сандон, менишастанд ва моту мабҳут ба ин оташдони аҷиб ва забонаҳойи зебойи оташи фурӯзон нигоҳ мекарданд.
Хиёл чашм ба сандон дӯхт. Пеш дар устохона сандон набуд. Падар нияте дорад ё кори наве сар мекунад?
Дар болойи пештахтайи тиреза гандум сабз мешуд.
Моҳи март буд ва Усмон баройи бачаҳо сумалак оварда. Онҳо хушдил буданд ва ба оташу оташдон, ба сангҳои сурху дурахшони гирдогирди он нигариста завқ мебурданд ва сумалак мехӯрданд.
Усмон аз завқи бачаҳо худ завқ мебурд. Пас хато накардааст. Бачаҳо аз дидани ҳар чизи нав хурсанд мешаванд. Онҳоро ба коре ҷалб кардан мумкин.
Ё нагӯяд!
Чаро?
Дер ё зуд, сахт ё нарм Хиёл шунавад, ки падараш чӣ орзуҳо дорад. Фаҳмад, ки падар аз ӯ чӣ мехоҳад?
Мегӯяд:
- Хайр, чӯҷаҳо. Ганда не- ҳа?! Ҳар бегоҳ марҳамат кунед. Биёед. Усто умри арча надорад, ҷонаш ҳам аз санг не. Моҳо ғаниматем.
Боз шикоят. Ба падар чӣ рӯй додааст? Ин қадар ғами он дунёро мехӯрад. Ё тамоман аз ман ранҷидааст? Хиёл ҳазору як гумон мекард.
- Биёед, бинед ҳунари куҳнайи моро. Ёд гиред. Хонда касбатон дигар ҳам шавад, аз ин зарар намебинед. Шояд ягон нафаратон ин дастгоҳу ин хонаро соҳибӣ мекунед.
Мӯйсафед бисёр мехост аз Хиёл ҳамин лаҳзаҳо як-ду сухан шунавад. Ӯ бигӯяд, ки: «Ман ҳастам- ку, худам соҳибӣ мекунам». Вале Хиёл хомӯш буду сархам менишаст. Ӯ нияти падарро ҳамон рӯз пай бурда буд, мехост бо сухане ӯро таскин диҳад. Наметавонист. Забонаш ба гуфтани ин гуна гапҳои калонворона намегашт. Ба падараш эҳтироми зиёд дошт. Пеши ӯ ҳеҷ гоҳ «маҳмадоногӣ» намекард.
Усмон хокистари чубуқро такид. Тамокуи нав андохт. Парахаеро ба оташ дошт, параха оташ гирифт. Чубуқашро гиронд. Аз миёни дуд ба бачаҳо синча кард.
Онҳо розӣ буданд. Устохона, бо оташдони аҷибашу бо фарши хиштпӯшаш, онҳоро мафтун гардонда буд. Бо ҳавас ба майда- чӯйдаҳойи девор менигаристанд.
Онҳо мебиёянд.
Фақат Хиёл андешаманд буд. Ӯ одамонро ҳам медиду ҳам намедид.
- Хиёл, якҷоя ягон чиз месозем- ҳа? Ҷӯраҳот катӣ! Вақти холӣ ки ёфтед, дароед. Устохона қулф надорад. Оташ гиронед, шинед, гап- гап кунед. Асбобҳо дар ихтиёратон, сари чӯбе гиред ҳам, зарраре надорад.

Бачаҳо рафтанд.
Шаб мефуромад, ки ҳамроҳ торҳои маҳину борики боронро дошт, сабзайи рӯйи гандум барин маҳину зич ва нӯгтез буд. Усмон бӯйи боронро шамид. Ба Хиёл гуфт, ки тирезаро кушояд. Борон ба рӯйи гандумаки нешкашида об мепошид. Оташи оташдон ба рақс даромад.
Усмон, хомӯшона, дар пеши оташ шуш об мекард. Хиёлро бозии оташ афсун мекард. Ӯ то хеле чашм аз оташдон баргирифта наметавонист. Забонаҳойи оташ мафтункунанда буданд. Хиёл дар бистараш дароз кашида, аз падараш чашм намеканд. Андешаҳо домангираш шуда буданд. Аз дил мегузаронид: “Рӯзҳои охир бештар аз пирӣ ва ғанимат будани умр ҳарф мезанад. Дина дӯсташ- раҳматии усто Хурсандро ёд кард. Эҳ, падар, падар! Чи марди неке ҳастию барои ҳама месӯзӣ. Ҳатто барои усто Хурсанд, ки дар ҳама чиз нишони аҷалро медид ва аз он як умр гурехтан мехост.”

УСТО ХУРСАНД

Ҳафтае аз ин пеш усто Хурсанд безобита буд. Сабил, ин дил одате дорад, ки ба ӯ ҳеҷ маъқул нест. Наздик омадани офату бадбахтиро пешакӣ ҳис мекунад..., вале хушбахтиро на. Ба хушбахтӣ боварӣ надорад. Хушбахтӣ агар аз таги биниш гузарад ҳам, ба ӯ аз тарс нигоҳ намекунад. Мабодо зери он бадбахтие ниҳон бошад. Чунин андеша аз гӯшайи ториктари дилаш мор барин хазида мебарояд. Ӯ ба изтироб меафтад. Ба дилаш хунукӣ медавад... Ба гумони ӯ шодии беҳад бахтро мепӯсонад, хушбахтиро мегурезонад... Аз хушбахтӣ даргурез аст... Вале офату фалокат ва ҳодисаҳойи ногувор ҳамеша чашмдор мебошад.
- Фалокат аз таги пой мебарояд, - мегӯянд аксари пирони Аспирингон,- ва вақте ки ҳодисайи нохуше ба сари касе аз аҳли деҳа омад ва боз илова мекунанд. – Баъди ин, албатта, хурсандӣ меояд. Агар гоҳ- гоҳе нохушӣ ба сари фарзанди инсон биёяд, боке не, мардум ба қадри хурсандӣ мерасанд.
Вале фикри Усто Хурсанд дигар аст. Мардум пир шаванд ҳам, ба фаҳми дунё намерасанд. Аз рӯзи бунёд фалокат бо одам ҳамроҳ аст, гоҳе дар ин сурату гоҳе дар он сурат бар сари ӯ рӯзҳойи бад меоранд. Одамро аз фалокату бадбахтӣ роҳи гурез нест. Мардум наход набинанд, ки одамӣ дар ҳамин умри кӯтоҳи худ панҷ- шаш бор ба фалокат гирифтор мешавад? Падарашон мемирад – фалокат аст, модараш мемирад – фалокат аст, ҳа... охир, худаш мемирад – фалокат аст, фалокати азимест...
Не, дили ӯ тамоман дигар аст, ба дили мардумон ҳеҷ монандӣ надорад, дараки фалокат нест, вале бӯйи тунду тези он ба машомаш расида димоғашро месӯзонад. Ӯ худро нохуш медорад, табъаш мегирад, хеле вақт дар назари мардум рӯтурш, сархам, андешаманду ҳузнолуд мегардад. Ханда дар лабаш наемонад, ранг аз рӯяш мепарад, манаҳи нӯгтезаш аз гиребони куртаи симобияш поёнтар мефурояд.
Мутеу гарданхам аст ӯ пеши бадбахтӣ, вале ботинан, ӯ барои аз фалокат дур будан мекӯшад. Ҳамаи он рафтореро, ки дар одамон пеш аз фалокат ғайриихтиёр рӯ мезанад, номаълумакак омӯхта, онҳоро аломатҳойи марг шумурда, дар рӯзгор аз такрорашон худдорӣ мекунад.

Хол дар роҳи лаби наҳр трактории чаппа кард ва худ дар таги он монд. Рӯзи мотам занаш навҳа мекашиду мегуфт: «Ту аз маргат бохабар будаиву моро нагуфтӣ. Саҳарӣ кӯдаконатро маҳкам оғӯш кардиву бӯсидӣ, мани худозада нафаҳмидам, ки ту бо онҳо видоъ мекунӣ. Нафаҳмидам, вагарна мемондам, ки ту аз хона мебаромадӣ?!»

Усто Хурсанд аз ҳамон рӯз дигар кӯдаконро намебӯсид, онҳоро пеш аз кор рафтанаш дӯстдориву меҳрубонӣ намекард. Кӯдакони хурдсол, ки бас содаву софдиланд, аз куҷо донанд, ки дами саҳар, баъзан аз хоб хеста, ба пушти падари мӯзапӯшашон часпида, аз рӯйи хоболуди ӯ бӯса гирифтани онҳо дили падарро ба изтироб меорад ва ӯ, ҳамон рӯз ба райком ҷеғ зада бошандаш ҳам, аз талвосаи ҷон берун намебарояд. Аз куҷо медонанд, ки ин кори онҳо баройи падар фолест, ки аз қаробати фалокат огоҳӣ медиҳад...

Боре (ин чанд сол пеш буд) Сафои Рашиди хирмангӣ ба қанорҳойи пурпахтаи болойи мошин баромад ва хост то ба хонааш, ки дар сари роҳи мошин буд, савора равад. Вақти суръат гирифтани мошин чӣ шуду аз болойи қанорҳо рост ба дами шохӣ афтид. Бечора ҷо ба ҷо мурд. Мегӯянд, ки ҳамон бегоҳӣ беҳад хандаву шӯхӣ мекард, ба гапҳойи ҷиддӣ ҳам механдидааст. Механдидаасту механдидааст, ба дараҷае, ки аз чашмонаш об баромадааст... Пеш аз он ки ба болойи қанорҳо барояд, ҷӯраҳояш ӯро боздоштанӣ шудаанд ва ҳатто «Номаъқулӣ накун, афтида намурӣ! Айни пахтачинӣ, ба ҷойи ту кӣ дар хирман кор мекунад?» - гӯён нимшӯхиву нимҷиддӣ ӯро аз хавфи мошинсаворӣ бохабар кардаанд. Вале ӯ онҳоро андаке хандондаасту пас ба мошин часпидааст. Дар болои қаноре баҳузур нишаста, пойҳои овезонашро алвонҷ дода, дар ҷавоби таҳлукаи онҳо мақоле низ гуфтааст: «Дар даҳони гург бошу пойҳоят овезон »...

Аз ҳамон рӯзи фавти Сафо дигар касе хандайи бовачҳу самимии усторо нашунид. Агар сад одам аз ханда рӯдакан шуда афтад ҳам, ӯ базӯр нимтабассуме мекард. Мақолу зарбулмасалҳоро, ки баъзан якто- дуто мепартофт, дигар ба забон намегирифт. Ва мабодо ба нӯги забонаш тасодуфӣ мақоле пайдо шуда монад, гӯё ба таги забонаш динамит гузошта бошанд, то бегоҳи ҳамон рӯз дигар онро намеҷунбонд...

Чашму гӯши ӯ ба ҳама чизи дунё баста буд. Тамоми ҳастии ӯ, панҷ узви ҳиссаш интизори нохушиҳо буданд. Ва ӯ ончуноне шуд, ки, дар ҳақиқат, пешомади нохушеро як рӯз ё ним рӯз пеш пай мебурд. Ҳамон рӯзи фавташ “наберачаамро чилаш набаромада ба хона меорам,”- гуфту азми сафари шаҳр кард. Баҳонайи бисёре пеш оварду саъй кард, Наим рухсати рафтанаш надод. «Одамон ҷавоб пурсиданро ёд мегиранд,- гуфт ӯ ва ҳолати руҳии усторо дида, даст афшонду гуфт.- Майлаш имрӯз то бегоҳ биисту пагоҳ ба кор набаро.» Усто Хурсанд хеле маҳзун гашт. Имрӯз аз саҳар нафаси шуми ҳодисайи нохуш ба ӯ мерасид. Ҳоло, бегоҳонӣ, вақти ғуруби офтоб, шамолаш дар гӯши ӯ ҳуштак мекашид, дилаш қирав мебаст, сард мешуд. Рӯзи дигар, субҳ нодамида, роҳи шаҳрро пеш гирифту дигар надидандаш. Хонаводааш дар орзуи дидори меҳмон, кай усто меҳмони навро меораду хонаашон андаке руҳ мегирад, ӯро интизорӣ кашиданд, вале... Наим низ чанд рӯз гӯиё аз забон

монда буд. Мардум бисёр мехостанд, ки ӯ забон кушояду табассум кунад, то ки қавоқҳои яхбастаи ҳама кушода шаванд...

... Хиёл лаҳзае истоду андешид: агар фикрашро даст нагирад, то рӯз дар бистар паҳлу мегардад.

Пахтаи шабнамзадаро, оҳо, Хиёл ончунон мечинад, ки мошин барин. Агар даҳ даст медошт, аз мошин зиёдтар мечид. Вале... афсӯс, ки нафақат ӯ мошин нест, балки худро аз як орзуи хурдакаке низ маҳрум сохтааст. Медонад, ки намешавад, набуд, нахоҳад шуд. Аробачаи ғилдиракдоре мехост дошта бошад, ки дар болояш бишинаду оҳиста-оҳиста миёни ҷӯяҳо равон шавад, пешаш чой монад, ҳамин ки ба сари ҷӯяк расиданд, халта худ аз худ аз пеши аробача кушода шавад – ана ҳамин. Аҳмақона- ҳа? Чӣ илоҷ, ҳамин қадар сабукӣ мехоҳад, зиёд не... Пахтаи шабнамзадаро чидан хеле осон аст. Нӯги ғӯзаҳо нарм, ба нӯги ангуштон намехалад, пахтаҳо нам, агар як пешдоман пахта нисфирӯзӣ 6 кило барояд, саҳарӣ 10 кило омаданаш аниқ. Субҳидам, пеш аз офтоб, ба саҳро рафт, кори якрӯзагӣ ачаб бафайз мешавад. Агар нисфи шаб биёӣ?
Нафаре чанд аз дӯстонад нисфи шаб, қарибии субҳ, ба сари замин меомаданд. Чашмони варамкардаи онҳо ба ин гувоҳанд. Хиёл ҳам пай мебурд. Акнун, пас аз гуфтугӯи нотамоми шабона, ӯ мехост, боре бо онҳо бо саҳро биёяд. Шояд гуфтаҳои Саид Маҳмуд дуруст бошанд: вай шаби пахтазорро надидааст. Пахта начинад ҳам, тамошо мекунад.
- Мо шаб намечинем, фақат рӯз, - гуфт Маннон ба ӯ, ҳангоми рӯ ба рӯшавӣ, вақте ки Хиёл аз ӯ шаб куҷо ҷамъ омадани онҳоро пурсид.
- Чӣ пинҳон медорӣ, ба ман бовар намекунӣ? Хайр, нагӯй. Агар шаб маро дар байнатон дидиву бо ту гап назадам, хафа нашав.
Хиёл хуб медонист, ки Маннон ба ӯ чӣ мегӯяд. Фақат эҳтиёткорӣ мекунад. Маълум, ки калонҳо ҳам мерафтаанд. “Агар танҳо бачаҳо мебуданд, кайҳо худаш маро таклиф мекард,”- аз дил мегузаронд Хиёл.
- Хайр, падарат ҷанҷол намекунад?
- Не!
- Ба ҳар ҳол хабардор кун, ки мо шаб омада туро ҳамроҳ мегирем, дарвоза ҳам баста набошад. Пушти дар фиғон карда нашинем.
- Дарвозаи мо кушода-ку.
- Тайёрита бин, ягон ҷомаи пахтагин ҳам гир. Шаб хунук мешавад.
- Хуб.

Шаб бо онҳо рафт. Мерафту бо тааҷҷуб ба ҳамроҳонаш менигарист. Шаб ширмаҳтоб буд ва ҳама ҷо шир барин сафед менамуд. Як намуди онҳо ӯро ба ҳайрат меовард, гӯё шабехун заданӣ бошанд, ҳама ҷиддӣ буданд, гиребони пиджакҳо бардошта, манаҳҳо даруни гиребони курта, кулоҳҳо болои чашм, қадамҳо боэҳтиёт, дузд барин. Пичир-пичир гап мезаданд. Ростӣ, ҳамсолони худро бори аввал ба ин сурат медид. Калонҳо аз онҳо дуртар мерафтанд. Партову Ҳасани Трубаро шинохт. Касе, ки пешопеш мерафт, ҷомаи дароз

пўшида буд ва дар сараш телпак дошт, ба овози Маннон, ки қуттии «Памир» дар даст ҳамаро ба сигареткашӣ таклиф мекард, аҳамият надод.
- Вай кӣ?
- Моҳиқоб, - оҳиста пичиррос зад Маннон.
- Моҳиқоб!?
Хиёл ҷониби Ҳасани Труба нигоҳ кард: хоҳарашро ҳамроҳи худ гирифтааст?! Онҳо аз деҳа баромаданд. Ба роҳи замини болои боғи Робинзон гаштанд. Имшаб дур мерафтаанд. Маннону Имом дар паҳлуи Хиёл қадам мезаданд. Мавзўи гапашон ҳам шабона буд. Он чизеро мегуфтанд, ки Хиёл дар рўз аз онҳо ҳаргиз намешунид. Дар бораи ситораҳо ва ҳодисаҳои осмонӣ гап мезаданд. Ҳафтдодарон, Роҳи Каҳкашон, ситораҳои касонро тафсир медоданд. «Момаи Ганҷура барин муҳокимаашон,» - фикр кард Хиёл.
Роҳ дароз буду шаб диловез. Хиёл пиндошт, ки ҳозир лаҳзаи басо муносиб аст, агар бо ҷўраҳо баъзе гапҳоро гуфта гирад. Лаҳзае, ки нигоҳи онҳо ба осмон асту дилашон миёни ситораҳо мегардад, фикрҳои заминӣ ҳамроҳашон ва бе ягон гарданшахӣ ба ў изҳораш медоранд. Шаб қудрате дорад ғайриодӣ. Ҳамин ки одамонро ба оғўши худ гирифт, қулфи дилашон кушода мешавад, росту самимӣ ҳарф мезананд.
- Чиба шаб ба саҳро меравед?
- Ҳамин савола чаро рўз надодӣ? – ҷавоб дод Маннон ва озурдахотир ҷониби Имом нигарист.- Шояд Имом фаҳмонда тавонад, ман гуфта наметавонам.
- Намедонам, - гуфт Имом. - Барои чӣ меравем? Пахта мечинем- да. Ҳамин ки расидем, мебинӣ.
Хиёл андаке озурда гашт. Онҳо бо вай самимӣ набуданд, ким- чизеро пинҳон медоштанд.
Дигар онҳоро аз ситорашуморӣ боз намононд. Ва худаш хомўшона тамошои манзараҳои шабонаро афзал медонист. Ҷавоби муғлақи Маннону Имом ўро шўронда буд. Ҳарчанд мекўшид, забон нигоҳ дошта наметавонист. Онҳоро низ ба шўр овардан хост.
- Хобатон намебарад, шабгардӣ мекунед! – гуфт ў масхараомез.
Вале ин ҳам ба ҳарду таъсир накард. Онҳо ин дафъа ҳатто овозашонро ҳам дареғ доштанд.
Акнун лаб- лаби наҳр қадам мезаданд. «Шаҳид» ҳам аз дур намудор шуд. Қамишу килкҳои даруни “Шаҳид” намеҷунбиданд.
Баъди «Шаҳид» Боғи Робинзон сар мешуд. Бачаҳо бо калонҳо давра гирифтанд. Пичир- пичири онҳо бо садои наҳр омехта мешуд. Хиёл чизеро аз пичир- пичири онҳо намефаҳмид.
Моҳиқоб бо онҳо нанишаст. Назди Хиёл омад.
- Ҳа, Хиёл, пахтачинӣ омадӣ? – гуфт.
- Ҳа.
- Ба ту чӣ лозим буд? Талаба. Аз ту кӣ мепурсад чанд кило пахта чинданата? Хобата вайрон намекардӣ, хуб буд.
- Чӣ, шуморо ягон кас маҷбур мекунад?

- Маҷбур неву маслиҳат медиҳанд. Маълум, ки мехоҳанд. Вақте одамони боорбрӯ чунин гуфтанд, мақсадашон маълум, рӯйи одам ширин, мехезиву омадан мегирӣ.
- Кӣ гуфт?
- Бригадир гуфт, баъд Бозор гуфт.
- Ҳа- а.
- Айби ман. Гап аввал аз даҳони ман баромад. Гуфтам, ки бригадир, ҳамин заминҳои сафеда ба мо мемондед, дар 10 рӯз планатон буд мешуд.
Гуфт:
- Агар "ҳа" гӯям, шаб омада мечинӣ?
Гуфтам:
- Мечинам. Заминҳои мошинро.
Гуфт:
- Майлаш.
Ана ҳамин хел шаб атака мекунем. Инҳо аз ман пештар, бе ягон иҷозат, худашон мечинданд. Чанд вақт шуд, ман навакак сар кардам.
- Маннону Имом-чӣ?
- Онҳо ҳам. Имсол мактаб рафтанӣ. Пул кор мекунанд.
- Ҳа-а.
- Ту чӣ?
- Ман ҳамту омадам. Шаб аҷоиб. Ман шабҳо кам аз хона баромадаам. Шаби зебо- ҳа? Оба бин, чӣ хел талотум мекунад. Биё, то рӯз ҳамин хел мешинем. Чаро дар он ситораҳо наменамоянд.
- Об лой аст.
- Ҳамин хел нигоҳ кунӣ, гумон мекунӣ, ки зинда аст.
- Чӣ?
- Об. Наҳр.
- Шаб ҳама чизи беҷонро зинда мекунад. Куҳҳо ҳам зинда мешаванд. Мешунавӣ. Овозе меояд. Овози куҳ аст. Осмон зинда мешавад.
- Ё бедор мешавад?
- Мумкин зинда неву бедор шавад.
- Ситораҳо шабпарак барин- ҳа, Моҳликоб?
- Не-е. Ситора куҷову шабпараки хунук куҷо.
- Чашмоша мегӯям. Баъд, ситораҳо рӯзона мехобанд, чашмашонро офтоб хира мекунанд, шабона бедор мешаванд.
- Ту аҷоиб бача будаӣ, Хиёл. Боз туро ҳама ким- чи хел гарангу хиёлӣ мегӯянд. Рӯзона овозат намебарояд-ку?
- Рӯзона касе аз ман чизе намепурсад. Ту гап задӣ, ман ҳам гап задам.
- Ин қадар назарбаланд.
Хиёлро акнун ба хотираш омад, ки бо духтарон дигар хел муомила мекунанд. Ва ӯ бодиққат ба Моҳликоб нигоҳ кард. Дар зери ҷомаи ғафс ҳақиқатан бадани духтаре пинҳон буд. Ва ин духтар рӯ ба рӯйи ӯ менишаст, ба ӯ нигоҳ мекард, бо ӯ гап мезад. Як ҳиссиёте ӯро фаро гирифт, дилаш гӯё об мешуду ба дарё мерафт, гӯё пеши печкаи тафсон нишаста бошад, рӯю дастонаш алав мегирифт.

- Не, ту дар гап усто. Бо як кас гап мезанӣ.
- Бо ту?
- Не, бо Сабо!
- Ҳм... Ҳа-а. Мо ҳамсинфем. Баъд ҳамсояем. Гап задан мумкин нест?
- Об- бо! Ҳамту гуфтам-да.
- Ман ҳам медонам, ки ҳамту мегӯӣ, духтари нағзӣ.
- Наход. Тавба. Акнун шунидам.
- Шумо шиштан гиред. Мо рафтем! - гуфт Ҳасани Труба. Ӯ аз гуфтугӯйи дарози онҳо норозӣ буд.
Моҳликоб аз ҷой бархост, реги ҷомаашро афшонд. Хиёл низ. Онҳо ба гурӯҳ наздик омаданд.
- Шумо аз роҳ гузашта, лаб- лаби ҷӯй меравед? – гуфт Партов ба Хиёлу Моҳликоб.
- Шумо чӣ?
- Чӣ, вақти маслиҳат ҳушатон дар куҷо буд?
- Ҳуши мо лозим мешуд, як даҳон мегуфтед, гӯш мекардем.
- Ҳасан! Чанд бор гуфтам, ки ҳамӣ Моҳликоба нагир. Ина чиву бачаҳо катӣ гаштан чӣ. Як гапа нафаҳмад.
- Ин шаби охирин, дигар пахтачинира дар шаб хоб мебинад!- гуфт Ҳасани Труба.

- Ман мегӯям, лаб-лаби ҷӯй биёянд, инаш духтар, ваяш бори якум, - мегуфт. Партов, - «Шумо чӣ», «шумо чӣ?» мегӯяд. Мо як кас – як кас тақсим мешавем. Даруни боғ катӣ меравем. Робинзон аз пешамон барояд, мегурезем. Ту гурехта наметавонӣ. Ин бошад, роҳи гуреза ҳам намедонаду ҷойи мерафтаашро ҳам. Акнун фаҳмидӣ?
- Хайр, ана, фаҳмидем.
- «Вот и всё!» - гуфт Партов ва ба канори боғи Робинзон расида тақсим шуданд.
Моҳликоб нигоҳи шухшанге ба Хиёл афканд. Хиёл волаи шаби пурасрори тирамоҳ, мафтуни паҳнои осмон, аз ин нигоҳ бенасиб монд. Бахташ баландӣ кард.
- Рафтем, чӣ даҳон во кардӣ?
- Ҳа? Ҳо-о... рафтем.
Ин танҳоӣ ӯро ҳам хуш медошт ва ҳам меҳаросонд. Дилаш дар интизории ҳодисае гум мезад. Вале Хиёл ба дил ҳам бовар мекард, ҳам не. Ба ӯ душвор буд. Ҳам шаби хилват, сояи ғафси шоҳтутҳо ва Моҳликоб – зане, духтаре. Ва, хайрият, ин шамолаки салқине ё аз боғ, ё аз наҳр ба мадади ӯ омад. Тумани мадҳуширо аз чашмону аз сари ӯ меронд. Ва боз насими сабуксайри барги шоҳтутро ба ханда оварда оҳиста ӯрову танаи ғафси шоҳтутро ба оғӯш гирифт. Вай бӯйи себ дошт, бӯйи муаттари себи шохсорон не, бӯйи себро аз анбори меваҳо меовард ва басо масту мадҳушкунанда буд. Миёни наҳру боғ, гоҳ- гоҳ аз насими боғ масту гоҳ аз шамолаки наҳр ҳушёр, ӯ ба танаи тут такя зада буд. Моҳликоб, дуртар аз ӯ, интизор меистод ва, аз чӣ бошад, ки ӯро кӯдаке мепиндошт ва агар ӯро оғӯш бикунӣ ҳам... Моҳликоб духтари расида буд.

Лаҳзае ин ҷо сабр кунад, осуда мешавад, албатта, осуда мешавад. Ин як ҳиссиёти лаҳзагист, тамоман ҳиссиёти одамӣ нест. Ӯ худро оҳиста ба даст мегирифт. Ин шабона буд ва ӯ бо духтаре танҳо буд, дигар ҳаргиз ин такрор нахоҳад ёфт... Такрор намеёбад, фақат духтар ин ҳолати ӯро пай набарад, бигзор, ба қафо нанигарад, дуртар, дуртар, ана, ҳамин тавр, Хиёл, заифу сустирода будаӣ.
Моҳлиқоб овози ӯро нашунид; садои пояш ҳам қатъ ёфт. Моҳлиқоб инро пай бурд ва қафо нигоҳ карда:
- Хиёл, ба ту чӣ шуд?- гуфту давида назди Хиёл омад.
«Ҳамин намерасид, ки давида биёӣ,»- гуфт дар дил Хиёл ва чашмашро пӯшид.
- Тарсидӣ? - даст ба китфи ӯ расонд Моҳлиқоб ва ӯро сабук ҷунбонд.
- Не! - оҳиста пичиррос зад Хиёл.
Пичирроси Хиёл нисфишабӣ барои он духтаре, ки кайҳо интизори тӯйи арӯсӣ аст ва чун ӯ кӯдакеро дар ин торикӣ ба танҳоӣ дучор омадааст ва шаб ҳам барои ӯ ачаб шаби ширинест, тоқатфарсо буд. Ӯ дигар худро даст гирифта наметавонист. Ақаллан, ба ӯ ҷафс шавад, фақат ҳамин; мехост як боракак бинаду ҳис кунад, чашад, ки оғӯши мард чӣ гуна аст. Майлаш, писарак ҳам бошад, боз беҳтар. Ӯ худро таскин дод, ки ин писарак ҳоло кӯдак барин аст, аз ӯ шармидан нашояд, ӯро фиребидан мумкин. Ва дасташро ба пешонааш гузошт:
- Тафсидӣ, ё сарат ба дард омад? Оҳ, тасф дорӣ! Канӣ, пешониата бинам, - гуфт ӯ бо овози ниҳоят пасти ба шавшуви шамол монанд ва лабони ларзонашро ба пешонаи ҳақиқатан тафсони Хиёл гузошт. Дастонаш беихтиёр ба сари ӯ часпиданд.- Додаракам, таб дорӣ! Таб дорӣ, додаракам!- пичиррос мезад ӯ ва лабонаш чу наъли тафсоне рӯю гардани Хиёлро месӯзонданд, доғ мекарданд. Бадани ӯ бо эҳтирос ба бадани ӯ ҷафс шуда месовид ва ҳолати дилхоҳ меҷуст.
- Тарсидӣ, аз шаб тарсидӣ? Шаб ачаб шаби ширинест, додаракам...- пичир-пичир мехонд Моҳлиқоб дар гӯши Хиёл.
Овози Хиёл дар гулӯяш печида буд, чизе гуфта наметавонист, фақат канда-канда ноламонанд садое мебароварад.
Моҳлиқоб бемори барҷомондаи эрка барин вазни танашро ба Хиёл андохта, базӯр- базӯр ва ба ноз нолиш мекард.
- Моҳлиқоб! Куҷо гум шудӣ! – фарёди хавотиромези Ҳасани Труба ба гӯши онҳо расид.
Моҳлиқоб ба он тарзе ки хосси духтарони тансиҳати деҳотист, лабонашро аз лаби Хиёл канд, пас хез зада пайкари чандирашро аз назди Хиёл чанд қадам дур гирифт.
- Чӣ дод мегӯӣ? Намебинӣ, омада истодаем. Оҳо, Хиёл, чӣ ақиб мемонӣ? Тезтар биҷунб!
Партов паст- паст ба онҳо дӯғ зад:
- “Бобои Робинзон, мо омадем!”- гӯед намешавад?!

Онҳо ба лаби роҳ наздик мешуданд ва ҳар кадом аз худ розӣ набуд. Себҳои тирамоҳӣ ҳоло сахту хушк буданд. Партов ба халтаҳои холии ҳамроҳашон нигариста:
- Вот и всё! – гуфт. - Боғи Робинзона ҳам сайр кардем. Бало нест.
- Пас бӯйи себ аз куҷост? – гуфт Хиёл ва аз гуфтааш пушаймон шуд. Овозаш меларзид.
«Буз барин ҷон надорам,» – дар дил худро таъна зад Хиёл.
- Ҳо, бӯйи себа мефаҳмад! Чӣ меларзӣ, хунук хӯрдӣ?
Хиёл надонист чӣ гӯяд.
- Гармтар пӯшидан даркор буд. Маҳ, фуфайкаи мара бигир. Вазнинтару лекин гарм.
Хиёл “не” нагуфт, ҳаминаш барои ӯ хуб шуд. Хайр, ягон ним соат пас “Гарм шудам. Раҳмат, тамом вассалом,”- гуфта бармегардонад.
- Ҳа, ҷӯраҳо, бӯйи себа гирифта, дарунтар равем, мегӯед? – гуфт Партов. – Ба гумонам, боғхона медароем. Эҳ, чёрт, Робинзон бедор набошад- да!
Ин қадар азобу изтироби Партовро дида, Хиёл хост андаке ҳоли ӯро сабук намояд. Охир, дар хонаи онҳо себ пӯсида хоб аст. Як сабад ҳам лозим шавад, оварда метавонист.
- Агар мегуфтед, ман ҳамроҳам себ мегирифтам. Халта...
- Фақат падари ту боғ дорад? Мо себа надидем? Риск, додар, риск! Шунида бошӣ, «Вот и всё!».
Онҳо боз ба даруни боғ рафтанд. Имом, Маннон, Партов, Ҳасани Труба, Ҷалили обдаҳан...
Бигзор раванд! Нағз шуд, ки онҳоро боз танҳо монданд. Ба ҷуз шаби афсунгар, ба ҷуз шамолаки серуни наҳр, ба ҷуз насими себолуди боғ, ба ҷуз шибир-шибири абрешимии баргҳои тар боз духтарест бо ӯ, ки ҳарчанд боре палангро надидааст, ба назари Хиёл ӯ дар ҷомаи беқасаб чун паланги модда менамояд, ки сари ду по истодааст ва бо ин ҳама савлату ҳашаматаш ҳам меҳаросонад, ҳам ба ҷониби худ мехонад. Дар ин синну сол ва дар чунин шабе ихтиёр аз ӯ берун аст ва ҷониби Моҳликоб мешитобад.
Овози Робинзон, ки бо исрор мегуфт, онҳоро ба худ овард:
- Бачаҳо, нагурезед! Биёед, чой мемонем. О ман Худо гуфтам, ки касеро назди ман бирасонад. Аз зиқӣ кафидам. Куҷо меравед? Партов шинохтамат, куҷо мегурезед? Ҳасан!
Хиёл хандид. Робинзон одами аҷоиб аст. Аз дуздон ҳам хурсанд мешавад, ки омаданд. Ҳолӣ зиёфат ҳам надиҳад хуб.
Дере нагузашту овози Ҳасан боз ба гӯши онҳо расид. Ин дафъа ӯ безобита набуд, вале андаке овозаш оҳанги гунаҳгорӣ дошт, овози кӯдаке барин, ки вақти қаймоқи рӯйи ширро ангушт зада лесиданаш ба дасти модар афтода бошад.
- Чӣ мегӯӣ? – гуфт Моҳликоб.
- Ин тараф биёед!
- Мо ҳам даркор шудем- а? – ба торҳои асаби ӯ нохун заданӣ буд Моҳликоб.
- Крушкаву стаканҳо дар халтаи ту- ку. Ин ҷо Робинзон ҳамагӣ ду пиёла дорад.

- Эҳ- а, зиёфат мехӯрем– гӯй?
- Дамта бигир, ки шаллоқ мехӯрӣ. Биёед.
- О, нисфи шаб-ку, - давом медод Моҳлиқоб ва ҷониби Ҳасани Труба мерафт. Дид, ки Хиёл истодааст, ӯро ҳам ба зери борони сухан гирифт. – Ҳа, ту чӣ? Ё шарм медорӣ? Ту дуздӣ нарафтӣ-ку. Ман мегӯям, ки мо дар роҳ будем. Лаб-лаби ҷӯй мерафтем...
Ҳиёл ҳеҷ хоҳони он набуд, ки Робинзон ӯро бо инҳо бубинад.Мӯйсафед тамоман хафа мешудагист. Ва боз падарашро дучор ояду бигӯяд. Онҳо ҷӯраҳои наздиканд.
Моҳлиқоб ҳоло ҳам истода гап мезад; Ҳасан бошад, пӯписа дошт, ки тезтар бичунбанд, одамон он ҷо интизоранд.
Хиёл чораи дигаре наёфт, магар ин ки ҳамроҳи онҳо биравад.
Робинзон мӯйсафеди аҷиб аст. Вай бехабар аз номи наваш ва аз номгузороне, ки ҳозир дар назди ӯ, гирди дастархонаш, менишастанд, ҳар он чи дошт, пеши онҳо гузошт; меҳмонони нохонда, вале азизу қадрдони худро обу иззат мекард.
Ин Насриддин Афандӣ пештар дар деҳа, дар назди магазин, хона дошт, дар бригадаи Наим самоворчӣ буд. Вақте ки дар бригада ҷанҷол бисёр шуду ҳазл мурд, ҳақгӯиҳои ӯ ба Наим маъқул наомаданд. Назди раис рафту иҷозат пурсид ва дар боғ хона карду боғбон шуд. Боғ аз деҳа басо дур аст ва боғбон ягона касест, ки дар ин боғ мегардад, ҳама чизи рӯзгорашро бо дасти худ месозад – косаву табақ, чумчаву хонаву ҷову дару деворашро, ҳамчунин, нонро ҳам худаш мепазад, куртаҳои ким- кайҳо харидаашро ба ҳам омехта, дӯхта, поргӣ дӯзонда мепӯшад. Бачаҳо ӯро акнун Робинзон мегӯянд. Аҷаб одами хубест, ҳам хӯронду ҳам чанд донагӣ себи хушбӯйи калонро ба кисаи пиджаки онҳо андохт.
Ҳама сархаму хиҷил аз боғхона бадар омаданд.
- Нағз нашуд. Дид,– таассуф мехӯрд Партов. – Агар моро пеш мекард, беҳтар буд. Мегурехтем. Шаби дигар боз ҳуҷум мекардем. Акнун медонем, ки аз омадани мо хурсанд мешаваду хафа не. Чӣ лозим? Неинтересно!
Миёни замин пахта чида, дар масофаи чашмрас аз ҳам дур рафтанд. Хиёл ба сарбанди сарҷӯи замин омад; дасту пояш хунук хӯрда буданд, дигар пахта чида натавонист. Мехост гулхан гиронад. Хасу хошок ғун кард, ҷойи холӣ аз ниҳол ёфт, вале гӯгирд надошт. Акнун худро маломат кард, ки то ҳол папироскаширо ёд нагирифтааст. «Йигите, ки аз даҳонаш дуду оташ набарояд, чӣ гуна йигит аст?» – ба хотираш омад яке аз пандҳои Партов барои мактабхонҳои синфҳои боло. “Сигарет аз нос беҳтар,” – фикр мекард Хиёл. Баданашро майдаларза фаро гирифта буд ва дандонҳояш ба ҳам бармехӯрданд. Бо вуҷуди ин забонаш ба пурсидани гӯгирд нагашт. Фуфайкаро аз тан кашиду болои хастӯда лунда шуда афтид. Худро бо фуфайка пӯшонид. Манаҳашро ба сандуқи синааш часпонда, сарашро ҳам таги фуфайка гирифт. Фуфайка вазнин буду чиркхӯрда, ҳавои хунукро намегузаронд. Нафаси ӯ таги фуфайка ҷамъ шуда, оҳиста- оҳиста дасту баданашро гарм кард, хобаш бурд.

Субҳдам, ҳанӯз торикӣ аз пахтазор нарафта, ӯ бедор шуд: ким- чи шавқуне ӯро аз хоб бедор кард; ба шамол монандӣ дошт, вале шамол набуд, ба шаршараи осиёб шабоҳате дошт, вале Хиёл, ки дар ин наздикиҳо осиёбро надида буд, дар тааҷҷуб монд. Ҳайратзада ва бо тарсу ҳарос сар аз зери фуфайка берун овард. Аввал осмонро дид, шиша барин хунуку ҳамвор, чарс, ангушт расонӣ, чириққос мезанад. Ва ӯ ҳеҷ майли ба осмон даст расондан надошт, ангушт барои он бароварда буд, ки бифаҳмад: мабодо об ба болои сари ӯ намерезад. Акнун ба овози об монанд будани он садои бадҳайбат боварӣ дошт; куҷоеро оби калони сарҷӯй рахна задааст. Ва ӯ саросема шуд, ҷаста бархест ва панҷ- шаш қадам дуртар аз худ Наимро диду оҳиста дар ҷояш нишаст, зонувонаш меларзиданд.

Наим саросема бел мезад, хоки данбаро дур мепартофт. Рахнаро фарохтар мекард. Як осиёбвор об шаррос зада, ба замини пахта медаромад. Маълум буд, ки Наим ин корро пинҳонӣ мекунад ва нияте дорад. Ба ҳар ҳол ӯ кӯшиш мекард, ки рахна васеътар шавад ва тамоми оби сарҷӯй сӯйи замини пахта равад.

Хиёл боре ҳам нашунидааст, ки дар ин ҳин ба пахта об монанд. Чӣ ният доштани ин саркори номиро ӯ пай намебурд, вале дилаш гувоҳӣ медод, ки ҳар гуна нияте ҳам бошад, нопок аст. Ва ӯ ҳеҷ хоҳише надошт, ки бихезаду худро болои Наим партояд, ӯро афтонда, белро аз дасташ кашида бигирад. Агар бо ӯ набард карданӣ бошад, бо бел ба сараш фурорад, ки дигар то рахнаро бастани Хиёл аз ҷой наҷунбад ва ӯ аз кораш фориғ шуда, дасту пойи ӯро бибандаду то саҳар посбонӣ кунад, баъд ӯро ба район ҷеғ зананд... Не, дар дили ӯ ягон майле ба ин корнамоиҳо набуд. Хайр, кино ё ҷанг гапи дигар, он ҷо бо душмани ашаддӣ меҷангӣ, медонӣ ва ба ту сад борҳо гуфтаанд, ки ин душман аст, агар нобудаш накунӣ, нобудат мекунад, ӯро нест кун! Он ҷо тамоман осон... Ин ҷо бригадирашон- саркор Наим рӯ ба рӯйи ӯ истодааст. Ҳамон яке, ки ду ҳавлӣ онҳоро ҷудо мекунад, ҳафтае чанд бор ба хонаи онҳо, назди падараш, медарояд, мешинанд, чой менӯшанд, нон мешикананд ва боз падари ҳамсинфаш аст. Одами баобрӯ, баъд қариби панҷоҳ. Акнун хезаду ба ҳамин одам гӯяд, ки: “Ӯй нобакор, чӣ кор мекунӣ, чӣ ният дорӣ?!”

Хиёлро қариб ханда ба лаб зада буд, вале худдорӣ кард. Ӯ нафас ба дарун гирифта интизор истод. Аҷоиб менамуд оқибати ин кор. Наход аз деҳа ин қадар роҳи дарозро нисфишабӣ тай карда, барои ҳамин омада бошад? Ҳозир баргашта боз ба деҳа меравад ё ҳамин ҷо мемонад? Агар ин ҷо намонад-чӣ?

Гӯё Хиёл нияте дошта бошад. Пеши обро гирифтанӣ бошад, наход? Барои чӣ? Ӯ ҳайрони худ буд ва ба ҳар ҳол мехост, ки Наим тезтар аз ин ҷо биравад ва боз мехост, ки ҳамроҳонаш ӯро бубинанд. Вале ҳамроҳони Хиёл Наимро намедиданд. Онҳо низ дар бехи ниҳоле баҳузур мехобиданд ва он гуна хобҳо медиданд, ки андаруни бистари гармашон медиданд.

Наим сарашро баланд накарда бел мезад, гӯё тамоми дамбаҳоро аз дарёҳо бардоштанӣ буд. Ӯ одами босуботест, меҳнатдӯст ҳам. Хиёл ҳанӯз ҳам интизор буд; бо ҳамин фикр косаи сабрашро аз лабрезӣ эмин медошт, ки субҳ наздик асту Наим аз равшанӣ мегурезад. Шояд тезтар равад. Ё ӯро битарсонад? Не, натарсаду ба замми ин тарафи ӯ биёяд ва ӯро бибинад, кори

нохуб мешавад. Беҳтар нест, ки хомӯш бишинаду аз ҳар шармандагӣ ҳам худрову ҳам Наимро эмин бимонад. Вале Хиёл наметавонист, коре накунад. Ӯ оҳиста кулӯхеро гирифту ба тарафе партофт, хишрроси баргҳову пояҳои хушк на он қадаре буд, ки шарроси сарҷӯйро пахш кунад. Хиёл бори дигар кулӯхе гирифта, ин дафъа калонтар, шонаи Наимро ба нишон гирифта партофт. Наим «Ваҳ!» гуфта нидо карду дар ҳолате ки буд- дудаста белро медошт ва тарафи замин хам мешуду бо пойи чапаш белро пахш мекард – шах шуд. Пас каси аз хоб бо тарс хеста барин як қад париду ҳаросон монд.
Хиёлро ҳаросонии Наим маъқул шуд. Ӯ хушнуд гашт. Далерона паланг (аз филм дидааст, шунидааст) барин не, хез назад, аз фикраш гашт, ғуррид.
- Э-э-э-й!- нидои даҳшатноке бароварда Наим ва ҷуссаи вазнинашро тоб дода давид. Аввал, оҳиста, сонӣ, тезтар ва боз тезтару тезтар. Баъде ки ғурриши паланг дувумбора баланд шуд, гумон кард, ки ҳозир дандонҳои сафеди вай ба баданаш мехаланд ва тир барин парид. Белро- ягона силоҳашро партофт, аз корди бари мӯзаашро фаромӯш кард, «ҷони худой» гуфту дар паси тут нопадид шуд. Ҳаёҳуйкунон тарсида, аз хоб бедор шудани ҳамроҳони Хиёл ваҳми Наимро дучанд гардонд.
Хиёл садои «Урал»- и сечархаро шунида, баъд аз камингоҳаш рост хест. Сечарха ракета барин парида мерафт. «Ягон фалокате накунад,»- аз дил гузаронд ӯ ва ба ҷустуҷӯи бел даромад. Белро ёфт.
Партов ва баъд дигарон давида омаданд.
- Чӣ гап? Чӣ шуд? – пурсид Партови ҳанӯз хоболуд.
- Касе дамбаро канд, ҷӯйро ба тарафи замин гардонд.
- Ин кӣ буд? Нашинохтӣ?
- Овози мототсиклаш ҳам паст шуд, ки муқаррар мекардем, - гуфт Маннон. Ӯ мурвату гайкаву болт, умуман, чизҳои техникиро дӯст медошт.
- Ту чӣ кор мекунӣ? – пурсид аз ӯ Имом.
Хиёл ба суолҳои ҳамроҳонаш ҷавоб мегуфту аз замини аҷирикдор чим мебурид.
- Обро мебандем! - гуфт ӯ.
- Э, рафтем, кори мо- чӣ! – бепарвову хоболуд буд Имом ва даҳон во мекарду бо тамоми рагу паяш ҳамёза мекашид.
- Чӣ хел кори мо не? Замини пахтаи худамон- ку, парво накунему равем!? – барошуфт Хиёл.
- Замини мо нест! - ҷавоб дод Маннон.
- Шӯхӣ накунед! Мо ин ҷо пахта чиндем- ку?
- Сафед буд, ҳавасамон омад, даромадем, ин заминро ягон бор начидаанд. Барои мошин монондаанд. Замини Рақаби Каромат.
- Эҳ-ҳа-а!- нидо кард Хиёл. – “Қаҳрамонӣ кардем,”- гӯед?
- Хап шин! – гуфт Ҳасани Труба.- Мо омадем, ки пахта чинем, то омадани мардум ягон ду соати дигар асту халос.
- Агар мо имшаб ин ҷо намешудем- чӣ? – гуфт Имом. – Об рафтан мегирифт. Рост мегӯм, Хиёл. Рафтем, гӯё ки мо надидаем.
Хиёл хомӯшона чим мебурид. Партов дам ба дарун гирифта буд. Моҳликоб пахтаи ниҳолҳои наздикро якдаста мечид. Ҳасани Труба норозиёна май

мекашиду пой мекӯфт: “Одамони лоғар тезу сабук мешаванд, рост аст,”- фикр мекард Хиёл ва аниқ медонист, ки хашми вай аз боиси якравии ӯст.
- Агар ҳозир начинем, тамом. Саҳари барвақт мошин медарояд. Дигар шаб омадан фоида надорад, - гуфт Моҳликоб.
Дили Хиёл аз ӯ дур рафт. Гап намезад, беҳтар буд.
Пагоҳ мошин даромада наметавонад. Замин лой мешавад. Ё дастӣ мечинанд, ё ду- се рӯз сабр мекунанд, - гуфт Партов. - И всё.
- Ин камсамола бин. Мӯрча барин ҷон дораду ҷунбида истодааст. Гӯё боғи падарашро об мезада бошад, - кафид Ҳасани Труба ва ҳамин гапҳо аз дарунаш пош хӯрданд. - Корат чӣ, ту накардӣ-ку!? «Виҷдончаат» сӯзад. Мон, рафтан гирад. Чиба ҳамина ҳамроҳ гирифтед? Ин авлод бо зоту зурёташон ҳамин хел. Партов! Ба Худо қасам, ба таги дилаш моро ҳақорат ҳам карда истодааст! Афташа бин!
Хиёл ягон ҳарфе намезад. Лабонашро сахт ба ҳам фишурда, чимҳои вазнинро ба нӯги бел мебардошт.
Маннон дудила буд. Намедонист назди Хиёл раваду ба ӯ мадад намояд ё дар ин ҷо- байни Ҳасани Трубаву Партови Лаб истода тамошо кунад. “Танҳо зӯраш намерасад, албатта, маро ҷеғ мезанад. Он вақт рафтан мумкин. Инҳо сахт малул намешаванд, аз он ки худам ба ёрии ӯ равам,”- фикр мекард ӯ. Вале Хиёл танҳоии худро дар ин кор аз аввал ҳис карда буд ва медонист, ки якҷоя бо онҳо ҳам ҳеҷ коре карда наметавонад, то аз баҳри халтаи пахтадораш набарояд, рахна калону ҷӯйбор басо тезоб буд, чимҳоро токии куҳна барин мебурд.
Халтаи калонро ба лаби рахна монд- пахтаи онро ба замин рехта буд, пас чимҳоро як- як даруни халта чид. Халта қанори пурпахта барин рост шуд. Даҳонашро баст. Баъд пояшро ба чуқурчае тиргак кард ва халтаро сахт тела дод. Халта оби хунукро ба сару рӯйи тамошогарон пош дода, ба оббурда ғалтид ва Хиёл ҳам ба даруни сарҷӯй парид. То миён дар даруни оби сард монд... Ва аз ҳама пеш Партов худро ҷониби Хиёл ҳаво дод ва ӯро аз берун кашид.
Оббурда аслан маҳкам шуда буд. Об ҳамагӣ як ваҷаб болотар аз дамбаи Хиёл андохта мерехт, ки як қатор чим онро маҳкам карда метавонист. Аз хунукӣ сахт меларзид, вале дилаш осуда буд. Партов ба Маннону Имом фармуд, ки хасу чӯб ғундошта гулхан афрӯзанд.
- Ҳоли шиму мӯзаатро накаш, - гуфт ба Хиёл ва белро аз замин бардошт.
Гулхан ҷанда барин месӯхт, дуди бисёр дошту гармии кам. Оташ дар намегирифт. Хиёл обро аз мӯзааш рехт, ӯ мӯзаи тарро дар болои гулхани кундсӯз медошт, дуди гарм даруну беруни онро мепечонд, ба дастонаш ҳам андаке ҳарорат мебахшид. Ӯ хунук мехӯрд, меларзид, вале дилашро як ҳарорате батадриҷ фаро мегирифт, бадани ӯ ҳам орому осуда мегашт. Партов хомӯшона чим мебурид. Маннону Имом онҳоро дар болои халта чида, даҳони оббурдаро маҳкам мекарданд.
Хиёл ба рӯйҳои дар торикии шаб намоёни онҳо нигоҳ кард. Дидан чандон муяссар намешуд, вале ҳис мекард, ки ким- чизе дар чеҳраҳои ҳамроҳонаш

пайдо шудааст. Чизе, ки пештар ӯ онро дар чеҳраи онҳо намедид ё аслан набуд.
Гулхан ҳам фурӯзон гашт, чӯбҳо хушк мешуданд, намашон мепарид. Оташи гулхан аланга зада, рӯйи онҳоро равшан мекард. Ҳама як чизро хуб медонистанд. Мошинҳо дирӯз дар заминҳои Наим буданд, ин пагоҳ ба замини Рақаб бояд медаромаданд. Наим инро намехоҳад. Намехоҳад, ки бо Рақаб баробар биёяд. Баробариро намехоҳад. Бо ҳар роҳе Наим бояд пеш бошад. Не, намегузорад, ки Рақаб як вақаб аз ӯ пеш гузарад. Як вақаб! Як вақаб!
Ҳасани Трубаву Партов инро нағз медонистанд. Охир, онҳо бояд ҳамин кори Наимро мекарданд. Ба сарҷӯй рахна мезаданд. Рад намуданд. Гумон надоштанд, ки худи Наим омада, гуфтаашро мекунад...
Аҷаб шабе буд.

Хиёл ошиқ будани худро пай намебарад, вале бори аввал ӯ дунёро бо рангҳои аҷибе мебинад, ки пештар онро намедид. Ӯ ҳиссиёти хурӯшони худро идора карда наметавонад.

Аз чӣ бошад, ки ба ёдаш бори нахуст савори асп шуданашро меояд ва сархам аст, пахта мечинад, гӯё тамоми диққаташ ба ин пахтаҳои сафеди сари шохаҳост ва дигар ҳеҷ фикре дар дил надорад, вале ӯ аллакай аз миёни пахтазорон дур буд. Хиёлаш дар кӯчаҳои серчанги кӯдакӣ, миёни хонаҳои пастобаланди деҳа, мегашт.
Боре ба назди падар, сари кораш, мерафт. Танҳо ва хаёлолуд мерафт. Ҳанӯз кӯдак буд, фақат роҳи саҳроро медонист ва ҳамеша майли саҳро дошт. Гоҳо ана ҳамин тавр, бе ягон коре, нури офтоб дар рӯй, сояи хиёл дар чашм, нимхобу нимбедор, роҳи саҳро пеш мегирифт. Ҳаваси асп дошт ва савории аспро орзу мекард.
Гӯё аз ғайб ё аз афсона, ё аз ин дарвозаи баланди дутабақа зани сафедпӯше бо аспи сурх банохост пайдо шуд. Ва он зани сафедпӯш ба забон омад. Сафари куҷо доштанашро пурсид. Чун шунид, ки ба назди колхозчиён меравад, хоҳиш кард, ки ин аспи «сабил»- ро ҳамроҳи худ бигирад ва зинҳори ба зинҳор майли савории он накарда, то сари замин бибараду ба дасти Ғуломаки сиёҳ супорад.
Аз ӯ бори аввал чунин хоҳиш мекарданд. Ва боз кӣ? Зани сафедпӯше! Бори аввал ӯ- кӯдаки моту мабҳут ва аспи суп- сурх, танҳо ба танҳо, дар роҳи хурди саҳрои кушод мерафтанд. Ҷонзоде дар замини атроф наменамуд, дар осмон ҳам. Заҳбури чуқуре пеши роҳашро гирифт. Оби заҳ дошт. Мегӯянд, ки андаруни ин заҳбур ғул мегардад. Боре паҳлавон Отахон субҳидам, пеш аз офтоб, аз ин ҷо мегузаштааст. Ғул аз лаҷоми аспаш маҳкам дошта, ӯро ба ҷанг даъват намудааст; мегӯянд, ки Отахон бар ғул зафар ёфтааст, вале ӯро ҳам аз ғул зарофате расидааст. Он вақт мавсими шудгору заминҳамворкунӣ будааст ва трактораш дар сари замин... Баъд, ӯро дар даруни кабина, дар сари рул, беҳуш ёфтаанд. Мегӯянд, ки трактор худ аз худ гирди замин мегаштааст.

Хиёл ҳам аз ин заҳбур ва ҳам аз ин аспи калон метарсид. Махсусан, аз чашмонаш. Онҳо оташбор буданд ва дар худ қувваи даҳшатангезе доштанд, ки Хиёл ба онҳо нигоҳ карда наметавонист. Дар сари ў лаҷом набуд, нўхтаи пашмин дошт ва банди дарози канабине дар он нўхта пайваст буд, ки Хиёл онро як тўб печонда, ба китфаш овехта мерафт. Ваҳм дар дилаш боло мегирифт. Хост қафо баргардад.

Баъд симои зани сафедпўш пеши назараш омад. «Ба дасти Ғуломаки сиёҳ супор!», «Ба дасти Ғуломаки сиёҳ супор!» – танин меандохт овози зани сафедпўш дар гўшаш. Ва ба қафо баргашта наметавонист.

Арғамчини аспро дароз сар дод ва ба нўги теппаи сари заҳбур баромад. Мехост гузаргоҳе бубинад. Гузаргоҳе ба чашмаш нанамуд. Вале чизи дигареро дид: аз он тарафи теппача хокашро кандаанд, асп агар ба таги теппача биёяд, болои он баромадан мумкин... Аспро ба таги теппача овард. Аз паҳлу чашмонаш наменамуданд. Хиёл бо навъе худро пушти асп гирифт. Пушти асп луч буд. Ҳам ваҳму ҳам шодие баробар дар дили ў валвалаи хурсандӣ андохтанд. Аз теппача ҳам баландтар буд ин асп ва ҳоло ҳайкал барин меистод. Намеҷунбид. Хиёлро эҳсоси баландӣ ба ваҷд меовард. Ў аз ин меболид, бори нахуст майдонҳои дуру беохиру бузургро, пас ду- се трактopро дид, ки печка барин хурдакак буданду дуд мебаровардand. Ғул аз ёдаш рафт. Гузаргоҳро ҳам дид, ки килкашро даравида буданд. Оҳиста ва боэҳтиёт онро «чу» гуфт. Асп қадам партофт. Хиёл алвонҷ хўрду тарсид ва аз ёли дурушти асп маҳкам гирифт.

Вақте ки одамча пешопеши вай мерафт, асп аз пайи ў, бо қадами ў лавандона по мепартофт. Акнун одам дар пушташ нишастааст ва боз ҳис мекард, ки ҳамагӣ вазни зинро дорад, пеши роҳаш холӣ аст. Вай тапаро-тупур қадампартоияшро метезонд. Дашту майдонҳои ҳамвор, теппаҳо ба ҳаракат омаданд. Хиёл нўхтаро мекашид, вале асп инро ҳис намекард, ҳамоно тез мерафт.

Ҳанўз ҳам касе наменамуд. Хиёлро ваҳм зер кард. Агар касе аз пешаш мебаромад, албатта, ў илтиҷо мекард, ки аспро нигоҳ доранд. Ин аспи сурхи масти белаҷом, акнун дев барин барои ў даҳшатовар буд. Асп ҳам аз савори хурдакаки худ, ки на қамчин дошту на вазн, намекебид ва тарсе надошт. Аз ҳама хуб, ў дарди лаҷомро дар даҳан ҳис намекард. Нўхтаи пашмин чўтка барин пушти ўро мехорид, ки ин барои ў ҳузури ҷон буд. Ва ў барои ин розӣ буд, ки савори худро ба ҳазорҳо фарсах роҳ гирифта барад ва ба ҳар амру хоҳиши вай гардан фурорад, албатта, агар ба фаҳмашон расад.

Тоқии косаи аллюминий барин сахту вазнини Хиёл лағжида, ба пушти сараш мерафт. Дастонаш дар ёлу банди асп андармон буданд. Ў наметавонист тоқиро дорад. Тоқӣ ба сағрии асп бархўрд. Асп онро гўё амре донист ва якбора ҷуфтак парид. Хиёл наафтид. Аввал аз тарс чашм аз сари асп набардошт; гўшҳои сих ба ёлу гарданаш часпида буданд, ёлҳои дарози дурушт дандонаҳои шона барин ростшуда ба даҳону биниву чашми ў мехалиданд. Шамол чу дар зимистон ба гўшаш ҳуштак мекашид... Баъд пеш нигоҳ кард; касеро медида бошад?

Ҳамчунон дилаш ваҳм дошт, ки гӯё тамоми умр ӯ дар болои асп мемонаду асп ӯро то абрҳо, то моҳ, то охири дунё гирифта мебарад. Вай ҳис кард, ки асп мепарад ва аз замин чӣ қадар болост. Дигар касе онро дошта наметавонад. Баланд мешуду баланд мешуд. Замин поён мемонд. Дасту пояш шах шуд ва бехуд мешуд, нафасаш мегашт. Ҳис мекард, ки беҳуш мешавад. Ва банохост ду занеро дид. Онҳо дар сари китф каланд доштанд. Дар тани Хиёл ҷон давид. Ҳар чӣ метавонист, дод гуфт:
- О-о-о-у-у! Аспа қапед!
- Холаҷон, аспа қапед!
- Холаҷонҳо...
Онҳо ҳанӯз каландҳоро аз китф нагирифта буданд, ки асп аз наздашон тохта гузашт. Дили Хиёл аз нав ғаш кард. Асп акнун тасф гирифта буд, девона барин метохт. Вай чӣ қадар майдони кушодро, давутозро пазмон шуда буд. Соли дароз ӯро аз аспхона набароварда буданд. Ва ӯ тамоман мутеу сархам гашта буд. Хар барин. Акнун аз дилу ҷон метохт. Парвоз мекард. Роҳу бероҳа, пастию баландӣ дигар вуҷуд надоштанд. Ӯ кайҳо парвоз дошт. Бехабар аз он ки кӯдаке дар пушти ӯ пишакча барин бо дасту почаҳояш часпида гирифтааст ва дилаш ба кафидан наздик аст.
Ман дар табақи калоне афтодаам ва ин табақ гирд мегардаду гирд мегардад, чарх мезанаду чарх мезанад. Ҳазорон хатҳои сабзу сиёҳ гирди ман мегарданд, сарам табақ, санги осёб барин гирд мегардад, вазнин гирд мегардад, сари ман чарх мезанад... Ба ғайр аз сумҳои рахшони асп чизи дигареро намебинам. Магар пойҳои асп аз ман нестанд? Ва ман ҳайрон медавам, пойҳоям шабеҳи пойҳои асп, ё ман саропо асп нашудаам, ин қадар тунд медавам ва сумҳои асп медурахшанд, чу исканаи дасти усто дар даруни табақи гардон...
Ин замин гоҳ хокистару гоҳ ҷигарӣ, намедонам, рангҳои зард дар он аз куҷо рехтаанд, ё мерезанд?! Ё акнун мерезанд?! Ва ман шогирди табақтарошам, табақро мегардонам, чарх мезанонаму исканаи фӯлодиро ба рӯйи он медавонам, исканаро мебинаму табақро намебинам. Ба ҷойи табақ раҳҳои бешумори рангинро мебинам, ки ҳалқа-ҳалқа пеши чашми ман боз мешаванд, ба он зудие, ки шабеҳи ҳалқаҳои мавҷ, ки аз санги ба об афтида ҷудо мешаванду мегурезанд, ҳалқаҳо аз қаъри табақ боз мешаванду ба лаби он медаванд, ё искана медавад! Ман медавам. Аспи даруни табақ медавад...
Чаро Тозагул, ҳа, ба ёдам омад, он зан Тозагул ном дорад, аспро ба ман дод!...
Асп ҳам одамҳоро диду одамҳо ҳам аспро диданд, ки майдон гирифтааст ва тирвор мепарад. Ва кӯдакеро ҳам дар пушти ӯ диданд зин барин часпида! Чанд кас ҷониби асп давиданд. Асп ҳоло дур буд ва Хиёл дод намегуфт. Чизеро, касеро намедид.
Ҳама шах шуда, ба аспу кӯдак нигоҳ мекарданд. Аз тарс дам ба дарун гирифтаанд. «Кӯдак маъюб нашавад, хуб!» – мегуфтанд дар дил. Баъзеҳо даст ба гиребон гирифта буданд ва чизе зери лаб пичир- пичир мехонданд.
Асп ба тарафи онҳо метохт. Хиёл суст гаштани дави аспро ҳис кард; чашмонашро кушод. Одамонро дид.

- О-о-о-у, - мехост дод гуфта ёрӣ пурсад. Гӯяд, ки аспро нигоҳ доранд, гӯяд, ки асп дев барин асту зӯрам намерасад. Гӯяд, ки ӯро мекушад... Вале бе ин ҳам сустии дави аспро ва ба дуқ- дуқ гузаштани онро ҳис карда, бо ҳамон овоз давом дод. – Ман омада-а-ам!...
Ғуломаки сиёҳ ва падари Хиёл сӯйи аспу кӯдак давиданд...

Он вақт ҳам шод буду ҳам метарсид. Охир асп дар назари ӯ ваҳшӣ буду боз белаҷом. Пушташ луч буд, на зин дошт, на узангу. Вале ҳисси парвоз, кайфи парвоз то ҳозир дар дилаш мондааст. Ва ҳиссиёте, ки ин лаҳзаҳо сари ӯро ба гардиш овардааст, ба он савории асп наздикие дорад; ин ҷо низ тарс ҳаст, вале тарс аз баландӣ ё дави асп не, аз мардум, аз шарми мардум. Охир, онҳо ба ташвишҳои беохири дунё боз ташвиши дигаре зам мекунанд. Онҳо мехоҳанд, беҳад мехоҳанд, ҳар ду танҳо бошанд. Бигзор соате, лаҳзае, чӣ қадар мехоҳанд, танҳо бошанд онҳо, ҳарчанд ин хилофи ойини мардум аст.
Ба Хиёл ҳеҷ лозим набуд, ки тамоми он лаҳзаҳои дар синф ё дар роҳи мактаб, ё дар роҳи саҳро бо ӯ будан, ё суханҳоеро, ки дар миёни пахтазор ба ӯ гуфтаасту аз ӯ шунидааст, ё ҳамин тавр, бе ягон сухане. бо ҳам будаанду паҳлуи ҳам истодаанд, ба хотир биёрад. Тамоман лозим набуд. Ҳамин як лаҳза ба ӯ кифоя буд, ки муносибати Саборо бо худ бифаҳмад. Ҳозир маънии он ҳама қаҳру итоб ва нигоҳҳои тезу нозолудро мефаҳмад. Ҳамин бас буд, ки дар миёни суханҳои аз ӯ шунида он чизеро бифаҳмад, ки ӯ ба забон оварда наметавонист. Ва худи ӯ магар метавонад? Ҳаргиз! Медонад, ки ҳиссиёте тамоми ҳастии ӯро ба изтироб овардааст. Ӯро ташна гардондааст, ташнаи дидори ӯ, чашмони ӯ, хандаи ӯ, ташнаи овози ӯ, ташнаи сухани ӯ. Ва агар бо чашмони обдору зулоли ӯ ташнагии дилро намешикаст, лабонаш мехушкиданд, хоб аз чашмонаш мепарид, шабҳо мунаҷҷимон барин ситора мешумурд, мактубҳо менавишт, мехонд, медаронд. Магар бо ин дили шефтаи ҷавони шонздаҳсола осуда мешавад, таскин меёбад. Ҳамаи ин ғалаёни ҳис ногаҳонӣ ба сари ӯ омаданд, ки қариб аз худ бегона шавад. Банохост, бехотир. Вақте омаданд, ки тамоман интизор набуд. Ва тасаввур ҳам карда наметавонист...
Пахтазор. Ҷӯякҳои беоб, шохаҳои камбарг, пағаҳои овезон, мӯзаҳои куҳна, осмони ғуборолуд, лабони чиркин, бинии маҳкам ва... чашмони дурахшони Сабо. Ӯ ҳеҷ намедонад, ки аз чӣ онҳо ин қадар рахшонанду гӯёянд? Ва чиҳо мегӯянд? Ва ӯ бефаҳмтарини одамҳост, ки намедонад ин чашмҳои рахшон чиро ин қадар такрор ба такрор ба ӯ мегӯянд? Аз чӣ онҳо ин қадар пурэҳсосанд, аз чӣ онҳо таранд, чӣ нуре дар онҳо медурахшад, чӣ маъние дар онҳо ниҳон аст? Ва аз чӣ ӯ аз ин нигоҳҳо дар изтироб меафтад, аспи хӯсида барин худро қафо мекашаду пой мекӯбад? Аз чӣ бошад, чӣ сеҳрро дороанд онҳо, ки ӯ дар табу тоб меафтад? Намедонад. Намедонад. Намедонад... Нафаҳмид. Ин дафъа ҳам нафаҳмид... Дохил мешавад...
.
Шаб, тележкаи пури пахта, чанги роҳ, осмони ғуборолуди бемоҳ, заминҳои хиратоби пахта, овози трактор ва ӯ, ки аз қафои тележка медавад, меҷаҳад, то дасти Сабо ба дасти худ бигираду болои тележка барояд. То деҳа роҳи дароз

аст. Сабо намехоҳад пиёда рафтани ўро. Пинҳонӣ аз Садриддин ўро ба болои тележка, ба паҳлуи худ, мекашад, дар паҳлуи худ мешинонад.
- Мумкин нест!- мегўяд ҳар бегоҳӣ Садриддин ба бачаҳо, вақте ки онҳо майли саворшавӣ ба тележка мекунанд.- Мумкин нест.
Дар ин роҳҳои пурпечутоби борик шабонгоҳ тележкаи вазнини пурпахта калавида-калавида базўр меравад. Гумон мекунӣ, ҳозир ба чап меафтад ё ба рост, вале то ҳозир чаппа нашудааст ва Садриддин ҳар бегоҳӣ ду- се духтарро рўйи хотири ким- киҳо ба болои тележка мешинонад. Сабо низ дар қатори хотирдорон аст.
Инак, дасти дарозкардаи ў панҷаи Хиёлро дар торикӣ, дар хамохези тележка, мекобад. Албатта, меёбад. Охир ин дастҳо ба якдигар майл доранд ва беихтиёр ба сўйи ҳамдигар дароз мешаванд, то бипайванданд... Ва ў дар болои тележка худро мебинад. Ва чӣ қадар хомўш пичиррос мезанад Сабо; ва чӣ қадар ў наздик аст, суханони одие, ки ҳар бор бо ҳам бошанд, ў шунидааст, боз ба гўши Хиёл медароянд, вале ин шаб аҷаб пурҳароратанд! Ё лабони Сабо ниҳоят наздиканд! Суханони пурҳарорат, ҳатто тафсони духтар, ба гўши ў медароянд, рост ба дилаш мерезанд, дилашро чу оташе дар тоб мегиранд. Аз чӣ бошад ин? Охир ҳамон суханҳоеанд, ки дирўз шунида буд. Чаро он вақт бепарво буд, имрўз бошад, дар изтироб аст?
Танаш ҳам дар ҳолати дирўза; дар рўйи пахтаҳои пурчанг дароз хобидааст; рў ба осмон, гоҳ- гоҳе Сабо сарашро ё ба пахта пахш мекунад, ё ба бағал мегирад, то Садриддин ўро дар болои тележка набинад... Мабодо нафарорад.
Магар ин бегоҳ осон аст, ки лаҳзае сар ба зонуи ў гузошта қарор бигирад; наметавонад. Ва ҳамон қадаре ба Сабо наздик мешавад, ки ба оташи фурўзон наздик шудан мумкин бошад.
Ва олами болои сарро низ дигаргуна медид. Миёни мўйҳои парешони Сабо ситораҳо, чу чакраҳои об баъди саршўӣ, медурахшанду мекафанд, доси маҳ сар- сари шохаҳои зарди тут медавад. Шиками сафеди абри раҳгум ба доси маҳ бархўрда бошад, ки хуншор менамояд. Гоҳе ҳалқа барин дар гўши абри ҷингиламўй овезон мешавад. Ин занҷири заррини теппаҳои уфуқ, ин яккатути сари замин, ин ҷўякҳое, ки гўё аз бехи тут сар мешаванд, думи шукуфтаи товус барин зебоянд. Ин замини серпахта, ин шабҳои саҳро чӣ қадар дилгир буданд. Ва ин моҳ, ки сар- сари шохаҳои зарди тут медавад, дина шаб чу доси фаромўшшудаи мўйсафеди беҳуш сари шохе овезон буд, ин занҷираҳои тиллоии уфуқ, ки куҳҳои хурду бузургро чу шутурони корвони шабрав ба ҳам мепайвандад, дина ҳамсони дандонҳои зарди замини пир лаби осмонро газида хуншор мекарданд...
Хиёл ҳанўз ҳам намедонист, ки ин ҳама аз чист; фақат медонад, ки ин ҳама аз дасти Сабост, аз чашми Сабост, аз бағали Сабост; ў даст ба дасташ дод, чашм ба чашмаш андохт, сар ба бағалаш кашид, лаб ба гўшаш ниҳод ва чанде пичиррос зад, ки дили чун оташдони беоташ сиёҳу сардаш банохост шарар гирифт, афрўхт, шуъла зад ва дуде баровард, дуде ба сони қилаки занон нафису нозук, ки шаби саҳроро пеши чашмаш афсона мегардонд. Ва Хиёл мехост, фақат дуо намекарду халос, ки тележка хомўш нашавад, роҳ поён наёбад, саҳро паҳнотар шавад, моҳ дар осмон монад, ин шаб ба рўз нарасад,

то дасти Сабо дар дасти ӯ, ана, ҳамин тавр ҳамешагӣ, бимонад. Инро бисёр мехост, ҳамин гуна орзу дошт, вале намедонист, ки аз чист...
Роҳи саҳро то хирман буд, баъд аз пеш хонаҳои мардум мебаромаданду кӯчаи калони миёни деҳа оғоз меёфт. Шояд одамон низ дар сари кӯча истода бошанд ё дар хирман чой менӯшанд. Хиёл ҳамин ҷо фурояд беҳтар...
- Хиёл, мефуроӣ?
- А?
- Мефуроӣ, расидем.
- Ҳа- а.
- Фуромадан намехоҳӣ?
- Не!
- Ҳозир фуро, баъд...
- Баъд...
- Пагоҳ дар як ҷо пахта мечинем.
- Ҳаррӯза барин?
- Не, ҳарду танҳо мечинем.
Дигар фурсати гуфтугузор намонд. Тележка ба дарвозаи хирман расида буд. Хиёл, нисфи гапҳо дар дил, хазида ба лаби телечка омад. Ситораҳо чашмони тари Саборо мемонданд. Осмон ҳамсони пахтазори шабнамзада медурахшид.

***

Имрӯз эътиқоди мардум таконе хӯрд. Вале ин як бозии бехавфи оташи ҳиссиёти наврасе буд. Лаҳзае давом дошт. Баъд хомӯш шуд. Балки дарун зад... Зеро замири ӯ равшану шаффоф мегашт.
Ин ҳамин гуна ҳиссиёте буд, ки умри одамро дошт ва бекарону бузург буд. Кӯдак, ҳарчанд кӯшиш кард, дар дилаш онро гунҷонда натавонист. Дилаш лабрез шуду он ҳиссиёт берун зад. Андаке ӯро пеши мардум бозӣ доронд.
... Ҳоло ӯ дар канори сарҷӯйи пахтазор, дар миёни ниҳолони баланд менишаст. Бори нахуст ӯро интизорӣ мекашиду бесабрӣ дошт. Аз рӯяш алов мебаромад. Рӯю дастонаш аз ҳарорати дарунӣ метафсиданд. Пӯсти баданаш офтобзадаҳо барин шах шуда буду гармӣ мебароварад. Мепиндошт, ки агар ангушт ба об бихалонад, сарҷӯйи пахтазор хушк мешавад.
Гӯё ба чашмонаш айнаки сеҳрнок монда бошанд, манзараҳои ҳаррӯзаи пахтазор дар пеши назараш бо ранги дигаре ҷилва мекарданд. Ва ӯ фикр мекард, ки ин замин аҷаб зебост. Одамонаш ҳам зебоянд. Аҷаб хушсалиқаанд, ин заминро бад- ин зебоӣ шона задаанд, хат кашидаанд, аз баромадгоҳи офтоб то фурудгоҳи офтоб. Хатҳои бешумор, ҷӯякҳои бешуморе. Дар ин ҷӯякҳо тобистон об шилдиррос мезанад, тирамоҳ шабнам мерезад. Хатти ҷӯякҳо ҳамаро, ҳамаи онҳоеро, ки ба ин замини муқаддасу зебо таъзим мекунанд ва пеши офтоб саҷда меоранд, сӯйи офтоб мебарад...
Офтоб шомгоҳон ба сари ҷӯяҳо мефурояд. Ва ҳазорон мижгонҳои худро сӯйи мардум дароз мекунад. Одамон ҳар кадоме офтобро сари ҷӯйи худ мебинанд.
Хиёл моту мабҳут медид, ки чӣ гуна ҷӯякҳои ба домани офтоб расида ба кокулони майдабофи духтарон монанд мебошанд. Ва офтоб бошад, монанди духтари дӯстрӯест, ки пеш аз хоб кокулони тиллоранги худро рӯйи бистар

дароз партофта, мафтуни зебоӣ ва ғарқи тамошои он саропо чашм гаштааст. Одамон ба кокулони офтоб часпида боло мебароянд. Ба офтоб наздиктар мешаванд.
Хиёл гўё дар олами афсона буд, худро дар банди ҷоду медид, ҳарчанд мижгон ба ҳам мезад, сароби пур аз сеҳр аз пеши чашмонаш дур намегашт. Ва ӯ медид, ки қатраи нуре аз банди кокулони офтоб таровида, ба сарҷӯй наздик мешавад.
Сабо бо сад андешаву хиёл ба тарафи ӯ меомад. Аз ҳаяҷон лабони Хиёл хушкиданд. Ӯ безобитаву беқарор буд.
Ҳар ду якдигарро диданд. Ба рӯяшон сурхӣ давид. Чашмонашонро ба зӯре ба ҳам дӯхтанд... Ва шармгинона нигоҳашонро аз ҳам гурезонданд. Дуздида ба ҳам менигаристанд. Танҳо гунаҳои лоларангу мижгонҳои хамхӯрдаро медиданд. Ва боз Хиёл пичаҳои сиёҳи буридаву парешони ӯро медид, ки ба як тарафи пешонааш овезон буданд, меларзиданд ва гумон кард, ки ларзидани баданаш аз ҳамин аст. Ва боз пати нозуки пушти лаби ӯро дид, ки пари шабпарак барин нарму махмалин буд ва ранги шафтолуи обгирифта дошт. Хатти гирди лабонашро дид.
Ним қадаме миёни онҳо монд. Пойҳо дигар ҳаракате надоштанд. Фақат дастҳо, дастҳо беқарор буданд. Ва... ва онҳо, дастҳо, ба ҳам наздик шуданд. Оҳиста ба ҳам расиданд...
... Кӯдаке савори аспи сурх гашт. Аспи девонаи майдонгир аз бинӣ оташ мефишонд. Кӯдак маҳкам ба ёли асп часпида буд. Асп бар ҷигари офтоб мепарид. Вале бе боли парвоз буд. Ҷигари офтоб месӯхт.
Дастҳо ба ҳам расиданд ва аз ҳам гурехтанд. Панҷаҳо шакли сари мор гирифтанд. Зебову фиребанда буданд ва якдигарро мефиребиданд, ҳамдигарро ба сӯйи худ мехонданд ва ларзону ҳаросон ба ҳам наздик меомаданд. Бинӣ ба бинӣ мерасонданд, яке дигареро мебӯид...
... Асп белигом буд. Чашмони бечо дошту нигоҳи ваҳшӣ. Кӯдак чашмони ӯро намедид, аҷаб андоми покизае дошт ин кӯдак. Ва чашмонаш пӯшида буданд. Саре аз парвози асп дар гардиш дошт, дашту майдон гирди онҳо давр мезаданд. Ғилдираки кӯдакон барин ҳама чиз ба хатҳои зарду сабзу кабуду сиёҳи сарбастаи мутаҳаррик табдил меёфт. Хатҳои суръат! Хатҳои суръат гирди онҳо мепечиданду танг ба ҳам меомаданд. Кӯдак бехудона сар ба гардани асп фуровард. Асп аз иродаи ӯ берун буд. Асп...
... Дастҳо чу морҳои ошиқ ба ҳам печиданд. Рӯ ба рӯйи ҳам ниҳоданд, лаҳзае ором гирифтанд, гўё ғунуданд. Ва боз ларза дар онҳо афтод, чизе ба гўши ҳам гуфтанд. Шукуфтанду боз ғунча шуданд, дур шуданду наздик омаданд. Ба ҳам печиданд ин дастҳо. Ва чу морон бозӣ доштанд, чу морони ошиқ ишқварзӣ мекарданд...
... Хатҳои суръат давродавр зиёд мешуданд, меафзуданд ва торафт фарох мегаштанд. Майдони този асп бекарон мешуд. Замину обу дарё, теппаҳо, ёлаҳо, ҳама гирди онҳо чарх мезаданд. Аспи сурх ҳамсоли одамӣ буд, обаш аз майи куҳнатарин буд, ки ангури онро Одаму Ҳаво аз боғи худ чидаанд. Кӯдак нодон буд ва ҳунари саворӣ надошт. Ва боз, намедонист, ки чӣ гуна

аст асп; медавад ё парвоз дорад; фақат ёлҳои ўро медид, ки чу алангаи оташ пеши чашмонаш забона мезаданду бозӣ мекарданд...
... Дастҳо чу дил метапиданд. Ҳар он ҳиссиёту эҳсосе, ки ин ду танро дар миёни пахтаҳои баланд фаро гирифта буданд, ба дастҳо гузаштанд. Дастҳо сурх мешуданд, дока барин сафед мегаштанд, ранг мебурданд, ранг меоварданд, ноз мекарданд, итоб доштанд, дил низ ба рўйи дастҳо ғеҷида буд.
О, дар байни мардум, миёни бисёрӣ, чӣ гапҳое мегуфтанд онҳо, агар ҳозир ба забон биёранд, ҳар ду оташ хоҳанд гирифт. Аз якдигар чӣ қадар кўракҳо хўрдаанд; пешдоманҳои вазнини пурпахта низ бегоҳон чандин бор ба фарқи сари онҳо меҳмон мешуд! Чӣ қадар барои ҷои пеш дар тележка афту дарафт мекарданд. Ва ў ҳаргиз тасаввур намекард, ки як бегоҳӣ, пеш аз ғуруби офтоб, ў рў ба рўйи Сабо ана ҳамин тавр лол мемонад.
Онҳо чашм ба зер афканда буданд, вале ҳамдигарро медиданд. Ҳар боре, ки Хиёл шоҳиди ҷанҷоли калонҳои хона мешуд, дарҳол давида духтарчаи ҳамсояро меовард. Ҳар ду дар пеши онҳо бозӣ мекарданд.
- Ҳаминака намегирӣ? Чӣ духтараки хўшрўй аст! – мегуфтанд онҳо, вақте ки ҷанҷолашон басанда мегашту хурсанд мешуданд.
- Чӣ хел мегирам? – мепурсид Хиёл.
- Зан мекунӣ, арўс! – мегуфт модараш.
- Не, - мегуфт Хиёл.
Акнун баъзе гапҳоро сарфаҳм мерафт. Мешунид, ки модарашро «Зани Охун» мегуфтанд. “Ҳо, зани акаи Усмон!»- ҷеғ мезаданд ўро ҳамсояҳо. Падараш ўро «Очаи Хиёл» мегуфт.
- Ту бачаи маро мегирӣ? – мепурсид очаи Хиёл аз Сабо, агар ў вақти хушҳолиашон он ҷо мебуд. – Бин, чашмоша, чашми модараш барин сип-сиёҳ, мўяша бубин – мушк барин, даҳана бубин – писта, рўя бубин – кулчаи ширмол. О хурумта, бачаме! – дўстдорӣ мекард Хиёлро модараш дар пеши Сабо.
- Ҳа, мегирам! - мегуфт Сабоча ва лентачаҳои сафеди кокулаконашро ғиҷим мекард. – Гирифта хона мебарам!
Очаи Хиёл завқ бурда механдиду мегуфт:
- О чолакоша садқа, духтараки ширин, келинча!...
Ҳар ду табассум мекарданд...
Ҳиндудухтаре сиёҳчўрда ҳар шабе дар вақти хоб ба сари болини кўдак меомад. Дар пероҳани сафеди ҳарир печида буд. Холи рангине миёни абрўвон ва тоҷи рахшоне ба мўйи сар хаста дошт. Домани пироҳанаш ба бистари кўдак мерасиду остинаш ба рўйи ў. Даҳонаш нимво буду лабонаш гарм...
... Хиёл ба Сабо менигаристу ҳис мекард, ки аз дарун ўро ким- чӣ гуна қуввае бовар мекунонад, ки ишқ маҳз ҳаминест, ки ҳоло бо ўст, на оне, ки ў мепиндошт ва гоҳо хоб медид.
Хиёл муносибати муҳаббатомези дигаронро нозукона мефаҳмид. Борҳо гуфтугўҳои ишқолуди ҷавононро дар саҳроро шунида буд. Медонист кӣ ба кӣ майл дорад. Кифоя буд, ки шомгоҳон, вақти пахтакашӣ, ў дар гўшае

истаду ба одамон назар биандозад; ҳарчанд худро аз якдигар худро дур мегиранд, боре рӯ ба рӯ намеоянд, вале халтаи вазнини додари духтари дилписандашонро бардоштани ҷавононро, ё хари духтардоронро кушода овардани онҳо барои Хиёли тезҳуш аз бисёр чизҳо рамуз медоданд. Ва инро натанҳо ӯ, балки ҳама ҳис мекарданд. Вале ӯ барои худ тамоман дигар чиз, дигар кас ва дигар тарзро интизор буд. Ва ҳеҷ гумон надошт, ки муҳаббат барои ӯ дар миёни ҳамин замини серғӯза меруяд. Боре, ки паҳлуи ҳам ҷӯяк доштанд, гоҳи дамгирӣ ӯ ба мӯзаҳои серчанги кирз ва дастони ширачаспидаву чиркину кафидаи Сабо нигоҳ мекарду ӯро масхара медошт, мегирёнд. Ҳамроҳонашонро низ механдонд. Хиёле ҳам надошт, ки дар танҳоӣ, дур аз дигарон, ин дастону ин рӯю ин мӯй зеботарин ва муқаддастарин чизҳоеанд, ки ӯ ҷуръати ба онҳо даст расонидан намекунад. Ӯ чӣ қадар нозук аст.

Садои пойҳо ҳардуро рамонд. Худро миёни пояҳои сербарг гирифтанд, ба замин часпиданд. Сафияву Сумбул ба лаби сарҷӯй дастшӯӣ меомаданд. Сафия дуҷон буд. Оне, ки дуҷон буд, мегуфт:

- Шир надорам, синаҳоям хушк шудаанд.
- Чандмоҳаӣ?
- Ҳафту ним... ё ҳашт.
- Кӯдакат чӣ мехӯрад?
- Ба ғайри пистон чизи дигаре ба даҳон намегирад. Намедонам, чӣ кор кунам? Мегиряд.
- Хайр, биёр, ман маконам. Духтари ман ин хел не. Чизе, ки хӯрем, ӯ ҳам мехӯрад. Синаам пури шир, доим мерезад. Ана, бубин...
- Не, дугона. Агар ҳар ду писар мебуданд, гапи дигар. Мемаконӣ, аз ту духтару аз ман писар. Калон шаванд, кӣ медонад, ки чӣ гап мешавад?
- Тавба гӯй, ҳавою ҳаваса бубин! Мон, аввал калон шаванд!

Сафия сари по нишаста буд ва даст ба оби сарҷӯй расонда наметавонист. Сумбул бо дастонаш ба кафи ӯ об мерехт. Сафия дастонашро шуст, пас об нӯшид. Бо мадади Сумбул бархост. Онҳо аз сарҷӯй дур шуданд.

Хиёлу Саборо ранг канда буд. Сабо шарм медошт. Ва ҳеҷ намехост, ки дар ҳузури ӯ Хиёл ин гуна суханони занонаро шунавад. Акнун ӯ аз ҷой бархоста наметавонист. Гуфтугӯйи занҳо гӯё куртаҳои ӯро пеши Хиёл аз танаш кашида буданд. Бо зонувону оринҷҳояш ӯ шикаму синаҳояшро панаҳ мекард, рӯяшро бо кафи дастонаш пӯшонда буд. Мепиндошт, ки баъди шунидани ин суханҳо Хиёл майли дидани бадани ӯ мекунад. Бори аввал дар танҳоӣ лабонашро кушод.

- Хиёл!
- Сабо!
- Чашмонатро пӯш!
- Хуб.
- Не, бо дастонат маҳкам кун.
- Барои чӣ?
- Хайр, пӯшон! - илтиҷо мекард Сабо.
- Хуб.

Сабо оҳиста, чашмонашро накушода, лабони тафсонашро ба рӯйи Хиёл наздик овард. Баъд истод. Худро дур гирифт. Аз ҷояш бархост.
- Чашмонатро накушо!
- Ту чӣ кор мекунӣ, Сабо? – оҳиста пичиррос зад Хиёл.
- Меравам! - пичиррос зад Сабо.
- Андаке ист!
- Наметавонам.
- Хайр, ист!
- Тезтар равем, беҳтар.
- Онҳо моро диданд?
- Ба фикрам, диданд.
- Мегӯянд.
- Сафия намегӯяд.
- Сумбул ҳам намегӯяд.
- ...
- Ба падарат намегуфтагистанд?!
- Не, Сумбул намегуфтагист. Агар Моҳпарча фаҳмад! Ба худаш танҳо намегӯяд, дар байни мардум мегӯяд.
- Ба падарат хусумат дорад?
- Ҳа.
- Метарсӣ?
- Не, падарам одами бофаҳм, мумкин аст дар хона коҳиш кунад.
- Намекуштаст- ку!
- Не. Мардум фаҳманд, хуб намешавад. Муаллимҳо мефаҳманд, аз дари мактаб чӣ хел медароем?
- Хайр, ман ба мактаб намеравам.
- Ту бояд хонӣ...
- Ба дигар мактаб меравам.
- Мебинем.
- Хайр, чашмонамро кушоям?
- Накушо!
- Дастатро гирам?
- ...
Сабо дастонашро ба Хиёл дароз кард, дастҳои ӯ акнун ором буданд. Онҳо дигар танҳо набуданд. Акнун андешаи пешомади бегоҳӣ бо онҳо буд, нигоҳҳои мардум низ.
Хиёл бо чашмони пӯшида меистод ва табассум дар лаб дошт. Дастони Сабо ба ҳаракат омаданд. Лаҳзае ҳамаро фаромӯш бояд кард. Дастҳо лучу беҳаё буданд. Ва чашмони Сабо пӯшида буд...
... Аспи сурх бе зин буд. Ва ҷойи лигом нӯхтаи пашмин дошт. Кӯдак камқувват буд ва банди нӯхтаро бо азобе мекашид. Ва он пушти бинии аспро мехорид. Асп аз ин ҳузуре дошт. Намедонист хурсандии худро чӣ тавр фаҳмонад. Ӯ тайёр буд, ки савори пушташро ҳазорон фарсах гирифта барад. Давр занонад. Ба осмонҳо бардорад. Савор хурд буду бевазн ва чун зин ба пушти асп часпида...

... Сабо оҳиста дасташро гирифт.
- Хайр! - гуфт Сабо.
- Хайр! - гуфт Хиёл.
Сабо рафт. Хиёл чашмашро кушод...
... Ва оламро бад-ин зебоӣ диду моту мабҳут монд. Дид, ки офтоби Аспирингон ин бегоҳ зеботар аст, нафақат офтоб, ҳама зебоянд. Ӯ бори нахуст эҳсос кард, ки ҳама зеби ҳамин замину ҳамин обу зеби ҳамин дунёянд, ҳама аз барои якдигаранд. Бори нахуст дарк намуд, ки ҳама одамон ба ҳам қаринанд, ба ҳам монанданд, ҳама ба якдигар даркоранд; овози онҳо, рангу рӯйи онҳо, дасти онҳо, панҷаи онҳо, суруди онҳо, ғаму дарди онҳо бо ин замини муқаддас ягонаанд, ҳама фарзандони ӯянд.
Рангаш аз бузургии ин ҳақиқат канд, дилаш ба ҷӯш омад. Ва хам шуда, аз пешонаи қоқи замин бӯсид. Ҳазорон бор миннатдор буд, ки дар ин дунёи равшан ӯ низ вуҷуд дорад. Диле дорад, ки дар оғӯши замин метапад, дасте дорад, ки як гӯшаи ин заминро обод хоҳад кард; пос дорад, ки бо роҳи офтоб ӯро бибарад.
... Ва боз ҳис кард, ки ҳамаро ба оғӯш гирифта бӯсидан мехоҳад! Сухани самимие ба ҳама гуфтан мехоҳад. Танҳо барои он ки онҳо зиндаанд ва ӯ ҳамроҳашон зиндагӣ дорад. Фақат барои ҳамин.
Дили ӯ аз ҳаяҷон тапид, аз ҳиссиёти баланди осмонӣ тафсиду фароху беҳудуд гашт.
Ва боз Хиёл ҳис кард, ки ҳамаро бо оғӯш гирифта бӯсидан мехоҳад. Сухане самимӣ мехоҳад бигӯяд! Ба ҳама, ба ҳама, ба ҳама мардуме, ки мешиносаду медонад ва боре дар зиндагӣ бо онҳо дучор омадааст. Танҳо барои он ки онҳо зиндаанд ва ӯ ҳамроҳи онҳо зиндагӣ дорад. Фақат барои ҳамин... Ва Хиёл ҳис кард, ки ба ҳаёт муҳаббати бепоёне дорад, ба ҳама некӣ мехоҳад ва ҳамаро дӯст медорад – ҳам Ғуломи девчашмро, ки аз гум шудани хараш ғусса хӯрда, аз саҳар боз ғур- ғур дорад, ҳам Сафияи моҳурӯзаш наздикро, ки коғази духтур овардаасту аз пагоҳ дигар ба кор намебарояд (Илоҳо, бедарду безахм таваллуд кунад!), ҳам Бозори табелчиро, ки қалами бехи гӯшашро афтондааст ва ду соат боз дар миёни ҷӯякҳо чорпо мегардаду замини пахтаро мепалмосад. Охир, то баркашидани пахтаи мардум ним соат монд, бо чӣ менависад? (Илоҳо, дилкаф нашавад), ҳам он чилу нуҳ нафареро, ки рӯ ба замин оварда пахта мечинанд, ҳам он абри обистанеро, ки тумшуқи тарашро болои теппаи деҳаи Чаҳоргул монда, аз таги обрӯвони овезонаш бадқаҳрона ба замину ба одамони пуштхамида теғ мекашад, ҳам он ду нафареро, ки дар даруни сағонаи куҳани пуштшикаста паҳлуи ҳам хобидаанд. Дили ӯ ончунон ҳоло меҳре дорад, ки ҳатто мурдаҳои ҳазорсоларо низ ӯ ба оғӯш гирифта бӯсида метавонад.
Хиёл аз талотуми эҳсосот нафастанг шуд. Шарёни хунро дар рагҳояш мешунид... Бори нахуст дар дили ӯ ҳиссиёт талотум мезад, пайкари норасидаи ӯро печонда гирифта буд ва месиққонд. Мавҷҳои паёпай аз сари ӯ мегузаштанд. Чун ғарқшудагон сар аз миёни мавҷҳо берун карда, нафас гирифтанӣ мешуд, ба ӯ ҳаво намерасид. Шарёни хунро мешунид, ки аз дил ба рагҳо медавид...

Оҳиста аз миёни найзор берун шуд ва аз девори сағона фуруд омад. Саборо дид, ки қад- қадди сарҷӯй саросема боло мерафт. Мӯзаи кирзаш ғӯзаҳои хушки канори ҷӯйро мерезонданд. Маҷрои сарҷӯй онҳоро поён меовард. Хиёл онҳоро дошта гирифт. Оби сарҷӯй хунук буд. Ӯ тоқии тарашро аз лаби сарҷӯй гирифту шуст, пас пури об карду ба сараш рехт. Об ба қадди мӯяш мешорид; ӯ аз таги абрӯвонаш ба тораҳои обу тораҳои мӯяш нигоҳ мекард. Аз паси онҳо офтоби сари заминро медид.

Рӯз ба поён мерасид, поёни рӯзи пахтазор. Ин лаҳзаҳоест, ки шамолаки нарм аз куҷое мевазад ва тасфи рӯзу бӯю тафи пахтаро аз таги бинии онҳо мебарад. Одамон дар ин чанд лаҳзаи ғанимат ҳаристар мегарданд, саросемагӣ мекунанд, ду кило зиёдтар чиданӣ мешаванд, яку якбора хомӯшӣ; касе ҳазл намекунад, якдигарро ном намебаранд, вақт нест. Ҳатто Бозор ҳам дар гӯшае хомӯш мешинад. «Дафтар тафтиш мекунад...» Хомӯшиест, ки пеш аз оғози тӯй дар ҳавлиҳо ба миён меояд.

Хиёл медонад, ки дере нагузашта мағалу хурӯше, фарёдофарёде дар ин майдон мехезад, беназир. Касе чунин шӯру валваларо дар ҳеҷ куҷо, ба ғайри пахтазор, надидааст.

Ҳама ҳоло ҷунбуҷул мекунанд, ташвише доранд; вақти шӯхӣ нест.

Миёни ин ҳама ташвиши дунё боз ташвиши наве зам шуд. Ду кас ба ҳам ошиқ шуданд...

... «Ҳозир фарёди Бозор дашту майдонро мегирад», - аз дил гузаронд Хиёл. Тоқиашро шуст, ҷафид, ба сари зонуяшро пӯшонду гирд гардонда ҳамвор кард, баъд ба сари шохи беғӯза овехт. Ва аз ҷояш барнахест. «То овози муборакӣ Бозор баланд нашавад, намехезам,» - раъй кард ӯ. Бас аст, имрӯз дигар пахта намечинад. Нигоҳ мекунад, ки чӣ тавр Бозор ба нӯги теппа мебарояд ва баъди лаҳзае фарёд мекунад: «Мардум, кой тамом!»

Овози ӯ овози Ҳазрати Сулаймон барин аст, ба сангу кулӯхи замин ҷон мебахшад. Аз миёни пахтазор ҳайкалҳои одамӣ бо панҷаҳои пурпахта рост мешаванд, хамёза мекашанд ва баробар ҷониби офтоб мегарданд, офтобро дар лаби куҳ дида шодӣ мекунанд аз он, ки офтоб ба сари онҳо фуруд омадааст ё аз он, ки рӯз ба поён мерасад ва дар анҷоми рӯз ба офтоб нигоҳ кардан мумкин аст; офтобро дуру дароз тамошо кардан мумкин нест. Бозор аллакай дар сари тарозу истодааст ва онҳоро интизор мебошад. Ҳама ба сӯйи тарозу мешитобанд...

- Саиди Япалоқ!
- Ҳа.
- Ғуломи Девчашма.
- Ҳа.

Ӯ ба деҳаи Аспирингон аз Кангурт омадааст, он ҷо чашмаи аҷибе буд поки ҷаззобу сард, ки Девчашма мегуфтандаш ва обаш аз рӯйи санги сабзе борик шорида, ба поён мефуромад. Чашми Ғулом низ обрав буд ва ҳамеша ашкаш ба рухсорааш медавид; ба даҳони он чашма монандӣ дошт. Аз Кангурт ӯ бо ҳамин ном омада буд.

- Ғуломи Девчашма! – мегӯяд Бозор.
- Ҳо-о! – мегӯяд ӯ.

- Назди тарозу биё!
- Хуб, ака! Ӯ аз Бозор ҷавон аст.
- Гули Обдаҳан!
- Не...
- Хайр, Гули Шабнамзада!
Ҳама механданд. Гул, писари Одил, аз лақаби худ норозист. Ӯ ба хидмати ҳарбӣ нарафтааст ва ба мактабе берун аз деҳа майли рафтан надорад. Ӯ худ ҳаргиз намехоҳад, ки оби даҳонаш равад, вале ин ғайриихтиёри вай аст; банохост мегӯянд, ки «Гул оби даҳоната пок бикун!». Пеши духтарҳо ҳеҷ намехоҳад, ки ӯро ҳамин тавр ном гиранд, вале Наим парво дорад? Мардум ҳам аз ҳад мегузаронанд...
- Кӣ ин қадар баланд механдад? – мепурсад Наим.
- Усто Шодмон! - мегӯяд касе.
- Наханд, Усто! Боз канда нашавӣ!
Усто Шодмон аслан Зайнулло Мурод ном дорад. Азбас ҷиддӣ асту ҳеҷ намехандад ва ба хурсандии ҳамроҳонаш шарик намешавад, ба ӯ ҳамин номро муносиб дидаанд. Ханда куҷо? Ӯ ҳатто табассум накарда буд. Он чӣ, ки ба вай ҳоло гуфтанд, туҳмат аст.
- Ҳасани Труба, ба Усто Шодмон туҳмат назан!
- Э, ман на ба ту кор дораму на ба Усто Шодмонат. Ин мардум на имон доранду на виҷдон! Фачгӯӣ мекунанду пӯкӣ. О, рӯз бегоҳ шуд, як рӯзи умрат рафт, гиребоната бигиру тавба бигӯ, ки то пагоҳ бирасӣ. Худои худата гуфта шин...
Агар гапро аз даҳони ӯ нагиранд, ором намегирад. Табъи ҳамаро хира мекунад. Ягона одамест, ки то ҳол маънии лақаби худро нафаҳмидааст. Гоҳо ба андешаи чуқур меравад, вале ҳеҷ миёни Трубаву номи худ монандие намеёбад. Ҳасан - «Труба», тавба... Пурсидан намехоҳад. Гӯё ба гапи мардум бепарво аст. Чӣ мегӯянд, чӣ намегӯянд,- ба вай таъсире надорад. Вале мардум беҳуда суханро ба ҳаво намепартоянд. Ҳар чизе ки аз даҳони ӯ мебарояд, вазнину сиёҳ аст, чу дудаи тутаи печ димоғро месӯзад, дилро сиёҳ мекунад, табъро мегиронад... «Труба». Ҳе-ҳе.
- Раҳмати Нинӣ.
- ...
- Як одоби Ҳасана додан даркор.
Анҷоми аскияҳо дар Раҳмати Нинӣ аст. Ин мардак гавдаи базарбае дорад, ба паҳлавон монанд аст, даҳони басо хурдакаке дорад; вақти гап задан лабонашро тифлакони навзод барин, ки бо чашми пӯшида пистони модар мекобанд, ғунча мекунад ва бо овози пасти борик гап мезанад.
- Раҳмати Нинӣ!
... Аскиягӯиву номгузориҳоро Наим оғоз медиҳад, ӯ басо ҳозирҷавобу теззабон аст, бе ягон андеша ному лақаби мувофиқро тараққи ба гӯши кас мефурорад, ки то номи наве ёфтан дар гӯши ӯ ҳалқа барин овезон мемонад...
Анҷоми аскияҳо дар Раҳмати Нинӣ аст. Ӯ ҷавоб гардонда наметавонад, агар ҷавобе гӯяд ҳам, касе намешунавад. Овозаш беҳад паст. Ҳамин тавр ҳазлу шӯхӣ қатъ меёбад. Ҳама ҷиддӣ ба сангҳову рақамҳои тарозу ва дафтари

Бозор нигоҳ мекунанд. Дар забони ҳама ҳарфу рақам. Ин ҷо ним соат ба бозори колхозӣ дар рӯзи якшанбе табдил меёбад.
... Хиёлро андаке хушвақтӣ рӯй дод. Симоҳои мардуми деҳаашон, бо ҳама лутфу зарофату нуқсонашон, пеши назараш омаданд ва ошуфтагии ӯро андаке барҳам заданд. Акнун ӯ бесабрӣ мекард, овози Бозорро интизор буд.
«Башаҳо, кой тамом!» - баланд шуд овози Бозор. Фарёди ӯ ба фиғон монанд буд.
- Шӯхӣ бисёр ки шуд, пахта кам мешавад, - мегуфт Наим- саркору ба халтаҳои нимхолии овезони мардум нигоҳ мекард; пешдомани Хиёлро диду якбора зиёнаш гирифт.
- О, Мулло Хиёл, барои пахтаи ту санг ёфт мешуда бошад?! Баъд, ин тарозумон дағал, - вай даст дар миён гузошт, беҳад оташин буд. «Ба ин ҷавонҳо чӣ дард расида бошад? Шикам сер, тан пӯшида, сиҳату саломат, пахта намечинанд, чӣ даркор?»- Росташро гӯй, агар дар таги халтаат тилло бошад, ман ин ҷо баркашида наметавонам, сангҳои ман барои 50 кило, 100 кило, 200 кило туғрӣ меоянд. Хайр, як рӯз ҷавоб медиҳам. Бирав, дар лабораторияи мактабатон баркашида биё... Ба ҳамаамон як мисқолӣ расад, бас, дигар пахта намечинем. Ба замин пода медарорему худамон бозор ба бозор дандон нишон дода мегардем. Ҳа, Бозор!?
Бозор бо қаҳр халтаро аз тарозу гирифта партофт. Боз як лагади дигар фуровард, ки пахтаи дарунаш дар чор тараф пош хӯрд. Меҳвари тарозу шаққӣ ба оҳани боло зад.
- Ман чӣ кунам, ака? Рӯзи дароз подабон барин аз думи инҳо мегардам. Ин мардума на ба гапи хуб кор мефармоӣ, на ба гапи бад. Бубинен, о ҳамин қадду баст дар ман ё дар ягон зани кӯдакдор мешуд, сад-саду панҷоҳ килоӣ мечидем. Ҳа...
Моҳпарча хандид. Ҳама ба тарафи ӯ нигоҳ карданд. Тааҷҷубовар.
- Буза бозӣ, хара ханда, - гуфт Бозор.- “Табелчӣ, як мардаки баобрӯ, соҳиби зану фарзанд, шукри Худо, ба ришу фаш.” Чунин гап занаму як занаки бепадари бинидарози фукқоқи даҳонбефаровез “ваҳа- ҳа- а!” гӯяду бихандад?
- Табелчӣ, кадомамон бузу кадомамон хар? – пурсид Моҳпарча.
Ҳама қаҳ- қаҳ зада хадиданд. Баъд авзои беҷои Моҳпарчаро диданду хомӯш гаштанд.
Ин бегоҳӣ бехосият омад. Пешомади шуму ногуворе ҳамаро ба изтироб меовард. Баъзеҳо ба миёна даромаданд. Раҳмати Нинӣ, ки хеши наздики Моҳпарча буд, «пеши даҳон»- и ӯро гирифтан хост:
- Моҳпарча, баддаҳон нашав! Ту...
- Тағо, гапата баъд дар гӯшам гӯй, ки ҳозир ҳеҷ нашунидам, - гуфт Моҳпарча ва асабиёна сӯйи Бозор шитофт.
Бозор ба ҳар эҳтимол худро дар пушти тарозу гирифт.
- Мардуми хондагӣ, пештарҳо занро буз мегуфтанд. Шумо, ки мардак шуда, харро ба гардани мо задед, мо розӣ (ӯ акнун аз номи занҳо гап мезад). Лекин эҳтиёт шавед, хар тапиҳои калон дорад, боз таги тапиҳои хар намонед. Ба ҳар ҳол буз моли майда-дия, заиф.

Наим бетоқат буд. Худро хеле ба даст гирифт, нашуд. Кафҳои дасташ табарвор сахт буданд, онҳоро ба ҳам месоиду дар гирди тележка чарх мезад. Буқаи майдонӣ барин ба одамон аз таги абрўвонаш теғ мекашиду пой мекўфт. Гарданаш уғураки куҳнаи намаккўбӣ барин абҷир буд ва раҳҳои чуқур дошт, ки аз гиребонаш мебаромаданду ба таги кулоҳи хасинаш медаромаданд. Аз онҳо арақ мешорид. Гапи охирини Моҳпарча ўро девона кард.
- Моҳпарча, харҳо ду ҷинсанд.
- Ака, биргатӣ. Қатӣ нашав, ки...
- Моҳпарча, даҳоната пўш!
- Шармандат мекунам, биргат...
Дар ҳамаи ин ҷанҷолу ғалоғулаи мардум изтироби дили Хиёл меафзуд. Ҳозир Моҳпарча гапе мегўяду ҷанҷол тамоман гардиши дигар мегирад. Худро аз миён дур бигирад? Боиси ҷанҷол халтаи ў буд. Ҳозир ба ў мечаспанд... Ў дар миёни духтарон Саборо дид. Сабо ҳам бепарво набуд. Аз чашмони пурҳаросу нигоҳи парешонаш Хиёл пай бурд, ки ў ҳам бо тарс оқибати ҷанҷолро интизор аст. Дилаш ба Сабо сўхт... Наим Саборо заданӣ шавад, ў ҳеҷ коре карда наметавонад. Охир, ў падараш аст. Ў наметавонад ба падари Сабо нигоҳ кунад. Ҳақ надорад. Баъд, ин ба сўхта намакоб- ку. Шубҳаи Наим барҳам мехўрад, ҳақ будани гапи Моҳпарча пеши мардум собит мешавад. Не, беҳтар он аст, ки кордор нашавад.
Моҳпарчаро ҳайбати Наим натарсонд. Хомўшии ў аз ҳурмати мардум буд. Мардум ба Наим эҳтиром доранд. Сардор. Чӣ қадар гапҳои нағз дорад. Агар гўяд, ў шармандаву шармсор мешавад. Шарманда мешаваду лек эътиқоди мардум аз Моҳпарча ҳам мегардад. Қурбаш паст мешавад; ҳозир нисбат ба ў фикри бад надоранд. Андешаҳои Моҳпарчаро гуфтугўи мардум, садои тарозу, ҳай-ҳайи занҳо монеъ набуданд. Ба Наим менигаристу дар дил ўро сахт нафрин мехонд. «Лекин ҷазаба дорад, - фикр мекард ў.- Қувваташ ҳам барзагов барин, вай гўши буридаашро бубин. Дав-дават пару шавад! Мешавад. Андак ист. Мешавад». Ў мехост бо забони беустухонаш ин гардани ғафси Наимро хам кунад. Мехост... Вале овози Бозор баромаду фикраш гурехт.
- Мардум, кор расво! – фиғон кашид ў.
- Чӣ шуд, Бозор?
- Чӣ гап?
- Воҳима накун!
- Ними дирўза намебарояд пахтаи чидаамон! Кор расво, мардум! – мегуфт ўву вовайло мекард. – Чанд нафар ҳоло пахта накашидааст?
Дарҳол шумурданд.
- Даҳ кас, табелчӣ.
- Вой, вой, вой! Кор ҳамин бошад, мардум, имсол бе «годовой» мемонем. Борон наздик, пилон дур!
Наим- саркор хомўш буд, ба суханони Бозор гўш медод, ба ваҷоҳати мардум зеҳн мемонд. Мехост бифаҳмад, ки сухани Бозор ба мардум чӣ таъсире дорад. Ў бештар ба одамони дар наздаш истода зеҳн мемонд. Мардум ором

буданд. Имрӯз, ғайриодат, баъди супурдани пахта роҳи хонаро пеш нагирифтанд. Истодаанд, ки натиҷаи кори имрӯзаашонро бифаҳманд. Гапи Бозор онҳоро безобита карда буд.

“Ҷое, ки бригадир ҳаст, ӯ чӣ ин қадар гапҳои калон мегӯяд ва аз вазъияти плану даромади солона гап мезанад? Беақл аст ё дониста мегӯяд? Ин кӯр дар дил гапҳои нагуфтанӣ дорад! «Мардум, мардум...” Пеши мардум сухани ӯ чӣ қурбе дорад?!»- аз худ мепурсид Хиёл. Ӯ ҳис мекард, ки, албатта, ҳодисае нохуб рӯй медиҳад.

Хиёл нигоҳи сахту номубораки Наимро ба мардум диду гумон кард, ки он танҳо ба вай нигаронда шудааст. Фақат ӯро дар миёни мардум ба зудӣ намеёбад. Номаълум аз сафи пахтачинон худро дур гирифт. Ба пушти тележка гузашту пахтаро барнакашида ба болои он ҳаво дод. Ба ҳаминаш ҳам шукр, ки ҷанҷол бе гирифтани номи онҳо басанда шуд. Халтаи холии пурчанг ба сари ӯ афтид. Хиёл пеш аз вақт шодӣ мекард.

Бозор, ба гумони он ки гуфтаҳои ӯ ба Наим писанд меоянд, халтаи охиринро баркашиду боз овоз баланд кард. Ё бостӣ мехоҳад ба обрӯи саркор иснод биёрад? Эҳ, сабил, умуман, ӯ ба ҳеҷ касу ба ҳеҷ чиз парвое надошт, надорад ва парвое ҳам намекунад...

- Кор ин хел намешавад, мардум! Аз пагоҳ тартиби корро дигар мекунам.

«Тавба! Ин мардак аз ҳад гузаронд- ку; чӣ мехоста бошад? Наход мардум ба ин даҳанкалонии ӯ тоқат кунанд. Ӯро- ку он қадар эҳтиром намекарданд... Пас чаро хомӯшанд?»- аз дил мегузаронид Наим- саркор.

- Тартиби кори киро? Аз худат ё мардумро? – тоқат накарда оқибат пурсид Наим.

- Ҳам аз худаму ҳам аз мардумро, Наим- ака! – ҷавоб гуфт Бозор.

«Ин ҷавобро интизор набудам. Маккор аст, ин мардак, маккор... Ҳам аз ту ва ҳам аз мардумро гуфтанӣ буд ӯ; ё ҳақиқатро гуфтанӣ бошад? Дар ҳар сурат ман бояд мулзам намонам,»- аз дил гузаронид саркор ва гуфт:

- Медонам, Бозор! Кори ту андаке ислоҳталаб аст, вале тартиби кори мардум мувофиқи табъ барин. Дар охири кор дили мардумро сиёҳ накун, Бозор. Бо ин мардум ман солҳои дароз кор кардаам ва боз чанд муддати дигар кор карданиям.

«Сухани охир беҳуда баромад, сабил. Гӯё ба сардории минбаъдаи худ шубҳа мекарда бошам. Аҳ, ҳеҷ лозим набуд,»- пушаймон шуд саркор аз гуфтааш.

«Кор аз ҳад гузашт- ку. Боз ин гӯшбурида хафа нашавад? Гӯё ба ман ҷойи ӯ даркор бошад. Кор кардан бигир, ман талош надорам. Косаи давра аст ин вазифа. Аз даст ба даст мегузарад. Ҳеҷ кас бенасиб наменонад... Чӣ, ман кор намекунам?! Худат чӣ? «Корат ислоҳ металабад». Адабгуфтор хоҳем буд,»- гуфт оҳиста Бозор.

Хиёл ӯро шунида ҳайрон гардид. Ба хотир овард, ки Бозор ҳеҷ гоҳ ба Душанбе нарафтааст, ба театр ҳам. Пас сухани Х., аз намоишномаи «Имтиҳон», дар андешаҳои ӯ буда наметавонад.

- Не, биргат, акаи Наим. Ман намегӯям, ки мардум бетартиб кор мекунанд. Ман мегӯям, ки бағайраттар шавем, корамон хуб мешавад. «Годовой...», астағфируллоҳ... Ман ғами ҳамин мардума мехӯрам, ба фоидаи мардум гап

мезанам. «Боз забон ба ҳамон тараф мекашад. Сабилмонда, ин дафъа аз гиребонам мегираду радди маърака мекунад. Чашмонаш беҷо шуданд.» Ман мегўям, духтардоро, духтарҳотона, писардоро, писарҳотона шаб дар хона насиҳат кунед, пахта чинанд. Бех- бехи заҳбуру зери дарахтҳо нагарданд, миёни буттаҳо нашинанд. Ман дигар дум- думи бачаҳои шумо намегардам. Ягон шармандагӣ шавад, мегўед, ки бехабар мондем! Аз пагоҳ духтаронро дар паҳлуи бачаҳо ҷўяк намедиҳам...
Мардум якбора ба шўр омаданд. Бозор чӣ ҳовагўӣ дорад?! Ҳама аз фарзандони худ дилпуранд. Ва баробар тарафи Бозор дод заданд.
- Бозор, духтардориву писардорӣ коре нест, ки ба маҷлис барорӣ. Ҳама ин ҷо духтар доранд! Гапата фикр куну баъд бигўй!
«Не, Бозор, ту ҷойи маро гирифта наметавонӣ. Бо ин мардум ман гап зада метавонам. Ман!»
- Мардум! Хафа нашавед! Ман ҳам шумо баринам, соҳиби чор фарзандам. «Тфу, чашм нарасад». Маро ҳам мўйи баданам меларзад. Лекин имрўз ба чашми худам дидам.
- Чиро дидӣ? Киро дидӣ?
Хиёл карахт шуд. Пўсти рўяш даргирифт, мўйи баданаш рост хест.
Одамон дар изтироб афтоданд, талотум доштанд. Ва ин лаҳзаҳо ҳеҷ муштоқи шунидани номи фарзандони худ набуданд. Онҳое, ки оташи шубҳа дилашонро месўзонд, даҳон во намекарданд, то дудаш набарояду диққати мардум ба онҳо ҷалб нашавад. Кӣ мехоҳад, ки нишони ин нигоҳҳои айбкунанда бошад?!
Хиёл бо чашм ҷойи номаълумтаре мечўст.
- Сафари Аюбу Баргигули Зиё!
Баргигул, гўё мор дида бошад, чиррос заду рўяшро бо лаби остинаш пўшонд. Куртаи васеи нозукаш ларзиши тани харобаку борики ўро паноҳ намедошт. Ў давид, то дар пушти тележка аз чашми мардум пинҳон шавад. Бозор ў ва дилдодаашро ном бурда буд, вале Зиё, ки аз ғазаб ришаш ба буруташ мечаспид, ўро дар сари дав дошт. Банди дасташро дар панҷаҳои арғамчини пашмин барин дурушту сермўяш сиққонда, ба тарафи худ силтав зад.
Аюб аввал бепарво буд. Хайр, номи писарашро гирифтанд. Духтар не-ку вай. Вале ҳоли Зиёву духтари ўро дида, барои хотири ҳамсоягиву сипоси нону намак ин тарафу он тарафашро саросема нигоҳ кардан гирифт, санг ё чўбе мекофт, ки ба сари писараш занад. Мард-дия, боз нагўянд, ки ҳама айб айби бачадорҳо. Гўё сангу чўб ёфт нашуд. Даст ба тасмаи миёнаш зад: «Падарлаънат, о гурез, охир! Хода барин рост истодааст- е. Эҳ, бефаҳм! Ҳеҷ рамуз намегирад, ношуд.» Пас тоқиашро гирифту ба тарафи Сафар ҳаво дод. Ў гурехт. Аюб як- ду қадам аз қафои ў давиду бо ҳамин қаноат кард. Ў одами қаноатпеша буд. Пас истоду гўш дод, ки боз бачаву духтарони киро ном мебаранд.
- Ғуломи Хонбой, Ҷавҳари Исмон!
«Ҳай, ҳай, ҳай».
- Зайнаби Гадобой, Ҳакими Санг!
«Ҳай, ҳай, ҳай».

- Гулчеҳраи Сарахон, Амони Абдул!
«Ҳай, ҳай, ҳай».
Ҳар боре, ки Бозор касеро ном мегирифт, мардум аз таги дил шодӣ мекарданд. Пас касе касеро айб намекунад. Баробарӣ – бародарӣ.
Шодии онҳо кӯтоҳ буд. Моҳпарча боз маҳмадоногӣ кард:
- Хайр, бас будагист? Рӯз шаб шуд. Мо хонаву дар ҳам дорем...
Наим сухани ӯро бурид:
- Мон, мардум шунаванд. Айбу шарм ҳам даркор. Рӯзи дароз...
- Ака, беҳуда гӯш надиҳед. Бозор номи шуморо, номи саги шуморо башикаст ба забон намегирад.
- Бепарда гап зан, Моҳпарча!
- Аз бачаҳои худатон ҳам бохабар шавед!
- Ман якта дорам, ӯро нағз медонам.
- Шумо нағз медонед. Онҳо шуморо нағз намедонанд. Бегоҳӣ Сабо ҳам пахта начид. Як напурсидед, барои чӣ?
- Барои чӣ?
- Бо касе буд.
- Бо кӣ?
- Бо Хиёл.
- Дурӯғ! Кӣ гуфт?
- Ман мегӯям.
- Шоҳид!
- Сафия.
Сафия базӯр меистод. Ба ӯ ин ҳама харҳаша таъсири баде доштанд. Сараш сахт дард мекард ва сабук чарх мезад. Чашмонаш туман гирифта буданд. Ин гапи Моҳпарча ӯро бештар шӯронд.
- А духтар, гапи беҳударо чӣ мегӯӣ! Онҳо ҳам ману ту барин об менӯшиданд. Чӣ дар дили мардум алов меандозӣ?
Наим ба Сафия наздик омад. Рост ба чашмонаш нигоҳ карду пурсид:
- Не, ту бигӯ, ҳар ду якҷоя буданд?
- Об менӯшиданд.
- Шуд. Об мехӯрданд онҳо, бало мехӯрданд, фарқ надорад. Сабо! – фарёд зад Наим. Дастонаш гиреҳ буданд; суми асп барин калону вазнин буданд; ба рӯяш нигоҳ карда намешуд, хун барин сурх мегашт. Ба ғайри мӯйсафедон касе ба чашмони ӯ нигоҳ карда наметавонист.
Сабо бо сари хам аз миёни духтарон баромад ва дуртар аз падараш истод. Ҳар балову қазоро интизор буд. Вай падарашро сангдил гуфта наметавонист, зеро то имрӯз аз ӯ дуруштие надида буд, вале модари бечорааш гоҳо зарби ин муштҳоро хӯрдааст. Сабо ба рӯйи падараш нигоҳ намекард, ҷуръат надошт. Вазъияти Хиёлро донистанӣ мешуд. Ӯ ин лаҳзаҳо чӣ ҳол дошта бошад?
Хиёл оҳиста ба миёни давра по гузошт. Вай наемонад, ки Сабо, духтараки камқувват, дар пеши чашми мардум аз падар танбеҳ бинад, шаллоқ хӯрад.
Наим ҳам ба ин нигоҳ мекарду ҳам ба он. Дар ин ҷои серодам фақат ҳардуро медид. Онҳо дур аз ҳамдигар истодаанд. Ӯ нигоҳи онҳоро доштан мехост. Ҳамаи қувваи худро, ҳайбати худро ӯ дар чашмонаш ғун карда буд. Мехост

бо чашмонаш онҳоро хӯрад, сӯзонад, бо нигоҳаш онҳоро ба замин фурӯ нишонад, яксони замин гардонад, ки дигар нишонае аз онҳо дар рӯйи дунё намонад. Ҷаҳлаш сахт буд...
Садриддин дами тракторашро гирифт: онро хомӯш кард.
Ҳама хомӯш буданд. Сукунати ваҳмоваре ҳамаро санг гардонда буд. Занҳо хомӯш, духтарҳо хомӯш, мӯйсафедон, ҷавонмардон – ҳама хомӯш буданд. Замин, одамон, моҳи осмон, теппаҳо, яккатуте, ки дар сари сарҷӯй истода буд, пахтаҳо ва оби сарҷӯй – ҳама сукут доштанд.
Домани осмон дар мегирифт, месӯхту одамонро ошуфта мегардонд... Усто Шодмон ба ҳар эҳтимол чанд ҷавонмарди бокитфу бозуро тайёр карданӣ буд. Вале онҳо ба имову ишораи Усто китф меҷунбонданду ӯро гӯё нафаҳмида бошанд, рӯй метофтанд. «Мон, занад. Духтари худаш. Вай бача ҳам якта-дута хӯрад, ҳеҷ гап не. Панди падар шунидагӣ барин мешавад. Ҳеҷ гап не. Мо ҳам дар вақташ кам шатта нахӯрдаем,» – мехонд Усто аз ваҷоҳаташон.
Наврасон қадаме пеш гузошта буданд. Онҳо барои ҳимояи Хиёл аз занозанӣ ҳам рӯй намегардонданд. Муштҳояшон фишурда буданд...
... Ногоҳ хари сафеде пайдо шуд. Бепарво ва беҳарос, гӯё сайр мекарда бошад, ба даруни пахтазор даромад ва ба одамон нигоҳе накарда, куракҳои хому шукуфтаи сафедро канда қирс- қирс мехоид ва аз тамъи хуши онҳо бо ҳаловат сар меҷунбонд. Нописандии ин хар Наимро ба кафидан овард.
- Хари кист? – пурсид ӯ.
Ҳеҷ кас ҷавоб надод.
- Хари кӣ? Соҳиби хар кӣ аст?
- Аз одамҳои мо нест, - ҷавоб дод Ғуломи Девчашма.
- Ҳе, онаи хардора... – гӯён ҳақорат дода Наим ба сӯйи хар давид.
Расидан ҳамоно харро лагадкӯб кард. Ӯ девонавор ба шикам, ба пешу паҳлуи хар мезаду «а- аҳ», «у- уҳ» – гӯён аз зарбаҳои худ кайф мебурд. Пошнаи мӯзаҳои вазнинаш наъл доштанд. Ӯ харро задаву кӯфта аз пахта баровард ва давида аз гарданаш дошту ба қарибии мардум, ба пеши чашми Сабову Хиёл, овард. Баъд аз банди миёнаш корди дудамаеро кушода гирифт. Вале бо ким-чӣ фикре онро ба соқи мӯза халонд. Касе дар миёни мардум оҳи сабук кашид. Вале Наим оташ гирифта буд. Намехост кайфияти зӯрии худро дарҳол шиканад; дар дили мардум тарс шинонданӣ буд. Ӯ гардани хари сафедро тоб дод. Хари сафед гурсас зада, ба рӯи замин афтод. Аввал ба шикамаш, ба қарибии пистонаш (хар пистонҳои сафед дошт), чанд лагад фуровард, баъд ба болои сараш баромада, бо пошнаи наълдори мӯза ба бехи гӯши хар задан гирифт. Лагад мезаду ҳар бор ба Сабо нигоҳ мекард. Нигоҳаш таҳдиду ситеза дошт. Аз сару рӯяш арақ мешорид.
Наъли пошнаи мӯзаҳои Наим аз чӯян буд. Вазнину сергурм, ки бо хоҳиши ӯ Усмонбангӣ тафта, ба қолиб гирифта буд. Наим бо ин мӯзаҳои худ заминро харошида роҳ мерафт...
Аҷаб хомӯш аст ин ҳайвон. Дами пирӣ, вақте ки корношоям мегардад, аз дар меронандаш, аз деҳа бурунаш мекунанд. То хеле сабр мекунад, ба соҳиби торафт дуршудааш маломатомез дида медузад, пас ба тақдир тан дода, роҳи дашт пеш мегирад, ба харгала ҳамроҳ мешавад. Гоҳо ёди хона, ёди соҳибу

ёди фарзандони ӯ мекунад, дилаш об мешавад, аз чашмонаш об мерезад, вале овозе намебарорад. Аҷаб хомӯш аст ин ҳайвон, фақат андаке шодӣ бинад, ҳанг мезанад. Дигар хомӯш аст, вақте ки ӯро мекӯбанд, хомӯш аст, ҳатто лаҳзаи марг ҳам овоз намебарорад, танҳо чашмонаш имдод металабанд. Саг вингос мезанад, асп шиҳа мекашад, мурғ қиғғос мекашад – ҳама ҳайвонҳо ба тарзе дарди худро ошкор мекунанд, танҳо хар, ҳамчуноне ки бори вазнин ба пушт мекашаду хомӯш аст, дардҳои тоқатфарсоро, зарбаҳои ваҳшиёнаву девонавори пойи одамиро ба сар мехӯрад ва овозе намебарорад. Гӯё мехоҳад бо ин хомӯшӣ Наимро ба тавфиқ оварад. Нишон диҳад, ки ҳар гуноҳи азими кардаашро ба гардан мегирад. Ана, ҳозир ҳам ӯ гунаҳкор аст.

... Махлуқи безабон худро маҳкуми марг дид. Охирин бор даҳон кушод ва забонашро ба алафи зарди пеши фукаш расонд, як пора алафро бо кулӯхе ба даҳон гирифт... Баъд чашмонаш аз дарди ҷонгудози даруни майна пӯшида шуданд, дигар наҷунбид.

Наим ҳанӯз ҳам сари хари сафедро лагадгӯб мекард. Духтарон Саборо дошта буданд, писарон Хиёлро. Ҳар замоне, ки Наим бо адоват ба ӯ менигарист, Хиёл ӯро ба ифоқа оварданӣ мешуд.

- Ака, харро накушед! Назанед, ҳайвонро!

Чашмонаш пуроб мешуданд. Гумон мекард, ки майнааш халтачаи кислород барин фишурдаву кушода мешавад:

- Харро мекушад! - мегуфт ӯ гиряомез ба онҳое, ки ӯро маҳкам дошта буданд. – Маро чӣ қапидаед? Харро халос кунед!

- Дамата бигир, бача! – гуфт касе.

Падари Баргигул буд ӯ.

Вале Наим мезаду мезад. Ӯ акнун хари сафеди мурдаро мезад...

Баъде ки лакот гашту аз болои сари хар фуромада, ба дастшӯӣ рафт, ҳамаи он касоне, ки Бозор номи духтарашонро гирифта буд, ба назди ҷасади хари сафед рафтанд ва пой ба тани бечони ӯ заданд. Пеш аз он ки лагади ба задан тайёрашонро ба пешонаи хари сафед фуроранд, ба духтарони худ як нигоҳи сахту бераҳмона афкандand... Пас бо як хидматгузории хушомадомезе ба назди Наим омаданд.

- Ака, зарби мушту лагадатон куҳа талқон мекардааст! – гуфт ба ӯ падари Баргигул. - То мо расидем, ки ҷонаш кайҳо баромадааст.

Наим касеро намедид, гӯшаш чизеро намешунид. Рӯяшро бо оби хунуки сарҷӯй мешусту мешуст. Гӯё ин обаки сард хуни дасту рӯяшро шуста метавониста бошад. Обаки сард чирки дилашро шуста набурд, вале тумани ғафси ғурури беасосро аз пеши чашмаш пароканд, пардаи тираи бераҳмиро аз майнаи карахту бадандеши ӯ бардошт. Акнун ӯ кори кардаашро бо чашмонаш медид, акнун ҳис мекард, ки ӯ қотил аст... Ба ҷуз хари сафед ин лаҳзаҳо боз чизҳои дигар низ мурда буданд... Пай мебурд, ки ин кор ҳеҷ қурбониеро наметалабид ва кирои хунрезӣ ҳам надошт... Вале обаки сардро қувваташ ҳамин чанд лаҳза буд, аз ин пеш ба чунин азамати ҷангу ҷаҳолат, ба ин куҳи санг андешаи инсонӣ илқо карда наметавонист.

Наим ба таскини худ гузашт: “Кори шудагӣ шуд, дигар об қафо барнамегардад. Ӯ ҷудо ҳам кори нағз кард; одамонро чашмонашон аз вай

метарсад – як; берўгиву бехунии ўро ки мардум дид, дигар номи духтари ўро ба забон намегиранд – ду; масъала, аз ҳамин ҷо дуртар намеравад; Сабо то ба шавҳар баромадан ба рўйи марде наменигарад – се; ин сағираи қоқпоча дигар орзуи нохуни Сабо намекунад – чор; аз ҳама муҳиммаш- номус! Номусу нанги мардигарӣ пеши мардум ҳимоя шуд, устувор монд – панҷ. Дигар ҳеҷ гоҳ мардум ба мардӣ ва беномусии ў шубҳа намекунанд.
Мардум даводаву ғалоғула доштанд. Ў ба ин безобитагӣ диққат намедод.
- Хайр, ака, аз ҷаҳл фуроед, ҳамаамон фарзанд дорем, гуноҳ мекунанд, ҷазо медиҳем, мебахшем, - мегуфт Зиё, номаълум дар назди Наим нишаста. Ба рўяш об пошида суханашро давом дод: - Моҳ ҳам беайб намешавад, ака! Худро ба даст гиреду кўдакҳоя ҷавоб бидиҳед, хона раванд. Пагоҳ ҳам кор ҳаст.
- Ҳа, Зиё, насиҳат мекунӣ? Хурсандӣ, ҳа!? «Бригадирро ҳам акнун айб кардан мумкин.» Механдӣ-ҳа? Аз доғдор шудани номи ман шодӣ мекунӣ- ҳа!? Пеш аз тўй доира назан, ки...
- Ё тавба, о ман чӣ гуфтам? Э-э, ин акама бинен... Э...
Наим ғазаболуд нигоҳе ба чашми ў афканда буд, ки забонаш гирифт. Сархам чанде др рўи сабза нишасту асабиомез аз ҷой бархоста, бо қароҳат ҷониби Сабо нигоҳ кард. Пас бо овози баланд гуфт:
- Офтоб ҳам доғ дорад! – ва ба тарафи шарқ ишора кард.
Ҳама ҷониби офтоб нигоҳ карданд. Офтоби сари куҳ месўхт. Абрҳои болояш пахтаи оташгирифтаро мемонданд. Гўё бори аввал медида бошанд, ҳама чашм ба офтоб дўхтанд; доғҳои офтобро акнун медиданд. Баъд суханони Наимро бо ишораи сар тасдиқ намуданд. Кашфиёти Наим дар ин бегоҳӣ аксарияти мардумро шод гардонд. Духтардорҳо худро баробари офтоб диданд. Як сухани Наим офтобро ба замин, ба миёни онҳо, фуровард.
Моҳ ҳам не, Офтоб!
Ва боз на каси дигар, на Раҳмати Нинӣ, на Ҳасани Труба, на Ҳасани Дил, на Усто Шодмон, балки бонуфузтарин одами даврашон, садрнишини маҷлисҳои солона, сардори тўю маъракаҳои деҳа, бригадири номдорашон Наим мегўяд. Чанд сода дил ҳеҷ намехостанд хурсандиашон пинҳон монад. Оре, бо як суханаш Наим офтобро ба замин, ба миёни онҳо, фуровард.
Гўё ҳеҷ ҳодисае нагузашта бошад, Наим даст ба миён гузошта, бо савлат ба одамон, баъд ба гунаҳкорон нигарист. Хиёл бо чанд ҷўраи худ меистод; онҳо малул буданд. Саборо дар ҷойи пештарааш надид; ягон зане наменамуд. Тааҷҷуб кард. Тааҷҷуби ў ба одамони атрофаш гузашт. Онҳо ҳам аз ногаҳонӣ ғайб задани «авратҳо» ба ҳайрат афтоданд.
Наим Бозорро имо кард. Бозор, ки тираш имрўз ба нишон расида, даҳчанд натиҷа оварда буд, ҳамчунин, вазифаи ёрдамчии бригадирро хуб мефаҳмид, бе ҳеҷ сухан ё ишораи ҷавобӣ хидматгузорона аз пайи занҳо рафт...
Бачаҳо ба назди хари сафед омаданд. Дар тани ў ягон осоре аз хун надиданд. Пўсти хар пахта барин сафед буд ва изи пошнаҳои мўза нақши рўйи коғаз барин метобид... Онҳо бори нахуст ҳалокати ҳайвонро бо зарби лагад диданд: даҳшатнок буд ин манзара. Марги хомўшонаи модахари сафед дили онҳоро

сахт озурда буд... Чашмашро кушода диданд: дурахши чашмонаш шишаи гардолуд барин хира буд ва торафт кам мешуд... Об дар даҳонашон хушкид.
Хиёл сар ба зер андохта, дар болои кулӯхи сари ҷӯя менишаст ва аз барги хушку ларзони пахта чашм намеканд. Медонист, ки Наим бо чӣ ният хари сафедро кушт. Дигар дар бораи он андешидан намехост, ҳушаш ба офтоб, ба гапи Наим банд буд. Суханони Капичаро, аз намоишномаи телевизионии «Саҳли мумтанеъ», роҷеъ ба доғҳои офтоб ба хотир меовард... Доғҳо дар ҷабини офтобанд. Аз аввал бо офтоб буданд ва бо офтоб мемонанд. Онҳо ҳамсоли офтобанд ва то абад аз пешонаи офтоб сутурда намешаванд... Ин фикрҳо дили Хиёлро гармӣ бахшиданд. Ба гумони ӯ офтоб бо ин ҳама доғҳояш ба сурати ҷанини модар (дар китоби анатомия ва физиологияи одам) монанд буд.
Хари сафед дам оварда буд, медамиду варам мекард.
Мардҳо то ҳанӯз сархам менишастанд ва бодиққат ангуштони худро қату рост мекарданд. Акнун вақти муроқибаи воқеаи нохуши имрӯза расида буд. Ҳарчанд зӯр мезаданд, худро аз қатори шарикони воқеа дур гирифта наметавонистанд, таги дилашон сиёҳ буд. Ба Наим нигоҳ намекарданд.
Ӯ Бозорро нафрин мекард: “Ландаҳур, куҷоҳо гум мешавад ин мардак?” – мепурсид аз худ.
Бозор ҳам дар болои сарҷӯй намоён шуд. Ӯ чути дасташро болову пойин карда медавиду ҳарсос мезад. Чанд духтари бешӯй ҳам аз пушти ӯ медавиданд. Мардум безобита шуда, аз ҷой бархостанд. Касе овоз намебароварад. Дар сари ҳар кас ҳар хел гумон буд.
«Аз ҳамон ҷо гӯю мон. Ба таги бинии ман омада гуфтан шарт набудагист!»- мегуфт дар дил Наим.
- Сафияро дард гирифтааст, - гуфт Бозор оҳиста ба гӯши Наим ва пас нафас рост кард.
Духтарҳо сахт ба ҳаяҷон омада буданд. Чашмонашон бозӣ мекард.
- Наход?! – тааҷҷуб намуд Наим. - Ҳоло барвақт- ку!? О, дина коғази духтур овард!
Бозор китф дарҳам кашид: «Ман аз куҷо медонам».
Мардум аз Бозор ранҷиданд...
- Бозор!..
- Ин гапи мегуфтагӣ не, бачаҳо. Барои мардҳо намешудагӣ гап, - гуфт Бозор ба мардҳо ва гӯш ба даҳони Наим истод. Маслиҳати Наимро мунтазир буд.
- Пас шумо кистед?
- Ман Наиму ин Бозор! – гуфт Наим бо ситеза ва пас аз андаке таваққуф оҳанги гуфторашро мулоим кард. - Сафия касал, дарди кӯдак дорад...
Духтарҳо шармида, рӯяшонро бо лаби остин пӯшиданд. Мардҳое, ки дар мӯяшон сафедӣ дамида буд, даст ба гиребон бурданд. Ҷавонмардҳо ба ҳамдигар нигариста тааҷҷуб карданд.
Сафарбойи аз гапи дунё бехабар сари худро миёни дастҳо гирифта меҷунбонд: гӯё онро вазн мекарду фаҳмидан мехост, ки чӣ арзише дорад он, то ба савдо бимонадаш. Каллаи гови парвоӣ барин буд сари ӯ.
***

Набӣ Абдуллоро дар Аспирингон ҳама дӯст медоштанд, зеро ҳазлкаш буд. Гоҳо худро ба содагӣ меандохт. Мардумро хушҳол мегардонд ва худ низ шодӣ мекард. Аҷоиб одаме! Фақат дар назди Усто Усмон худро ба даст мегирифт: ҳазл намекард. Онҳо ҳамсояҳои дарбадевор набошанд ҳам, бо якдигар басо наздик буданд ва ҳамеша равуо доштанд.
- Усто!- баланд мешуд бегоҳиҳо овози Набӣ Абдулло. – Меҳмон дорам, биё!
Ба ҳама хонаҳо духтаронашро мефиристод барои хабар кардан. Касе агар ба меҳмониаш меомад, нисфи деҳаро ба хонаи худ таклиф мекард Набӣ Абдулло. Ин бегоҳ касеро ба ҷуз ӯ- Усто Усмон ба хонааш нахонд. Домодаш, домоди «дӯстдораш» аз роҳи дур омада буд, вале ӯ нияти хабар кардани касеро надошт. Усто Усмону Хиёл ба хонаи ӯ рафтанд. Дар рӯи кат домодаш нишаста буд. Духтараш- Хиробон дуртар аз шавҳараш, дар лаби курпача, амонат менишаст. Набӣ Абдулло солҳои пеш муаллим буд: номи худу номи падарашро аз ҳамон вақт якҷоя ба забон мегирифтанд. Ӯ дар андеша буд:
- Ин падарқусурҳо бо майли худ, дӯст дошта, ба якдигар хонадор шуданд, – ӯ ба духтару домодаш ишора мекард.- Акнун бо ҳам носозанд...
- Хайр чӣ? Ҳар бегоҳ хона пур аз мардум. На рӯз, на шаб осудагиро намебинам. Ёру ҷӯраҳои ӯ аз як армия кам нестанд.
- Ҳой, агар ман медонистам, ки ту ҳамин гуна одам мешавӣ, ҳини дар синфи дувум хондан шушат варам карда буд, табобатат намекардам, ки мемурдӣ!
Духтарак бештар ошуфта шуд. Ошуфтаҳолии ӯ зоҳирӣ буд. Ӯ дар дил механдид.
- Аз дасти туву домодат худро дар кӯл ғарқ мекунам! – гуфт ӯ.
- Валлоҳ, ки кӯл мехушкаду пахтаи мардум беоб мемонад.
- Ҳеҷ гап не, дукаса бо оби дидаатон кӯлро лабрез мекунед.
- Падарлаънат ҳамон касе, ки дар мурдаи ту як қатра оби дида мерезад...
- Ба Саллоҳ пул медиҳам, ки бигиряд!
- Дуо мекунам, ки пеш аз ту Худо ҷони ӯро бигирад.
- Аз худатон бохабар шавед. Эраҷ дар умраш болои сари Шумо овоз намебарорад. Беҳтараш, ба ҷони Саллоҳ кордор нашавед.
Саллоҳ як марди ҳузарби девкорест, ки дуртар аз мағоза, дар назди фермаи мурғ, хона дорад ва соҳиби хулқи нек аст; дар ҷанозаи нафаре, ки писар надорад ё писараш овоз андохта наметавонад, ӯро илтимос мекунанд, ки овоз андозаду бигиряд. Ӯ аз таҳти дил хоҳиши онҳоро ба ҷо меорад. Хулқу атвори неке дорад. Нисфи мардуми Аспирингон ба хидмати ӯ эҳтиёҷ доранд. Ниёзмандон ӯро басо эҳтиром мекунанд. Аҷаб одами хубест, Саллоҳ!
- Хеста равам?
- Чӣ кори хубе мекунӣ. Домод, ту бишин!
- Домодат ба худат насиб кунад!
- Ба домодам худам арӯси дигаре меёбам...
Ин ҳама суханҳо ҷиддӣ гуфта мешуданд, касе намехандид. Набӣ Абдулло ҳамин тариқа ба духтараш мефаҳмонд, ки ба ҳимояи ӯ ҳеҷ умеде набандад. Ҳар чизе дар оилаи ҷавон сар занад, бе дахолати ӯ бояд ҳал шавад. Ӯ ҳеҷ наметавонад, ки тарафи якеро бигираду тарафи дигариро не. Ҳарду низ барои ӯ фарзанд ҳастанд. Ва боз онҳо якдигарро дӯст дошта гирифтаанд. Аз ҳама

қозии зўр барояшон бояд дили худашон бошад. «Дил ки гарм бошад, ин гуна хунукиҳои яклаҳзагӣ ба он таъсире намекунанд,»- меандешид ў ва ҳама ин носозиву ихтилофҳои ногузири оилаи ҷавонро бо ҳазлҳои худ барҳам мезад. Ин дафъа, чун дид, ки шӯхӣ аз ҳад мегузарад, мавзўи гапро дигар карданӣ шуд, вале нохост бузе ба ҳавлӣ даромад. Бузи сиёҳ риши дарозе дошту фукаш сафед буд.
- Ин бузи кист?- пурсид Набӣ Абдулло аз ҳамсараш.
- Намедонам,- гуфт кампир.
- Эраҷ, зада барор! Аз хонаи Хиёлино дуртар бар, ки дигар барнагардад,- нидо кард Набӣ Абдулло ва ба тарафи Усто Усмон гашту идома дод.- Се бор шуд, ки ин бузи падарлаънат ба ҳавлии мо медарояд. Аз бузи худамон то ҳол дараке нест. Онеш, буз канӣ?! Аз ин духтару домодат ҳамин қадар нафъ мебинем. Ҳушамон ба инҳо на буз ба хотирамон мерасаду на хар!..
- Бурдам, ба кўчаи калон баровардам,- гуфт Эраҷ аз дари ҳавлӣ даромада. Ӯ ба кат наздик мешуд, ки сари буз аз дарвоза намоён гашт.
- Боз омад- ку?- пурсид Анварбӣ.
- Бузи кист, кампир?!- боз пурсид Набӣ Абдулло.
- Намедонам,- ҷавоб дод кампири ошуфта.
Буз ба сўи кат меомад. Чашмашро аз пучоқи тарбуз намеканд.
- Мон, Эраҷ, наҷунб. Бинем- ку, бузи кӣ бошад?- Анварбӣ хандид.
- Чӣ механдӣ, чундук!
- Ота, ин бузи худамон аст.
- Не-е-е! Фукаш сафед набуд- ку?
Хандаи кўдакон дар пушти дарвоза баланд шуд. Баъд кулоҳи коғазини ранголуде ба даруни ҳавлӣ- назди кат афтиду овози Анвар баромад, ки касеро барои кулоҳ коҳиш мекард; ранги кулоҳи коғазин ба ранги фуки буз монанд буд. Акнун Набӣ Абдулло чӣ будани гапро пай бурд.
- Ҳо, Анвари ҷувонахуке! Илоҳим, ба як мактабе даровӣ, ки чашмат аз китобу дастат аз дафтар дур нашавад! Илоҳӣ, мисли ҳамин буз риш барорӣ, ту беимон! Илоҳӣ…
- Амаки Набӣ, дуои бад накунед, ки ман ҳеҷ гуноҳе надорам. Бузатон бетаълим аст, ўро тарбия кунед; фаҳмонед, ки дар охири рўзи кор ман асабӣ мешавам. Бегоҳӣ ба ман наздик нашавад. Охир, худатон ҳам наздам меомадед, ришатонро ранг мекардам…
- Ҳе, Илоҳӣ, духтардор шавию духтару домодат ҳар рўз ҷанҷоли хонаро бардошта, ба сарат биёранд, худатро набинӣ!
Ӯ дигар дуою дабара накард. Аз дунболи буз давид. Аз шикамаш маҳкам дошт. Фукашро таги каш гирифт. Фармуд, ки обу собун биёранд. Бо оби хунук риши бузро мешуст, собун мезад. Тар менамуду собун мезад, мешуст! Мешусту гоҳ- гоҳе силӣ мезад ва мегуфт:
- Духтарат, ки бо домод носоз омад, риши бузат сафед мешудааст!
Кампир намедонист, ки ин гапро шавҳараш барои кӣ мегўяд; чун ҳарвақта, баҳри хона барои ханда ё барои ў мегўяд. Ба ҳар эҳтимол ў суханони Набӣ Абдуллоро ба худ қабул кард.

Шаб кӯдакон дар хонаҳои худ пеши калонҳо як ба як ҳама «испектакл»- и нави Набӣ Абдуллоро нақл карданд ва суханони ӯро нуқта ба нуқта такрор намуданд.
Аз ин рӯз ба баъд ҳар касеро, ки миёни духтару домодаш мӯйе мегузашт, «риши бузаш сафед шудааст» мегуфтанд. Мардуми Аспирингон аҷаб одатҳо доранд!..

АНҶОМ

Хиёл ҷӯраҳои хуб дорад. Бо онҳо вақташ хуш мегузарад. Пахтачинӣ ҳам сабук мешавад, дар хандаву шӯхиҳои ҷӯрааҳо дарди миён ҳам фаромӯш мегардад, вале Хиёл... Бештар Хиёл ба Сиолковский майл дорад: вай ба дигарон ҳеҷ монанд нест. Шӯхӣ намекунад, кам механдад, аз ҳама ҷӯраҳо сустҳаракат аст, ҳарчанд дар вақти паҳлуи ҳам ҷӯяк доштаншон аз Бозор танбеҳ мешунаванд. Онҳо нафақат дарди миён, гохо пахтачиниро низ фаромӯш мекунанд. Аз суҳбати ҳамдигар то ҳол нагурехтаанд.
Сиолковский аҷоиб одам аст: аслан номи ӯ Сиолковский нест, ӯ ҳамон Аҳмад – писари Аҳтам аст, ки бо муаллими адабиёт мунозира карду пас ин номро аз ӯ гирифт.
Самовари Сафаралӣ меҷӯшид, дудаш борик буд ва дуру дароз боло мебаромаду бо ранги кабуди осмон дармеомехт. Нисфирӯзӣ буд. Халтаҳои нимхолии пахта дар таги сару паҳлуи мӯйсафедону ҷавонон маҷақ шуда мехобиданд, фарши чӯбини шипанг салқин буд. Мардум фароғат доштанд. Бедҳои азим шипанги хурдакаки чӯбинро дар ҷигари худ аз офтоб панаҳ мекарданд.
- Мардум, ман дигар ба замин намедароям! – эълон кард муаллими адабиёт.
- Ба кадом замин намедароед? – пурсид Бозор.
- Ба ҳеҷ кадом, имрӯз кифоя, дигар намечинам.
- Муаллим, ин ҷо то бегоҳ аз замин намебароянд. Пахтачинӣ тамом ки шуд, дар осмон гардед ҳам, замин хафа намешавад.
Муаллим ошуфта шуд. Ҳарчанд ҷиддӣ сухан гуфта буд, ҳеҷ намехост, ки мардум онро ҷиддӣ қабул кунанд.
- Андаке сабр кунем, тасфи ҳаво шиканад,- гуфт Аъзам- физик.- Ҳозир бароем, ба Худо, нотоб мешавем.
- Мана, гӯшти табақ нарасад, баҳузур аз сони Аъзам бурида хӯрдан мумкин, намаку уксус ҳам лозим намешавад. Худ дар арақ тар аст.
- Ба гигиена риоя кунед!- хитоб намуд Ардашер ва тарафи Самад айёрона чашмак зад.
Банохост касе бинӣ афшонад ё сулфад, рӯяш турш ва дилаш беҷо мешуду вақти нисфирӯзӣ аз он бадбахт дуртар менишаст.
Ғуломи девчашма тарафи муаллимон сахт нигоҳ карду гуфт:
- Муаллимони муҳтарам! Бо нӯги қалам нон хӯрда, бисёр нозук шудаед. Як-ду рӯз ҷабинатон ба кулӯхи тафсон расад, боке не. Мо як умр дар зери ҳамин офтоб будем.
- Моро- ку муфтхӯр гуфтанӣ нестед, Ғулом!?- ба шӯр омад муаллим Саиди Рустам.

- Кори шумо маълум. То ҳол аз деҳаи мо як одами дуруст набаромадааст...- гуфт Ғуломи девчашма.
- Ана ҳамин хел кор мекунем. Бачаҳоро аз дарс мононда, аз саҳар то бегоҳ дар таги офтоб нигоҳ медорем, равғани сарашон дар офтоб ки хушкид, баъд мегӯем, ки аз деҳаи мо одами дурусте набаромадааст. Ҳаргиз намебарояд!
- Программа мемонад, вақт камӣ мекунад, бачаҳо таълими дуруст намегиранд.
Шайхи ғунуда бедор буд. Ӯ қариб ҳазорсола бошад ҳам, баробари бори нахуст диданаш мегӯӣ, ки акнун ба 63 даромадааст; бо мардуми Аспирингон 964 сол аст, зиндагӣ дорад. Дар Боло буданд, бо онҳо буд. Поён омаданд, ҳамроҳашон Поён фуромад. Ба саҳро бароянд, ба саҳро мебарояд. Дар тӯю азо бо онҳост. Ҳарчанд ки фартуту нимҷон аст, ҳоло ҳам чашми бино ва забони гӯё дорад, овозаш хеле гирифтааст, қариб ношунаво, вале ӯро, паст ҳам бошад, мешунаванд. Аз ӯ ҳеҷ чиз намепурсанд; худаш меояд. Шарик мешавад. Мардум иштироки ӯро, будани ӯро ин лаҳзаҳо табиӣ медонанд. Аз ӯ маслиҳат намепурсанд, худаш вақтҳои ночориву ноилоҷии одамон– маргу беморие, ки дар табобатхонаҳо ба ӯ даво намеёбанд, шаби арӯсӣ, вақти маросими никоҳ, номаълум хозир мешавад; одамон беихтиёр ба иродаи ӯ гирифтор мешаванд. Албатта, муваққатӣ, пас аз гузаштани ин лаҳзаҳо боз ӯро фаромӯш мекунанд. Бо ӯ дар тӯли ин ҳазор сол унс гирифта наметавонистанд. Мегӯяд, ки ин ҳама аз бегонагист. Ин сарзамин ватани келинаш мебошад. Зодгоҳи ӯ дар сарзаминест миёни нимҷазираи Арабистон. Ӯ чанд китоби куҳнае дораду онҳоро доим бо худ мегардонад ва, ба қавли мардум, агар содақавлеро ёбад, барои ӯ чанд сатреро аз он китоб мехонад.
Солҳои бистум ӯро гӯронда буданд. Дами беҳушии ӯро марг-ҳалокати ӯ донистаанду нимзиндаву нимммурда ба хокаш супурданд. Баъд гӯё фаромӯшаш карда бошанд, номашро намегирифтанд. Ин ҳамагӣ чанд рӯз давом кард. Ӯ аз поя ҷон гирифт. Нисфишабӣ аз гӯр баромад. Ниммурдаву нимзинда дар миёни мардум пайдо шуд. Ақли ҳеҷ кас намегирифт, ки чаро ин тавр шуд? Фаромӯш карда буданд, ки ҷони банда дар эътиқод ба Холиқ аст ва дар садоқат ба номи Ӯ. Одами мешудагӣ– мешавад. Гапҳои беҳуда. Пештар ҳам кор мекарданд. Мехонданд. Ҳафтяк мефуровардаанд, ҳофизхон мешуданд, ба фаҳми Бедил мерасиданд. Ку, ҳозир бифаҳманд!? «Дилам аз ғусса танг омад, ки чашми мӯр пеши ӯ, Бувад баҳре, ки дар ҷайби ҳубобаш осмон гунҷад», ё «Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам, Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам»- ро худатон намефаҳмед, аз шогирдонатон чӣ гила?
- Мефаҳмем, амак,- гуфт Валӣ. – Ин ҷо домулло Бедил санъати иғроқу ғулувро истифода бурдааст.
- Ҳазрати Бедил!- хитоб намуд мулло Нахуд
- Хуб, Ҳазрати Бедил!- розӣ шуд Валӣ ва ҳеҷ гапи ба нӯги забон расидаашро шунавонда натавонист.- Он кас ҳазрат ҳам бошанд, иғроқу ғулувро беҳуда истифода кардаанд.
- Ба Ҳазрати Бедил шак набиёр, ки забонат месӯзад, маҳмадоно! Ана, шогирдонатонро бину хулоса кун. «Иғроқу ғулув, иғроқу ғулув!»

- Он чи ки аз ақл берун аст...
- Фармудаи Ҳазрати Бедил аз ақл берун нест, фақат ақли мо ба идроки сухани ў намерасад. Гузаштаҳо мефаҳмиданд!
- Мо ҳам мефаҳмем, ҳатто тасаввур карда метавонем. Пешиниён ҳарчанд мегуфтанд, ки тасаввурнопазир аст, – гуфт Аҳмад, вақте ки дид одамон ҷиддан ба баҳс даромаданд.
- Мардуми имрўз ба фаҳми Ҳазрати Бедил намерасанд!- -аз нав ба шўр омад мулло Нахуд.
- Баръакс, имрўз Бедил бештар мафҳум аст.
Нимаи рўзи Аспирангон. Офтоб, офтоб, офтоб... Замину осмон хонаи офтоб буд. Замин мисли тоба тафсон буд, ҳама махлуқи рўи замин сар ба таги бутта мекашиданд. Худро ба даруни об мепартофтанд ё ба сояи дарахтони тунукбарг мегирифтанд. Аз назди шипанг оби лойолуде мегузашт, ки ҳам духтарон по ба вай андохта менишастанд ва ҳам шамолаки камқуввате низ аз он бармехост.
- Барои фаҳмидани, ақаллан, ҳамин байти Бедил аз кайҳон ба замин нигоҳ кардан даркор.
- Дуруст!- гуфт Мулло Нахуд.- Ин байт, хоҳед- нахоҳед, шуморо мебардорад. Ҳавоӣ мекунад, савдоӣ...
- Ҳеҷ гап не, ман вақти хондани ин байти Бедил буттаеро сахт медорам, – гуфт Гули обдаҳан.
- Ман исбот мекунам,– гуфт Аҳмад.– Вақте ки ин байтҳоро мехонед, мебинед, ки чашмандозу назаргоҳи муқаррарии инсонӣ қудрати тасаввури онро надорад. Дарҳол мешиканад.
- Танҳо назари Илоҳӣ метавонад онро бубинад,- тоқат накарда гуфт мулло Нахуд.- Аз худ, аз замин баланд шудан даркор.
- Чӣ қадар? – пурсид тамасхуромез Бозор.
- Агар маҳз ҳамин лозим бошад, ҳисоб мекунем, вале донаҳои чути шумо барои ҳалли он беҳад кам аст.
- Роҳашро гўй, худамон ҳал мекунем.
- Хуб. «Дилам аз ғусса танг омад: чашми мўр пеши ў монанди баҳрест, ки дар ҷайби ҳубобаш осмон меғунҷад. Чашми мўрча, ҷайби хубоб, баҳр, осмон- инҳо барои ақли одӣ тасаввурпазиранд Барои осонии кор мо инҳоро шартан бузургиҳо мехонем, бузургиҳои математикӣ: чашми мўрча, бузургии дараҷаи як, ҷайби ҳубоб, бузургии дараҷаи ду, баҳр, бузургии дараҷаи се, осмон, бузургии дараҷаи чор. Чашми мўрча пеши дил чу баҳрест, чунин баҳрест... чунин баҳрест, ки дар ҷайби ҳубобаш осмон меғунҷад. Дил ин ҷо бузургии асосиву мустақили қиёсшаванда, чашм бузургии дувуми қиёскунанда, ҳарду мутаносиби чапанд, вале пеш аз қиёси ҳарду бузургии дуюми қиёскунанда худ низ қиёс металабад. Ин бузургиҳо нисбат ба ҳам мутаносиби ростанд ва дар якҷояги бо бузургии асосӣ- дил мутаносиби чапанд.
Роҳи аз ҳама осони ҳисоби ин бузургиҳо чен кардани яке аз дараҷаҳои бузургии дувум аст. Масалан, осмон. Аз уфуқ то уфуқ муқаррар кардем; акнун ҳубоберо, ки ҷайбаш баробари осмон аст, ёфтем, пас баҳре (уқёнус)- серо, ки чунин ҳубобҳо дорад. Дар он баҳр чӣ қадар ҳубоб аст: сад ҳазор,

миллион? Ҳамаи инро ёфтед. Ҳисоб мекунед: чанд триллион километр баланд баромадан лозим, ки барои ба чашми одӣ дидани ин масоҳати дар роҳи ифодаёфта имконият диҳад. Бовар кунондем, ки ин масоҳат аз масоҳати замин чандин ҳазор баробар зиёд аст. Пешакӣ гуфта метавонам: баробари офтоб баромадан даркор, аз назди офтоб ин масоҳатро бо нигоҳатон фаро гирифта метавонеду халос.
- Пас Бедил месӯзонад? – пурсид касе.
- Ҳоло имконияти ба офтоб баромадан надорем. Ҳарорати он беҳад баланд аст. Оҳану одамро месӯзонад.
- Ба мисли Аспирингони мо будааст.
- Ба офтоб фақат аспирингониён мерафтаанд- да,- гуфт Валӣ.
- Кӣ бекор аст, ки ба он ҷо меравад?
- Гули шабнамзада, – гуфт Ҳабиби Ҳангӣ.
- Канӣ вақт? – гуфт Гули шабнамзада.
- Вақт бисёр, ҳавсала кам, – гуфт Ҳабиби Ҳангӣ.- Мерафтӣ, нағз буд. Шояд оби даҳонат ҳамон ҷо хушк мешуд.
- Хайр, муноқиша накунед. Аз Бозор- ака илтимос мекунем,- гуфт Ҳабиби Ҳангӣ.- Як- ду рӯз ҷавоб медиҳанд.
- Ман намедонам. Ин корҳоро худи бригадир ҳал мекунад,- гуфт асабиёна Бозор.
Бригадир дар ин наздикиҳо набуд.
- Худат намеравӣ?- пурсид Валӣ аз Ҳабиби Ҳангӣ.
- Ба рафтан- ку, меравам, пахтаро кӣ мечинад?
- Гули шабнамзада.Ӯ пахтачин аст- ку?
- Агар каси дигар мебуд, ҳам ба ҷои худам, ҳам ба ҷои вай пахта мечидам, ки то ба офтоб равад. Ҳабиби Ҳангиро замин базӯр мебардораду боз шон бо ҳамин чирки бадану дили сиёҳаш ба офтоб мерафтааст. Ҳамин офтоб бе касофати ӯ монда буд,- гуфт Гули шабнамзада.- Одамеро фиристед, ки дар офтоб доғ намонад.
- Бовар кун, Ҳабиби Ҳангӣ аз он ҷо тифл барин мефурояд. Сафеду пок. Охир дег сиёҳу чиркин шавад, равған мерезанду миёни кураи оташ меандозанд.
- Не одами доғдору сиёҳдил аз сари худ баланд баромада наметавонад.
- Бозор чӣ хел?
- Чашмаш доғ дорад, чӣ гуна пойинро муоина мекунад?
- Як пурсед- чи?
- Аки Бозор!
- Ааа...
- Камакак боло баромадан даркор.
- Не, маро ҷоям соз аст. Аз ин баландтар баромада наметавонам. Он ҷо бригадир аст, метарсам.
- Хуб
- Бригадир намерафта бошад? Камкор аст.
- Меравад, вай баландиро дӯст медорад, вале ба офтоб рафтани ӯ беҳуда аст: ба замин нигоҳ намекунад.
- Ана худашон омаданд!

Наим аспи пойгаҳ барин ҳарсос зада меомад. Таги кашу куртааш шӯра баста буд. Арақ аз сару рӯяш мешорид.
- Наим- ака, ба офтоб рафтан даркор. Ягон каса ҷавоб диҳед,- муроҷиат кард Валӣ ба бригадир.
- Не, ҷавоб нест. Ҳозир кӯдакҳоро аз гаҳвора гирифта, ба пахта сар медиҳаму... Не, ҷавоб нест!- ниҳеб кард Наим ва аз онҳо гузашта рафт, то бори дигар онҳо аз ӯ ҷавоб напурсанд. «Ана, пахтачинӣ ки тамом шуд, ду моҳи тамом бекор мемонанд; дар ин ду моҳ ба куҷое ки раванд, рафтан гиранд: ба осмон мераванд, ба оф-то-б.» - Чӣ, чӣ? Ой говсавор, чӣ гуфтӣ!? Ба куҷо рафтанӣ!?
- Ба офтоб. Аҳмад гуфт, ки аз ҳамон ҷо ба замин нигоҳ кунем, то аз баҳри бекарони хаёлоти Бедил огаҳ бигардем...
Аҳмад- писари Аҳтам пеши даҳани ӯро гирифт:
- Ҳеҷ ба офтоб рафтан лозим не, мардум агар нуқта ба нуқта ҳисоб карда бароянд, масофае ҳосил мешавад, ки аз офтоб болотар меравад.
- Бидъат! Аз офтоб болотар маъвои Илоҳӣ аст. Не, наемонам! Ба он ҷо расидани пойи бандагон манъу номумкин аст!- фарёд кашид Мулло Нахуд.
- Мамнӯъгоҳ Бешаи палангон барин- ку!- гуфт Валӣ.
Вале Мулло Нахуд аллакай дар рӯи хок меғелиду поча мезад; салла ба гардан печида, кафк аз даҳон сар медод. Ким- киҳо ӯро ба замин бардошта шинонданд. Кафки гирди даҳонашро пок намуданд. Ӯ базӯр нафас мегирифт.
Мулло Нахуд ба илми имрӯза, ба ҷавонони саҳро ҳазору як нафрин мехонд ва боз дар айни хол аз нафрати худ метарсид Мабодо дуои бади ӯ ба худаш баргардад. «Онҳо одамони одӣ не,- меандешид ӯ.- Модоме ки фикри онҳо аз назаргоҳи Илоҳӣ мегузарад, масофаи замину офтобро сантиметр ба сантиметр аниқ карданианд ва боз даъвои ислоҳи онро мекунанд, дар қатори бузургон мебошанд.» Вай бо онҳо мунозира карда наметавонад, пир асту камқувват. Шояд аз бузургии хаёлоти кайҳонии Бедил бехуд гашт? Ё аз тарси он ки бо ҳисоб ин кӯдакон макони Илоҳиро меёбанд?
- Ба офтоб ё аз он баландтар баромадани мо, ба хотири идроки як байти Бедил, нолозим аст. Агар фақат барои ҳамин бошад, аз тарафи мо дар ҳаққи Бедил номардии калонест; мо бояд аз замин истода, хаёлоти кайҳонии Бедилро бифаҳмем. Вақте ки мо байтро мехонем, он ҳастии моро барои парвози эҳсоси баланду бузурге омода мекунад. Муҳиммаш ҳамин аст.
Наим саркор, ки ба назди омада буд ва ба суханони ваҷҳмонанди Аҳмад гӯш медод, аз Аҳмад пурсид:
- Эй, Аҳмад, бачаи кӣ мешавӣ?
- Бачаи Аҳтам.
- Аҳа- а, Аҳтама писараш? Ҳамоне ки таъриф карда мегаштанша- а? Аҷаб хубе, аҷаб хубе! «Ба офтоб баромадан лозим нест,»- гуфтӣ? Барои чӣ? Лозим аст. Ман мехоҳам ба офтоб бароям. Агар доно бошӣ, ҳисоб кун, барор, ман мебароям. Ҳозир ту аз пахтачинӣ озод. Ҳисоб кун, ҳисоб кун!
- Коғазу қалам намерасад, – гуфт Аҳмад.
- Дар замин навис, замин калон аст. Ҳамаи навиштаҳоятро мебарад.
- Хуб шудаст.

- Дигарон хезед! Бозор, мардума хезон, пахта месӯзад.
Аҳмад аввал пиндошт, ки Наим мисли пешина худро содаву уволак ангошта, жожхоӣ мекунад, то дар коре ғайри одати мардум ӯро ба даст афтонаду дар пеши одамон масхарааш намояд. Ният дошт, ки агар бори дувум аз ӯ чунин муомиларо бубинад, бо сухани дуруште посухаш бигӯяд. Ӯ акнун кӯдак нест-ку!?
- Аҳмад, чӣ истодаӣ? Сар кун!
- Одамҳо аз шипанг бароянд, баъд ҳисоб мекунем, – ӯ сухани дуруште нагуфт. Натавонист.
- Бозор, хезон мардума! – амр дод Наим
Калонҳо аз ҷояшон бархестанд. Дасту пояшон тахта барин буд, қату рост намешуд. Онҳо ба мисли робот рӯ- рӯи фарш по монда, аз шипанг дур шуданд. Муаллимон андаке ҳаял намуданд. Ҷавонону наврасон пеш гузаштанд: аҷаб шӯху бебок буданд онҳо: бо либос худро даруни оби лойолуд афкандand. Куртаҳо дар бадани онҳо мехушканд, шах мешаванду метарсанд
Аҳмад худро ба об назад Кулӯхеро гирифту рӯи фарш рақамҳоро сабт кардан хост. Нашуд. Фаршро ранг намолида буданд. Тахтаҳо ҳамранги кулӯх буданд: хокосову гардолуд.
Ӯ чӯбакеро гирифту ба навиштан сар кард.
Баъде ки мардум дар миёни замин пароканда шуданд ва касеро бо касе кор намонд, мулло Нахуд ба назди Аҳмад омада насиҳаташ кард:
- Аз офтоб он тараф нагузар, писар! Дуои неки мани пирро бигир.
Аҳмад мӯйсафедро наранҷонд. Ваъда дод, ки ҷойи аниқи назаргоҳи Илоҳиро касе аз ӯ нахоҳад шунид.
Вақте ки офтоб сарнишеб шуд, Аҳмад дар сари замини пахта буд: овози бачаҳо ҳам ба гӯши ӯ намерасид. Сари ӯ дар банди рақамҳо буду дунёро фаромӯш карда.
Қасос! Барои кӣ?
Барои оромиву осоиши нафс ду каси дар гардишҳои рӯзгор рӯ ба ҳам омада талош мекунанд. Инро барои чашми мардум анҷом медиҳанд. Барои он мекунанд, ки маломати ботинии мардум гирифтор нашаванд. Оё мардум ҳамчунинанд, ки ӯ мепиндорад? Сухане барои таскини нафси таҳқирдидаи онҳо мегӯянду дар дил бечораву ҳақирашон мепиндоранд. Магар барои мардум бечораву ҳақиранд?

***
- Чанд сӯм гирифтӣ?
- Чордаҳ сӯм.
- Мана, боз панҷоҳ сӯми дигар, бигиру баромада бирав.
- Куҷо равам?
- Куҷое хоҳӣ.
- Барои чӣ?
- Гӯё намедонӣ?
- Хайр, чӣ гуноҳ кардам?

- Обрӯ гирифтем, писарам.
Модар хомӯш буд; на ҷониби писар менигарист, на ҷониби ҳамсараш. Хиёл ашк ба ҳам намерехт. Хомӯшии модар фоли нек буд. «Онҳо ягон маслиҳате кардаанд, ин қадар дилпур аст,»- аз фикр гузаронид Хиёл ва ба хонаи хоб гузашт.
Дер гоҳ хоб карда натавонист. Чашмонаш боз буданд. Баъд, субҳидам, хобаш омад. Хоби гароне буд:
Торикии сип- сиёҳ нури моҳи пурраро макида гирифтааст. Онҳо, ду нафар, дар либоси сафед ба истиқболи ҳамдигар мебароянд. Остинҳо ба сурати боли кабӯтаранд. Домани пироҳани сафеди зебо дароз асту дар рӯи замин ҳарири тунуки сафед тарки бадани сафедаш менамояд. Онҳо ба ҳам наздик мешаванд. Дасти ҳамдигар мегиранд.
- О, кабӯтари сафед, – мегӯяд Хиёл.
- О, кабӯтари сафед,- мегӯяд Сабо.
- Майли куҷо дорӣ?- мепурсад Хиёл.
- Майли осмон,- мегӯяд Сабо.
- Дасти маро бигир,- мегӯяд Хиёл.
- Паридем!- мегӯяд Сабо.
Даст ба даст мешаванд ва сӯи осмон парвоз мекунанд.
Аз осмон ба замин назар меафкананд: аспи сурхи бузург плуги сафедеро дар замини сиёҳ мекашад; ёлу думаш овезон, аз бадани сафедаш кафки сафед мерезад, аз параки биниш дуд мебарояд, чашмонаш пеши пояшро равшан мекунанд Позаҳои плуг тафсида сурх шудаанд. Аз думи плуг хатти сафеде менамояд, ки охир надорад. Онҳо паст мефуроянд ва ба нӯги плуг менишинанд. Позаҳо аз ҳад чуқур ба замин мехаланд; он сафедиҳо устухони заминанд. Позаҳо чанд қабати заминро чаппа мегардонанд. Онҳо дар қабати замин ҷуфти кабӯтаронро мебинанд, ки даст ба даст хобидаанд, ҷуфтеро ҳалқа ба гардан аст, ҷуфтеро пой дар занҷир аст, ҷуфтеро тири пайкон аз дилаш гузашта, ҷуфтеро бо санг зада куштаанду ҷуфтеро пой дар гил мондааст. Хиёл аз лигоми асп кашид. Асп истод. О, падарқусуре, меистодааст! Пас позаҳои плугро бо азобе тоб дод. Аз ҳама қабатҳои замин берун кашид. Ва дар қабати охирини замин монд. Поза як ваҷаб дар замин буд. Асп аз нав қадам зад. Хиёл дар сари плуг менишаст. Сабо кадом як тухмиеро мекошт. Тухмиҳо дарҳол неш мезаданд, муғча мебаровардан. Муғчаҳо ғунча мешуданд. Ғунчаҳо мешукуфтанд. Акнун гулҳои суп- сурх, қатори офтобпарастҳо барин, аз думи плуг кашол меёфтанд. Писарону духтарони ҷомасафед сӯи гулҳо медавиданд.
Аслан кабӯтарон ба дили гулҳо нӯл мезаданд. Хандаи гулҳо ва қум-қуми кабӯтарон аспи сурхро меронанд. Ӯ ба сӯи осмон бол мезанад.
Хиёлу Сабо ба замин, ба гулҳои сафед болафшон видоъ мегӯянд.

АЗ САРГУЗАШТҲОИ ҲИДОЯТ
Қиссаи нотамом

Таҳоратхонаи эшон дар болои чӯйбор ҷойгир буд. Ӯ панҷ вақт ба он ҷо медаромад.

Ҳидоят ва Ҷамшед дар поён, дар ҳамин зери тут, нишаста буданд. Аз бекорӣ гаранг, хаста; чи қадаре ба ҳам нигоҳ кунанд, чи қадар гапҳое бизананд, ҳамаро гуфтаанд, дигар гапи нав намондааст. Коре барои худ бояд пайдо кунанд. Камонғулак дар пеши пояшон, сангҳо дар халтаи бари камарашон. Ҷамшед ду- се қурут дар киса дорад. Ҳидоят чизеро аз хона гирифта натавонист, андаке аз хоб дер бедор шуд. Модараш аллакай говдӯширо тамом карда буд. Даст аз синаи гов канда буд ва аз молхонаи паҳлуи дарвоза мебаромад. Ҳидоят ба сараш кӯрпа кашид. Либосашро зери кӯрпа мепӯшид. Ба ҳазор эҳтиёт, вале аз чашми модараш ҷунбуҷули ӯ дар зери кӯрпа пинҳон намонда буд.

- Чӣ дард дорӣ, мембурӣ!- пурсид аз ӯ модараш.

Барои кори динарӯзааш ҳоло ҷазо нагирифта буд. Шаб торик шудан баъд ба хона даромад. Дар шаб, дар торикӣ намезаданд. «Шаб задан сиёҳӣ дорад,»- гӯён ӯро намезаданд. Акнун вақти ҷазо расида буд. Ӯ лаҳзае беҳаракат монд. «Мезада бошад ё не? Мегурезам. Ё дер шуда бошад?» Ӯ дар таги кӯрпа метапид.

Оҳиста аз таги кӯрпа нигоҳ кард. Модараш лаҳзае хомӯш шуда буд. «Ҳа, ширро ба чахт меовезад. Дар таги равзана, дар поёни сутун, химча дорад.» Ҳидоят хесту гурехт. Куртаашро аз болои сараш гирифта тавонисту халос. Ғӯлак дар шохи зардолу буд, зардолу дар пеши дарвоза. Ӯ ғӯлакро гирифт ва башаст, мисли оҳӯ, аз дарвозаи боз парид. Ҳо, акнун гушнагӣ ҳам оҳиста-оҳиста аз шикамаш ба пойҳо мефуромад. Ҳолӣ, як дам пас, ба шикори парандаҳо мебароянд, ки дами дигар қасосашонро аз эшон бигиранд. Баъди чанд лаҳза эшон ба таҳоратхона медарояд. Аз обмӯрии бехи девор нигоҳ мекарданд. Эшон сулфакунон аз хона баромад. Футааш дар сари шонааш, бе салла, бе ҷома буд, куртаи дарози сони сафед то ба болои зонувонаш мефаромад. Рафту банди эзорашро кушод. Ва хам шуду сари по дар лаби ҷӯйбор нишаст. Дасташро, дасти чапашро, ба об бурд, як каф об гирифту ба байни пойҳояш зад. Ҳидоят кулӯлаи чормағзро дар чиллаи камонғулак ҷой кард. Мӯрӣ ба қадре кушода буд, ки ҳама амали эшонро баҳузур ба мушоҳида гирифтан мумкин буд. Ҳидоят х.. и эшонро ба нишон гирифт ва зеҳи камонғулакро кашид. Тир рост дар адли х.. и эшон зад ва эшон «воҳ!» гуфту саракӣ дар даруни ҷӯйбор афтод. Ҳидояту Ҷамшед гурехтанд.

Зани эшон гарду рӯи суфаро меруфт. Ногаҳон дид, ки об аз таҳоратхона сӯйи хона медавад. «Кадом ҷувонимарг обро ламба андохтааст!»- гӯён ба тарафи таҳоратхона рафт.

Рафту шах шуд. Дигар аз дари таҳоратхона на пас мерафту на пеш. Эшон дар таҳоратхона ба шикам дар ҷӯйбор хобида буд.

Об ламба хӯрда, аз лаби ҷӯйбор медавид ба тарафи ҳавлӣ. Эшон паст- паст нолиш мекард.

Зани эшон мардакашро базӯр аз ҷӯйбор бароварда.

- Дар таги шонаи писарам як хоккуши хушк бикашед, нам нагирад, – мегуфт модари Халқуллоҳ, вақте ки ӯро аз дарвоза мебаровардан.

Ӯ аз дилсӯзии одамон метарсид. Аз ин рӯ, пеши одаме аз як лаҳзаи кӯтоҳ ё бештар намеистод, саломуалайк мекарду мегузашт. Бештари одамон вақти таъзия хомӯшанд; хомӯшӣ дар вақти ҳодисаи нохӯш хубтарин дилтиҳӣ аст. Ҳама гуна сухан дар ин лаҳзаҳо дурушту ночаспон ва сахту ғашовар менамоянд. Ё даст ба дасти азодор медиҳанд, агар шахси хеле наздик бошаду аз роҳи дур омада, ӯро ба оғӯш мегирад ва ба оҳистаги даст ба шонаҳояш мемонад; бештари бештар даст ба сари шонаи одами азодор мениҳанд
«Дилатон танг нашавад» ё «Дилатон ганда нашавад» мегӯянд мардуми шимол. Ин ҳам бад нест, вале барои сокинони қисми ҷанубии Тоҷикистон ин гуна гуфтани таъзия ва изҳори эҳсоси худ аз ҷиҳати ин воқеа чандон қабул нашудааст. Хомӯшӣ афзалтар аз ҳама гапҳои қолабӣ аст.
Занҳо гапи дигаранд. Онҳо рӯйи мурда овоз меандозанд. Ва маҳзи ин ки аз дар медароянд ва чашмашон ба соҳиби мурда бармехӯрад, овоз меандозанд ва навҳа мекунанд. Хеле аҷиб аст, ки ҳар кадоме дардҳои худро, мурдаҳои худро, агар хоҳараш буд ё бародараш, ё модараш, ё барои кадом каси дигаре аз наздиконаш, ёд мекунанд, сифатҳои ӯро як- як тавсиф месозанд ва ин бо навбат мешавад. Касе дар миёни навҳаи дигаре марсияи хешовандони худро шурӯъ намекунад. Сари овози ҳамдигарро мегиранд ва гиря идома меёбад. Шахси дигаре ба маҳзи ин ки навҳаи ҳамроҳаш ба поён расид, аз ғаму дарди худ навҳа оғоз мекунад. Дар як мурдахона аз аксари шахсоне, ки аз ин дунё рафтаанд, аз дарду алами наздикони ӯ, аз мушкилоте, ки баъди гузаштани ӯ дар он авлод ё оила ба вуҷуд омадааст, хабардор мешавӣ.
«Ту рафтиву надидӣ, ки фарзандонат чи одамони хубу бадавлат шуданд, ғамашонро мехӯрдӣ, зиқ мешудиву фикр мекардӣ, ки чӣ одамое мешуда бошанд»! Ё ки мегӯянд: «Ту будӣ, ки мо дар ин хона обрӯ доштем, ту рафтиву мо хор шудем! На духтар пешам меояд, на писар парвои ма дорад, на касе ба дарамон меояд, на касе аз ҳоламон мепурсад! Ту будӣ, хона пуродам буд, пойи одамӣ аз хоку дарамон канда набуд! Мегуфтам, ки мардаки ҷӯрабоз дорам, на шаб ором дорам, на рӯз, на дар хоб осудаам, на дар бедорӣ! Ку дигар ӯ хандаҳот, ку ӯ дигар шӯхиҳот, ку дигар ӯ ҷӯраҳот, ку дигар ӯ хонаи серодами пурмеҳмони як мудом чароғи гирён доштаамон! Хонаме, хонаме, хонаме, хонам!»
Ин овози кампири Сайлӣ буд; овози ӯ нарм буд. Гови пир овози ӯро мешинохт; овози ӯ ба гови пир шинос буд. Шомгоҳон ба хонаи онҳо медаромад. Эҳ, имрӯз ӯро ба пода сар надоданд. Фаромӯш карда бошандаш, ғами калон. Не! Не! Фаромӯши куҷо? Ин ҷо агар соҳиби хона фаромӯшат кунад ҳам, ҳамсоя ба ёдаш мерасонад. Ҳа, ҳамсоя фаромӯш намекунад. Пас тақдири ӯ ҳал шудагӣ. Ӯро сартахтагӣ мекунанд. Гови пир хеле аз дари бози оғил ба саҳни ҳавлӣ нигоҳ кард: саҳни ҳавлӣ хеле баланд буд; ҳавлии пеши хона дар рӯ ба рӯйи айвон чанд зинаи бетонӣ дошт, ҳафт зина, гоҳ- гоҳе гови пир майли ҳавлии баланд мекунад ва меравад аз ин зинаҳо ба боло. Пас имрӯз умри ӯ ба охир мерасад. Гови пир бо соиқаи ҳайвониаш ин ҳақиқатро ошкор кард. Рамуз гирифт аз ин воқеаҳову аз ин овозандозиҳо.

Санг дуд мекард. Не, санг дуд дошт; баъди борону намигариҳои беохир ногаҳон абрҳо аз сари теппаҳо канда мешуданд, офтоб мебаромад ва сангҳо тасф мегирифтанду ҳавл сар медоданд. Ҳо, акнун чунин буд дудкунии сангҳои дар ҳошияи дарё тунукоб.

Дар пеши дари оғил, паҳлуяки охур, санги намак мехобид. Ҳидоят онро аз куҳи Даҳани намак оварда буд. Гови пир гоҳ- гоҳе онро мелесид. Рӯи намаксанг пур аз чуқуракчаҳо шуда буд. Ҳар кадоми онҳо мисли даҳани тоқӣ калон буданд. Коса- коса чуқуракҳо рӯи санги намакро фаро гирифта буданд. Гов сарашро хам кард ва аз рӯи санги намак як лес гирифт; не, гӯё бӯса гирифт. Ҳо, рафт. Аз оғил баромад. Ӯ Даҳани намакро надида буд. «Ҷойи дурест!- мегӯянд мардум. Дар он дараи танге, ки Кангурт ба интиҳо мерасад, истодааст.» Мардуми таҳҷоӣ аз намаки мағоза кам истифода мебаранд. Аввалҳо харакӣ, ҳозирҳо бо машину дучарха ҳар сари чанд вақт аз он ҷо намак мекашанд. Намаки ширин, намаки бомазза хӯрокро хуштамъ мекунад.

«Ман дирӯз хеле хаста будам, натавонистам аз ҳоли дӯстам, ки чанд рӯзе шуд беморие дорад, хабар бигирам. Худро мазаммат мекунам: чаро имрӯз нарафтам? Пагоҳ чаро намеравам? Ба ҳаққи Худо, аз онҳо дил кандаам!»
Ӯ дасташро ба фарқи сари бемӯяш монд; хелеҳо шуд, чунин сахт аз ҳоли дӯстонаш ба андеша нарафта буд. Ҳо, худро хеле сахт ва дуру дароз мазаммат кард. Чойи дар рӯйи миз ниҳода ҳам сард шуд. Стакан дигар дасташро намесӯзонид.
«Хулқи худро ислоҳ мекунам.»
Оҳиста бархосту пардаро аз шонаи тиреза раҳо намуд; шасти шамол гашт, дигар то сари ӯ намерасид боди сард.

ДАВЛАТШОҲИЁН

Роҳи Данғара. Идомаи нақли Убайдулло

- Ин акаи мо милиса гузаштагиай, – гуфт Фаттоҳ ва ӯро оҳиста дар рӯйи ҷогаҳаш хобонд.- Бисёр одамҳои хуби Кангурт аз дасти ҳамин мурдагиян! Бисёр ҷаллод буд ин…
Мардак, ки дар назъи ҷон буд, ҳеҷ ҳаракате намекард.
Гӯё намешунид, ё намешунид.
Ӯ аз роғи чашмонаш ба сақфи дудхӯрдаи хонаи пастак нигоҳ мекард. Нигоҳ намекард, дидагонаш ба сақф беҳадаф духта шуда буданд. Риши сафедаш, ки дар чеҳраи бараҳнаи хушкидайи ӯ парешон хобида буд, гоҳ- гоҳе як меларзид.
Ногаҳон гулӯяш хир- хир кард, мисле ки дар он чизе дармонда бошад. Ҳамроҳони Фаттоҳ ҳам аз суханони берӯёнаи ӯ ва ҳам аз вазъи мӯйсафед ҷониби ҳамдигар бо чашмони пурсуол ва пур аз шак нигоҳ карданд.
Ва баъд гуфтанд:

- Биё, мон, Фаттоҳ, бас кун! Мӯйсафеда ғам надеҳ.
Фаттоҳ сар меҷунбонид ба оҳанге ва мегуфт:
- Ма рост мегум. Як халта ордену медал дорад.
- Мон, аката дар дами ҷонбуроийш ғам нате! – гуфт янгааш ва дастархони рӯйи дасташро дар пеши меҳмонҳо ниҳод.
Кӣ дар ин вазъият чой мехӯрад?
- Росташро мегум! Ина худуш буга! Ака, гап зан! Ака! Янга, таксарӣ биёр! Таксарии бисёр- бисёр!
- Э моне, чоруш мекунӣ?!
- Не, ака! Мегӯӣ?- гуфт Фаттоҳ ва болиштҳоро дар зери сари ӯ чид. Синаи мӯйсафед хеле баланд шуд. Фаттоҳ ба даҳани ӯ чанд қатраи чой рехт, об аз кунҷи лабонаш ба ришаш рехт. Фаттоҳ одами ба гап қариб набуд. Як илоҷе буд: ӯро ба зӯрӣ аз сари болини мӯйсафед дур кардан, вале ҳамроҳон худдорӣ менамуданд. Ҷанҷолу харҳашаи Фаттоҳу ҳамроҳонаш ҳоли мӯйсафедро дар дами маргаш табоҳ хоҳад кард. Онҳо худдорӣ намуданд.
- Бигӯ, ака! Ҳо, мардака чӣ хел парондӣ, вақте мехост бигурезад? Аҳмади Мирашӯрира ёд дорӣ? Бигӯ, охир, бигӯ, ака!
Лабони мӯйсафед ҷунбиданд. Фаттоҳ шодӣ кард. Ба ишораи сар ҳамроҳонашро ба шунидани суханонони мӯйсафед ҷалб мекард, вале овози мӯйсафед намебаромад.
Ӯ воқеаҳоро медид, ба забон меовардашон.
- Гуфтестай, ба Худо, гуфтан дорад!
Аз ҳозирон касе овози ӯро намешунавид, вале ҳушашон ба лабони мӯйсафед буд.
- Мара гуфтан, ӯра биёр,- шуниданд овози ӯро. Овози хеле паст, аз ин пасттар овозеро нашунида буданд. Гӯё аз даруни гӯр мебаромад.- Гурехт. «Бест!»- гуфтам, наистод. Камонро гирифтаму парондам. Қалпоки сараш парид.
- Шуниден, шуниден! Қалпоки сараш парид, мегае! – Фаттоҳ шунидаҳояшро шарҳ медод; чанголашро болойи сараш бардошта, косахонаи сарашро маҳам дошт.- Ина ҳамӣ ҷара мега!
- Мағзи сараш тит шуд…
- Диден! «Мағзи сараш тит шуд,»- мега! Ба Худо, и ҷаллод буд!
Мӯйи сари Фаттоҳ парешон шуда буд. Вақте хам мешуд, рӯйи ӯро аз назари ҳамроҳонаш панаҳ мекард.
- Гуфтанд: «Фалониро биёр!» Хонааш рафтам, камон сари китфам. Медонистам, ки дар хонааш ҳаст. Рост ба даҳани дараш меравам, занҷири дари дутабақаашро ба болодарӣ мезанам. Занаш мебарояд, мепурсам, ки дар куҷост? Мегӯяд, ки дар хона нест, куҷое рафтааст. Бовар намекунам. Занак зораву тавалло мекунад, ки надароям. Медароям. «Надаро!»- мегӯяду ба зону мезанад. Медароям, аз болои зонувони занак мегузарам. Мебинам, ки дар хона нест, парешон намешавам. Дар ҳамин наздикиҳост! Дуртар меравам ва рост ба болохона нигоҳ карда тир мезанам. Ӯ аз дари болохона худро ба замин ҳаво медиҳад. Он тарафи хонайи ӯ дараҳои бисёре дорад. Як хушкрӯде низ аз пушти тирезааш мегузарад. Медавам ба ҳамон тараф. Камонам думила аст. Як тири дигар дорам. Мезанам дар сараш. Аввал чен кардам, албатта,

сарашро. Ӯ гурехт, нагуфт, акаи фалонӣ, ба ёд наовард, ки ман аз ӯ калонам. Нагуфт, садқат, акаи фалонӣ, напарон! Мепаронам. Рост дар сараш мезанам, қалпоқи сараш мепарад…

- Диден, ин мардак одамони хуби кангуртира куштааст! Ку, ҳамуне, ки кӯдакораву ку, чӣ хел ҳаму мардака паронданта нақл кун?

Мӯйсафед ҷон гирифта буд. Акнун дастонашро ҷунбонида, албатта, на он қадар ки аз сараш болотар равад, нақл мекард, чи гуна чен гирифтанашро нишон медод, кӯшиш дошт, ки афтидани кушташударо низ нишон бидиҳад.

- Рафтам ба дари хонаш: занаш баромад. Гуфтам: - Фалонӣ дар куҷост? Занак гуфт, ки нест. Қасам хӯрд, ки ба роҳе рафтааст, коре доштааст. Хандидам. Гӯгирдоро аз киса баровардам. Камонам дар сари китф, тир андохта шуда буд. Парво надоштам, наметарсидам, аз бало наметарсидам. Дар номи Худо ҷонам, рафтаму ба хафи каҳдарза гӯгирд халидам, хаф дар гирифт. Аввал кӯдакон баромаданду гурехтанд, баъд худи мардак баромад: пешодунбол давиданд. Ба фурсате камонро аз китфам гирифта, онҳоро чен кардам: аввал кӯдакро задам. Кӯдаки калониро тир дар пояш расид. Як тоб хӯрду дар сари дав чор бор муаллақ рафт. Як овоз баровард хомӯш шуд. Баъд кӯдаки дувумро нишон гирифтам: ба ӯ ҳам расондам, ӯро ба як тир куштам. Кӯдаки дувум намеҷунбид, вале медонистам, ки ҳоло намурдааст. Мардакро аввал дар пояш задам, лангон гурехт. Бори дувум дар дасташ задам, дасташ ба қаддаш рост шуд, шалҳа шуд. Танҳо бо дасти чапу пойи росташ ҳаракат мекард. Ба Худо, медавид. Бовар намекардам, ки тирам ба ӯ расида бошад. Не, бовар мекардам, ки расидааст, вале бовар намекардам, ки корагар бошад: тир корагар нарасида буд. Ин дафъа дар паси каллаш тир ҷой кардам: афтид, мурд. Гаштаму рафтам, ҳамин дам…

Акнун чашмони мӯйсафед кушода шуда буданд: сурх буданд, хун доштанд онҳо, оташ гирифта буданд. Фаттоҳ тантана дошт, ӯ ғолибона ба мардуми хона нигоҳ мекард. Гӯё кашфиёти азиме карда бошад! Ҳамроҳонаш хеле дилгиру хафа шуда буданд.

Мардак акнун намемурд, зинда мешуд. Хеле зинда шуда буд. Об пурсид. Кампирак гиребонашро кашида тавба кард ва об ба даҳанаш рехт. Ин дафъа об ба ришаш нарехт. Ӯ гулӯ зада, обро қулт мекард. Кампирак бо андӯҳ Фаттоҳро аз сари болин дур кард.

Овозе аз беруни дар баромад. Кампир дарро кушод: мулло омада буд. Ӯ сарашро хам карда аз дари пастак ба хона даромад ва мирандаро дар болои ҷогаҳ нишаста диду гиребонашро гирифта пурсид:

- Аз сафар баргардонидедаш? Қудрати Худоро бубина!

Миранда Фаттоҳро ба оғӯш кашида буд ва мегирист. «Додарам» мегуфт, «Омадӣ» мегуфт. «Гуфтам дигар туро дар қиёмат мебинам, насиби дидор будааст, мебинамат.» Чашмонаш нур мегирифтанд. Ӯ ба ҳаёт баргашта буд ва ниҳонӣ шодӣ мекард. «Ӯро чӣ ба ин дунё бозгардонд? Кадом қувва?»- ҳамроҳони Фаттоҳ фикр мекарданд, вале ҷавобе ёфта наметавонистанд.

Як рӯз Убайдулло ба Аҳмадхон гуфт:

- Мана, худамон, ба ёд меорем рӯзҳои пешина. Вақте ки қувват дошт, даврaҳои хунрезӣ, ки хунаш дар ҷӯш буду меҷӯшид, ба хотираш омаданду

хуни сардгаштаашро аз нав гарм карданд. Эҳтимол ҳамин бошад, сабаби аз нав зинда шуданаш.
Аҳмадхон «не» гуфт. Ӯ бовар накард.
Он шаб мардаки миранда онҳоро даъват карда гуфт, ки шаб бимонанд, рӯз ки шуд, онҳоро ҷавоб медиҳад. Вале рафтан даркор буд.
- Фаттоҳ, ҳамроҳонат гуфта буданд, ки шаб меистем, Онҳо дар шаҳр кор доштанд?
- Не гуфтанд, ман ҳам меравам,- гуфт Фаттоҳ.
- Ту як шаб бимон, бо акаат гап- гап мекунӣ,- гуфт янгааш.
Бародараш низ аз ӯ хоҳиш намуд, ки шаб бимонад. Не гуфт. Онҳо аз ҷой бархестанд. Миранда низ барои гуселашон аз ҷой бархост. Занаш ӯро коҳиш намуда гуфт:
- Нав- ку мемурдӣ, акнун як каме ҷонат монда будааст, эҳтиёташ кун. Мон, ман инҳоро то дами дарвоза мебарам.
- Мон, ман худам мебарам,- гуфт ӯ занашро нигоҳ дошта.- Инҳо, ки омаданд, ман рӯйи ҷогаҳ хестам. Пайи қадамашон муборак будааст.
Осмон ситора надошт. Дар раҳ барф намонда буд. Ҳаво гарм мешуд, онҳо палтоҳояшонро напӯшида, дар пушти нишастгоҳ чиданд. Хумори арақ намонда буд; ҳама ҳушёр буданд. Худро нафрин мекарданд, ба сустии худ лаънат мехонданд, ба иродаи Фаттоҳ низ. Бо мӯйсафед сардакак хайрухуш кардан мехостанд, вале ӯ онҳоро як- як ба оғӯш гирифта хайр мегуфт. Фаттоҳ хомӯш буд, ба гумонам андак- андак таъсири арақ аз сари ӯ мерафт.
- Онҳоро ба ин ҷо, ба хонаи бародарам, оварда, кори хубе накардам. Оре, кори хуб нашуд,- худро коҳиш мекард Фаттоҳ, ки ҳама гуфтугӯи миёни ӯву бародараш гузаштаро дар ёд дошт…

Гаҳвораву кӯдак. Пистони модару даҳони кӯдак. Шир аз даҳони кӯдак мерезад. Ӯ сер шудааст.
Кӯдаки хоб. Аллаи модар. Роҳравии кӯдак, хандаи ӯ дар хоб. Дастони модар. Ӯ бо лаби остинаш худро бод медиҳад. Рӯи кӯдак, докаи болои рӯяш мелапад. Кӯдак хоб аст. Модараш ӯро бод медиҳад, пашшаҳои сияҳ аз рӯи дока мегурезанд. Дасти модар, дастаи гаҳвора. Гаҳвора ҳамвор- ҳамвор меҷунбад. Суруди алла.
Суруди алла.
Дастони кӯдак, дастони модар. Кӯдак раҳ меравад, нахустин қадами кӯдак.
Кӯдак қадам мемонад. Роҳи пурхок аз поён ба боло. Сумка дар дасти кӯдак. Ӯ ба мактаб меравад. Роҳи мактаб. Одамон. Нигоҳи одамон. Ӯро ба мактаб мегуселонанд. Мактаб. Ӯ дар синф аст.
Занги мактаб...
Диплом…
Мошин…
Сари кӯ, кӯча, кӯчаҳо. Кампирон, занон, духтарон, дар назди ҳамаи онҳо сатилу хурмаи шир истодааст. Мошин наздик мешавад. Аз кабина ҷавонаке мебарояд. Ҳамон кӯдак акнун ҷавон шудааст. Қадбаланд, хушабрӯву хушсимо. Шӯху хушгап. Ширро андоза мекунаду дар дафтар номи соҳиби

ширро менависад. Кампири сафедкурта ва сафедрўймол, дока аст дар сари ў. Кампир бо муҳаббат аз дунболи писарак менигарад.
Сари роҳ, назди чинор, таги чинор, магазин, дар бехи чинор хараке рост кардаанд. Ду мўйсафед ва кўдаке дар паҳлуи онҳо, дар дасти кўдак анор аст. Мўйсафедон ором нишастаанд, ба омадани мошин коре надоранд. Ду духтарак аз таги тути он тарафи роҳу рў ба рўи магазин, бидонҳои шир дар даст, пеши мошин меоянд, хандонанд.
- Бимурем дар қадди хушрўи ширгир! Дер омадӣ имруз?
Ҷавон механдад.
Ширро чен мекунад, дар пеши пойи мўйсафедон саги думбуридае хобидааст. Ў мехезаду дар гирди мошин чарх мезанад, бех- бехи мошинро бў мекашад.
Ҷавон кадом як чизеро ба пеши пойи ў мепартояд. Саг онро мегираду гўшашро афшонда, аз пеши мошин дур меравад. Дар бехи беди лаби хушкрўдаки борику сафедлаб- оби ин ҷо шўр аст, гўсфанде баста шудааст. Саг ба пеши вай меравад. Гўсфанд парвое надорад, сабзаҳои бехи бедро мехояд.
Овози дарравгарон садои трактори он тарафи пуштаро пахш мекунад. Дар он ҷойҳое, ки трактор наметавонист алафашонро бидаравад, даравгарон- он касоне, ки хумори дастдарав вуҷудашонро фаро гирифтааст, сурудхонон алаф медараванд:
Чиконам чике, гул чиконам чике,
Чиконам чике, гул чиконам чике.
Резу ров ун дараке, хўроки Маҷнун вораке.
Чиконам чике, гул чиконам чик…

Суруд идома меёбад, дар фони суруд овози мошин. Чангу хоку гард аз дунболи мошин. Мошин дар кўчаҳо медавад, дар кабин ҳамон ҷавон.
Деҳае, ки ба қисматҳо ҷудо шудааст: Давлатшоҳиён, Мирашўрӣ, Сафарбоён, Чинисозон, Гузари тор, Оби ширин. Мошин дар кўчаву тангкўчаҳои ин деҳа гоҳ пайдо мешаваду гоҳ ниҳон. Осиёби крак. Кўдаке чархи аробаро боло мебарад бо азобе, арақ овардааст, сару рўяш гардолуд, нигоҳи чашмонаш қатъӣ, як ҳадафе, як нияте дар онҳо ниҳон аст. Лаҳзае офтоб дар чархи ароба дармемонад ва чарх мезанад. Чашмро хира мекунад.

Мошин давидан дорад. Ронанда ва ҷавон дукаса суруде мехонанд. Мўйсафеде, шохи говаш андармони банде, банд дар кафи даст, ба куҷое мебарояд. Мошин меистад, мўйсафед говро кашола карда, аз роҳ мегузарад, гов норизо аст. Ў бадқаҳру хашмолуд ба мошин нигоҳ мекунад, ҳатто андаке меистад. Мўйсафед ўро сахт мекашад. Гов ниҳоят аз роҳ мегузарад. Мошин боз ҳаракат мекунад. Вақти аз паҳлуи гов мегузарад, сигнал медиҳад. Гов ҳайроннамо ба тарафи дигар менигарад. Мўйсафед дар фикре ғўта задааст. Ў дар гарди мошин панаҳ мешавад. Чанг фурў мешинад. Мўйсафед, ҳамон тавре ки ўро чанг ба оғўш гирифта буд, аз миёни чанг мебарояд: на хашме дур аз ўст, на шодие, ҳеҷ чиз нест. Зоғча аз шохи тут парида, ба шонаи гов мешинад. Гов думи дарозашро мисли фалахмон тоб дода, ба сари шонааш

мефарорад. Намерасад, вале садояш зоғчаро мехўсонад. Зоғча ба ҳаво мехезад. Бол зада, аз сари тут мегузарад.

Зоғча дар болои мошин пар мезанад.

Кўдак чархи аробаро ба сари теға расондааст. Ў ба поёни теппа, ҳатто куҳ аст, нигаҳ дорад. Мехоҳад онро ба поён ҷар кунад, қафову пеш ҳаракаташ медиҳад, то шаст бигирад.
Мошин медавад, назди гурўҳи занон қарор мегирад. Ширро ба флаг мерезанд: болои мошин пур аз флагҳост.
Назди идораи ҷамоат. Девона нишастааст, қутии папиросро мехонад, одамон ўро гўш мекунанд. Хурсандона ва бо вачд мехонад. Кадоме як газетаи куҳнаро пеши ў мегузорад. Газетаро мебардорад. Хондан дорад. Газетаро чаппа доштааст; хандаи одамон. Ваҷоҳати девона. Касе ба ў қуттии гўгирдро дароз мекунад, девона қуттии гугирдро низ мехонад.
Писараке, ки чархи аробаро ба болои теғаи куҳи болои осиёби крак баровардааст, ба поён- ба деҳаву ба мардумони дар ҳар ҷо машғули гуфтугўву ҳаракат нигоҳ мекунад. Ў чархи аробаро ба тарафи осиёби крак сар медиҳад. Чархи ароба бо шаст чархида поён медавад.
Одамон ваҳшатзадаву гурезон.
Онҳо ба боло, ба шастакӣ фуромадани ин чархи ароба менигаристанд.
Чарх бошаст ба боми осиёби крак мезанад. Боми тахтагини он мешиканад, чарх ба ҳамон шаст аз бом тела хўрда ба замин мезанад. Шасташ зиёд мешавад. Дар поёни осиёби крак хонаи Муҳибуллои ланг воқеъ аст. Чарх ба боми хонаи ў мезанад. Боми хаспўши хонаи ў мешиканад. Хасу каҳдарза ва ҳезуми болохона ба ҳавлӣ пош мехўранд. Чархи ароба, ки андаке шасташ суст гаштааст, ба болои мошини ҷавон меафтад. Флагҳои шир аз борти шикастаи мошин ба замин меафтанд ва ғел хўрда, аз роҳ мебароянду дар сахраҳои соҳили дарёи тунукоб қарор мегиранд.
Флагҳои даҳанкушода. Аз даҳони бози онҳо шир ба оби дарё мерезад.
Мошин истодааст. Ронанда ва ҷавон бо ҳайрат ба флагҳои ба замин афтода ва борти шикаставу чархи аз лаби борт овезон менигаранд. Одамон ҷамъ мешаванд.
Кўдак ҳанўз ҳам аз теғаи куҳи осиёби крак ба поён нигаҳ дорад. Чун дигар чизи аҷоибе ба вуқўъ намеомад, ў аз қуллаи куҳ нишеб шуд. Сар- сари теға ба поён мефуромад.

Қимат дар бехи дарахте бо гурбачаҳо бозӣ дорад. Гурбачаҳо ҳама якхелаанд. Сиёҳ, чарсу сабук ва беқарор. Онҳо ба парандаи дар сими барқ ва шохи дарахт овезон менигаранд.
Қимат ба онҳо амалеро меомўзад: пишаки аз ҳама ҷасур ба сим часпид. Бо пою дасташ онро дошта, ба боло мебарояд минволи одам, оқибат ба паранда мерасад. Қимат хушнуд мешавад. Гурба ба парандаи мурда даҳан мезанад, дасту пояш раҳо мешаванд. Даҳонаш дар гўшти паранда андармон мешавад. Ў алвонҷ мехўрад. Баъд бо порае аз гўшти паранда ба замин меафтад. Дар

нӯги сим пойи паранда боқӣ мондааст. Овезон аст ва алвонҷ мехӯрад. Боз навбат ба пишаки дигар мерасад.
Мошин дар кӯчаҳо бо борти шикаста мегардад. Деҳаҳои Давлатшоҳиён, Мирашӯрӣ, Гузари Поён, Обдузд, Оби Ширин. Кангурт, деҳа. Он тарафи дарё. Гузари Тор, Қарақамиш, Фаҳлобод, Даҳани Намак…

Чинори пеши магазин. Хараки бехи чинор. Он холӣ аст.

Пиразанон бо бухчаҳову латтаҳои дарози сафед дар канори роҳ нишастаанд. Мошин наздик мешавад. Кампиракҳо остинҳои дарозашонро мебардоранд. Мошин меистад. Ҷавон аз мошин мебарояд ва ба лаби борт мечаспад. Кампираке дар кабин мешинад, чанде аз кампиракҳо зӯр зада, ба болои мошин мебароянд. Мошин дар ҳаракат аст. Кампиракҳо ва ҷавон дар болои мошин. Онҳо дар болои флагҳо нишастаанду дастонашон дар лаби борт ва дар тахтаи пеши мошин. Мошин дар деҳаи Оби Ширин рӯ ба боло ҳаракат дорад. Дар миёни теппаҳо печутоб хӯрда, ба боло мебарояд. Нопадид мешавад. Чанг.

Кӯдакону кампирон, мӯйсафедон, ҷавонон, ҳама дар таги чинори пеши магазин ҷамъ шудаанд. Ҷавонро падару модараш ба оғӯш мегиранд. Хоҳаронаш ва бародараш: ду бародар дорад ӯ ва се хоҳар. Бо ӯ хайрбод мегӯянд. Ҷавон ба мошин савор мешавад.
Мошин дар пеши идораи ҷамоат. Дар он ҷо чанд мошини дигар низ истодааст. Дар назди мошинҳо ҷавонони сартарошида гуфтугӯ доранд. Овозҳо, гиря, суруд, ханда. Садои рубобу дутор алоҳида- алоҳида.
Комиссари ҳарбӣ намоён мешавад. Мошинҳо ба ҳаракат медароянд, чанг мехезад. Мошинҳо аз назар ғоиб мегарданд.

Падар дар ҳота каланд мезанад, сараш латтабанд. Модар хамир дорад, дастонаш дар табақи хамир.
Кӯдаке давида медарояд. Ба онҳо бо шодӣ чизе мегӯяд.
Модар бо дастони хамиролуд ҷониби дарвоза медавад: занона, остин зада, дастонашро дар бараш шапида- шапида. Дар таги дарвоза ҷавон, дар либоси сарбозӣ, пайдо мешавад. Модар ӯро ба оғӯш мегирад.
Падар ботамкин аз ҳота мебарояд. Белро дар бехи тути назди нонхона мениҳад, латтаро аз сараш мекушояд, тоқиашро аз шохаи тут мегираду ба сараш мемонад. То ба назди нонхона расидан ӯ аз кӯтали поёни ҳота бояд боло мешуд. Ҳавливу хона болотар аз нонхона ҷойгиранд, дар поёни тут, дар сояи дарахтони ақоқиё ва бед, дар пеши хезумхона, ки хокаи ангишт ва саргини говро шӯрида тапак кардаанд, хар баста шудааст. Хар хоб асту таги сумҳояш менамояд. Хар наъл зада шудааст. Ӯ ба пеши хар як банд алафи хушк мепартояд ва баъд даст ба танаи дарахти бед ниҳода, кӯтали пеши ҳавлиро зону шикаста боло мебарояд. Дар рӯи ҳавлӣ истода, ба писараш менигарад. Падар дастонашро чун боли уқобон паҳн мекунад ва интизор мешавад.

- Ку, биё! Биё, аскар! О дина нарафта будӣ? Ду сол ду рӯз воре гузашт!
Писар худро ба оғӯши падар мепартояд, падар ӯро ба оғӯш мегирад.
- Э дар нумуш садқа, бачара! Лекин дер омадӣ!?
Писар чизе намегӯяд, фақат хандидан дорад. Модар дар гирдаш парпанак меравад. Дастонаш хамиролуд, латааш ғеҷида, ба гарданаш фуромадааст. Бо оринҷаш докаашро ба сараш мекашад. Падараш қаноатманд ба одамоне, ки аз дарвоза бо шодӣ ба сӯи писар нигоҳ карда мешитобанд, менигарад.
- Ку, биё, аскар, биё, аскар! Э дар нумаш садқа, бачара! Омада будай- да!
Баъд падару модарро муборакбодӣ мекунанд.
Гове, ки поёнтар аз хар дар дарахти зардолуи хушкида баста шуда буд, бепарво ба ҷониби одамон нигоҳ мекунад. Ӯ нухшор дорад. Хар аз ҷой мехезад, саг дар гирди одамон това мезанад.

Даруни ҳота. Дар поёнтари он, дар қарибии девор, миёни анорҳо, говеро мекушанд. Дасту пои гов баста аст. Чашмонаш сафед. Усто корди калонро ба маки гов мебарад. Як кас дар болои пойҳои гов нишастааст, дигаре дастони говро медорад. Дар дами маки гов чуқурие канда шудааст. Чуқурии тоза, хокаш ҷигарӣ, хоки замин сафедранг аст. Ин хок тира. Чанд кӯдаке дар дуру наздики гов истодаанд ва говкуширо тамошо мекунанд. Вақташ биёяд, онҳо низ гов мекушанд.
Нонхона, занон гирди суфра нишастаанд. Заволаҳоро рӯи нонтунукунак лабкаш мекунанд. Ду кас дар танури калони девории пурнақшу нигор нон мебанданд. Дар пушти нонхона тапаки гов чида шудааст. Назди дарвоза чанори бузургест. Дар таги он мардуми бисёре чамъ шудаанд: онҳо ба поён, ба деҳа, менигаранд. Мӯйсафеде- тағои Махсум, каллакалон, ришсафед, нотавон, лоғар асокашон ба назди онҳо меояд. Дандон надорад. Ба душворӣ ҳарф мезанад. Бо забонаш лабони хушкашро тар мекунад.
Онҳо бо тавозӯъ ҷониби пирамард мегарданд, тоб мехӯранд. Ҷавон бо ҳазор эҳтиром ба назди пирамард меояд ва бо тавозӯъ рӯ ба рӯи ӯ меистад. Мӯйсафед даст ба шонаи ӯ мезанад, бо ӯ вохӯрӣ мекунаду пас аз лаби бораи зери чанор ба теппаи он тарафи деҳа, ки дар соҳили рӯ ба рӯи дарё воқеъ аст, тоб мехӯрад. Дар болои он теппа се дарахте менамояд. Ҳама ҷониби он дарахтон менигаранд.
- Бобот хурсанд шуд, ки омадӣ, бобокалонат хурсанд шуд, ки омадӣ. Бахайр омадӣ, ҳар воқеае, ки дар ин хонадон рӯй бидиҳад, онҳо аз ҳамон баландӣ мебинанд!
Ҷониби қабристон, гӯри авлодони худ нигоҳ карда, даст пеши рӯ гирифта дуо мекунад.
Ҳама дастҳо пеши рӯ. Як кафи дуо дар ҳаққи гузаштагон, ки сиҳату саломат писаракро ба хонадонашон баргардониданд.

Бо табақҳои пури гӯшт мардон аз ҳота ба саҳни ҳавлӣ мебароянд. Касе онҳоро ба поёни нонхона, ба сояи тут, бармегардонад.

Дар саҳни таги тут таҳдегӣ ва ҳезум истодааст. Чор ҷавон деги чилгӯшаро бардоштаанд ва боэҳтиёт аз дарвоза медароранд. Ҷавонмарде пешопеши онҳо аз издиҳоми одамон роҳро холӣ мекунад, барои онҳо роҳ мекушояд.
Деги чилгӯшаро ба саҳни ҳавлии пеши тут медароранд. Табақҳои гӯшт дар саҳни таги тут. Мардаке занбӯрҳо ва пашаҳоро аз болои гӯшти табақҳо мегурезонад.
Ду кас флаги калони равғаниро мефароранд. Се каси дигар пиёзу сабзиро.
Таббох ба кор шурӯъ мекунад.

Саг дар поёни ҳота рӯдаву рочуки говро мехояд. Чанд саги дигар аз баландии бораҳо ба ӯ нигоҳ мекунанд. Хурӯс ва чанд мурғи дигар, ки аз сари сатил парида мефаромаданд, хӯру донаи аз шикамбаи гов баромадаро титу пареш мекарданд.

Нонҳои чапотӣ дар рӯи дастархони саҳни нонхона. Занҳо бо хандаву шӯхӣ нон мебанданд. Касе аз онҳо дар як табақи калони мисин хамир мешӯрад, пиразани бадасту панҷае ба нонҳои даруни чакдони девор намакоб мезанад. Бӯғи гарм аз чакдон берун мешавад, алови чакдонро такурӯ мекунад.
Духтарчае хурдсол пойлучу гиребонкушода ду кокулаки борикашро ба як даст гирифта, кори занонро бодиққат мушоҳида мекунад. Чашмонаш дар чакдони деворӣ қарор мегиранд. Чакдон калон аст, меҳроби масҷид барин калон аст, вале чуқуру токсурат лабони чакдонро бо гили сурх гул мондаанд. Гулҳои содаи пурпечутоб дар болои танур сурати шохи қучқорро гирифтаанд. Болои чакдон рафи зебои сафолину чӯбкоришудае дорад, тоқчаҳои хурду калоне бару дари чакдонро зеб медиҳанд. Дар онҳо ҳама асбоберо, ки дар хамиркуниву нонпазӣ истифода мешаванд, ниҳодаанд. Намакоб дар як тоқча, рафида дар як тоқча, тахтаҳои нугулчукӣ дар як тоқча, нонросткунӣ дар як тоқча, остинча дар як тоқча, мухпар дар як тоқча, кунҷит дар як тоқча, сангаки рағдӣ дар як тоқча, чӯби оташтунуккунӣ дар як тоқчаи дароз, дастрахони пашмин дар як тоқча…
Манзари зебое: оташдон сурх аст, оташ сурх аст, рӯи пиразанон ва ҷавонзанон дар оташ сурханд.

Девона дар саҳни ҳавлӣ газета мехонад.
Сарбоз дар назди ӯ истодааст: ӯро пазмон шудааст. Ҳо, ёдаш кардааст.
Хеле хушнуд аст. Сарбоз даст ба шонаи ӯ мегузорад.
Кӯдакон қаторак шуда аз ҳавлӣ мебароянд. Аз ҳама калонашон рули велосипедро ба даст гирифтааст. Дуи дигар, ки аз ҳама хурдтаранд, дар ду паҳлуи велосипед роҳ мераванд, дигар ҳама кӯдакон, пешодунбол, аз қафои онҳо дар ҳаракатанд. Дар боғоҷмони велосипед, рӯи чархи ақиб, каллаи говро бастаанд. Шохҳояш дар ду тарафи чархи велосипед, гӯшҳояш дар ду бари зин овезон. Каллаи гов хеле калон аст. Кӯдакон боэҳтиёт каллаи говро ба хонаи говкуш мебаранд. Ҳамчунин як расмест дар куҳистон. Чун говро куштанд, каллаи говро ба хонаи устои говкуш мебаранд. Почаҳояшро низ.

Пўсти говро дар канори бетонии бора, дар он ҷое, ки ҳавлӣ ногаҳонӣ бурида мешавад, намак зада паҳн густурдаанд. Думи гов дар лаби бораи бетонии ҳавлӣ овезон аст. Гурбачаҳо бо думи гов бозӣ доранд дар поёни бораи бетонӣ.

Аз кўча тележкаи пурбор мегузарад. Коҳ дорад. Коҳи зард аз борти баланди симтур тоқа- тоқа мерезад. Бо чеҳраи пур аз коҳи зард, дар болои ғарами коҳ, мардаки мошбуруте нишаста, ба олами атроф аз баландии тележка нигоҳ дорад: худбинона, баландназар, тоқии куҳнааш ба болои абрў хамидааст. Пушти сарашро хорон- хорон панҷшохи хамухез мекардаро медорад. Ҳар ду ором мегиранд, тележка мегузарад.
Одамон дар назди магазин, дар сояи чинор чизеро муҳокима мекунанд. Хеле андармони гуфтугўянд. Касе онҳоро овоз медиҳад, аз кўчае, ки ба хонаи Ҳидоят мебарад. Ҷавонмарде онҳоро садо мекунад:
- Ба хонаи Ҳидоят дароед!
- Чӣ гап?
- Писараш аз аскарӣ омадааст.
- Э наход!..
Одамон аз назди масҷиди партовӣ мегузаранд. Девори боронхўрдаи масҷид фатарот аст. Болои боми масҷидро шифер гирифтаанд: саросема, беҳавсала ва бо беэътиноӣ. Саҳни ҳавлии масҷидро шўра задаст. Панҷараи чўбини ҳавлиро алаф зер кардааст. Чапараки борики он симпеч аст. Як қулфе дар занҷири дарозе овезон.
Одамон аз назди чапараки масҷид мегузаранд. Ҳатто нигоҳе ҳам ҷониби деворҳои фатароти масҷид намеандозанд, чунки аз ин роҳ бисёрҳо гузаштаанд ва ба манзараи ҳузнангези масҷид одат кардаанд.
Равзанаи панҷарадори масҷид, дарҳои кандакории он аз сари гузар менамояд. Сутунҳои баландаш, ки нисфе аз бори боми баланди дароз бар сари онҳост, галереяе ташкил намудаанд, айвони дарози масҷид. Тарафи офтобнишини масҷидро сояи сафедорони баланд пўшидаанд. Масҷид соли 1874- ум бино ёфтааст.
Мўйсафедон ботамкин по мемонанд.
Дар интиҳои роҳ, дар баландӣ, дар сари баландӣ, дар пошнаи куҳи сабз чиноре қад афрохтааст. Аз бехи он, аз решаи он, чашмае, не, ҷўйчае башаст ба поён мешитобад ва тангкўчаи пурхокро дунима намуда, ба поён ҷорӣ мешавад. Ин ҷо роҳи борик мисли рўдхона аст. Об аз миёнаи он дар ҷараён аст. Дар таги чинор, дар сари ин сарҷўй Ҳидоятулло ва он ҷавон дар иҳотаи хешу ақрабо ва ҳамсоягон истодаанд. Даст дар пеши бар.
Мўйсафедон ба ҷониби онҳо меоянд. Пирона қадам мезананд, ўеш саллаи хурд дорад, ўеш ришашро паст қайчӣ задааст, ўеш кители обшуста дорад. Сари роҳ ба хонаи нав, ки ҳоло ба интиҳо нарасидааст ва девори гилинаш нахушкида, менигаранд.
Мегузаранд.
Хонаи духтури асал, духтури занбур- Кенҷа.
Девораш рост. Деворгари хуб аст!

Боми оғили Ҳидоят саҳни ҳавлии ўст. Хонаи ў дар камари куҳ, болотар аз ҳама хонаҳои деҳ, воқеъ гаштааст. Оғилу хонаи баланди ў зина- зина боло мерафтанд.
Бому оғил гилему намад ва қолинпўш буданд. Дастархон, меваву чева, қанду қандалот, табақҳои пургўшт, тарбузу харбуза. Аз миёни токҳо, ки аз поён то ба боми оғил кашида шуда буданд ва аз он ҷо то ба хавозаи пасттар аз боми хона бо сим оварда шуда буд, ягон- ягон шуоъҳои офтоб ба рўи харбузаи зард ва тарбузи сурх мерехт. Ангурҳои сиёҳ ва сафед дар шафати шафтолуҳои пашмаку лучак сияҳиву сафедӣ доштанд. Нури зарҳалини офтоб дар зардии харбуза ва сурхии тарбуз меомехт. Кўрпачаҳои махмалӣ, шоҳиву читу сатинӣ дар атрофи дастархони пур густурда шуда буданд. Мардону ҷавонон, пиракиҳо сари дастархон менишастанд. Дуртар кўдакону наврасони деҳа давраи алоҳида доштанд. Дуртар аз ҷавонон, дар миёнаи давра, наврасону мардони калон, ду тифлаки урён таги трусӣ дар сари табақи пургўште нишаста буданд, гўшт мехўрданд: Эраҷу Фаррух. Занбуре дар болои сари онҳо парвоз мекард. Ногаҳон дар миёни хандаи мардон овози гиряи Эраҷ баланд шуд. Ў чаҳорсола аст, аз гиристан ҳоло шарм намедорад. Ўро занбўр газида буд.
- Чӣ кор кардӣ?- пурсид ўро касе аз ҷавонон.
- Занбўр газидаш,- гуфт Фаррух, ки аз ў хурд буд.
Эрач ангушташро медошту мегирист. Фаррух механдид.
- Куҷота газид?! –пурсид падараш- Шамс, ки аз хонаи поён меомад.
Эраҷ лелаки хурдашро нишон дод.
- Не, ота, дурўғ мега, чукашро газид.
Ҳама хандиданд.
Кўдакон дар рўи замин нишаста буданд. Трусиҳояшон чити пешонакушода. Трусии Эраҷ кафида буд. Чукаш аз он баромада.

Мошини шир дар кўчаҳои Давлатшоҳиён медавад. Дар кабин ҷавон нишастааст. Либоси сарбозиро кашида. Куртаи остинкўтоҳ дорад. Сари луч.
Кампирон дар сари роҳ, духтарон ба маҳзи пайдо шудани мошин мешукуфанд, пештар аз дугонаҳояшон мегузаранду сатилҳои шири навдўшидаро пеш мениҳанд, то чашми ҷавон аввал ба онҳо биафтад.
Кампирон докаҳои сарашонро гирди даҳанашон печонида, ба омадани мошин интизор мешаванд. Чанги роҳ боло мешавад. Мошин аз гардиши роҳ, аз бехи чинори калони дигаре, ки дар сари гардиши деҳаи Чинсион қад кашидааст, намудор мешавад.

Гаражи совхоз. Ҳидоят посбони гараж аст. Ў ҳоло алафи хушкидаи гаражро медаравад. Гаражро мошинсаро гуфтан ҷоиз аст. Он ҷо мошину трактор ва бисёре аз техникаи зироату кишт ва ҳоказо нигоҳ дошта мешаванд. Ҳидоят дар сар ҳамон латтаи сафедчаро бастааст. Ба тану туш аст ў. Каллаи калоне дорад. Буруташ гард гирифтааст. Куртааш дар миёни ду шонааш арақ карда, шўра бастааст. Досаш гоҳо дар санг мезанад ва садое ҷарангосӣ мебарорад. Гоҳе дар нури офтоб медурахшад. Одамон рафтуо доранд. Аз назди гараж

мегузаранд, ба дари гараж наздик мешаванд. Ўро садо мекунанд. Таъмиргару челонгарон машғули кор.

Ҳидоят дар қаровулхона. Одамон назди ў нишастаанд: чой менўшанд ва нақли ўро мешунаванд. Ў аҷиб нақл мекунад. Худ намехандад, дигарон механданд.
- Чакмани танам бофтаи қаротегинӣ буд. Чакмани қаротегинӣ буд. Лаби доманашро ки меқапидӣ, оби борон ҷамъ мешуду ҷамъ мешуд. Худат ҳам мехўрдӣ, сер мешудӣ, аспатро ҳам об медодӣ, сероб мешуд. Ҳо, чакмани хуб буд, як чакра обро намегузаронд. Ана, дар ҳамин ҷо чакманро ба онҳо додам. Бурданд, ба саҳна баромаданд, ҷои якумро гирифтанд. Як мўкии панҷоҳу ҳашткўка доштам. Мўкиҳо чилуҳашткўка мешаванд. Ин мўкии ман панҷоҳу ду кўк дошт, паси по бахяҳои чармӣ дошт. Мўкиро ҳам додам, дар музейи мактаб. Як ҷомаи хуби беқасаб доштам. Дар танаи шаҳҳои деҳа тика шуд. Ҷомаи домодии худам буд, онро наёфтам, ки ба ҳаваскорон бидиҳам. Ҳа!
Як дасташ дар футаи миёнаш буд, дасти дигараш дар пеши рў. Онро ба футаи миёнаш андармон кард. Бе ишораи даст ҳикоят мекард. Танҳо сараш андаке хам мехўрд. Ҳама нозукии нақли ў дар оҳанги гуфтораш, дар нигоҳаш, дар ҳолати ў ва дар ваҷоҳаташ буд. Хеле ором ҳикоят мекард.

Мошин метозад. Дар кабин писари Ҳидоят. Ҳамон ҷавон.
Духтараке борику баланд дар сари роҳи мошин истодааст, дар дасташ сатили шир.
Вақти саҳар аст. Сафеддорон сояи худро дар қадди раҳ дароз андохтаанд. Мошин сояи сафедоронро бурида-бурида мегузарад. Мошин ба назди духтарак меояд. Духтарак сатили ширро ба даст мегирад. Мошин меистад. Аз кабини мошин ҷавон мефурояд, рухсораҳои духтарак лолагун аст. Ба гўшаи чашм ба писарак нигоҳ мекунад. Нигоҳаш маъние дорад. Андаке шармгин аст. Шармида лаби докаашро мемолад.

Модари ҷавон ба занаки ҳамсоя дар кадом борае гуфтугў дорад. Хеле бодиққат ба суханони ҳамсоя гўш медиҳад.
Саг ба ҷониби касе нигариста меҷакад. Саг хашмгин аст. Марди бегонае аз ҳамин роҳ мегузарад.
Модари писарак сагро бо ниҳеб наздики худ мехонад:
- А- саг! Бура хона! Хона бура, мегум!
Саг дум ликонда ба хона медарояд. Оҳиста, то ба таги дарвоза мераваду дастонашро зери фукаш ниҳода, ба тарафи роҳ чашм медўзад. Чашмонаш нимвоянд.
Хурўс дар атрофи ў, дар сояи дарвоза ва дар зери чинор дон меҷўяд.
Гурба аз боми нонхона ба дарахт мебарояд, парандагон аз шохи дарахт мепаранд ва ба тори сим менишинанд. Гурба аз миёни ду шохаи дарахт ба онҳо нигоҳ мекунад ва забон бароварда, лабонашро мелесад.
Кўдакон- Эраҷу Фаррух аз поён ба гурба ишора намуда фарёд мекунанд:
- Пиш- пиш! Пиш- пиш!

Эраҷ сангеро гирифта, ба ҷониби гурба ҳаво медиҳад.
Санг ба боми нонхона меафтад.
Кӯдакон ба якдигар дармеафтанд, гӯштин мегиранд. Гӯштингирии онҳо ба афту дарафт мепечад.
Модари ҷавон аз назди занаки ҳамсоя ба тарафи онҳо медавад ва онҳоро ба ситеза аз ҳамдигар ҷудо менамояд.
Занаки ҳамсоя механдад. Як дандонаш- дандони пешаш ғалтидааст. Вақте модари ҷавон ба тарафи вай мегардад, ӯ даҳонашро бо латтаи сараш панаҳ мекунад.

Тӯйи арӯсӣ. Модари ҷавон рақс дорад. Ӯ остин афшонда, дастак зада мерақсад. Ҷавонмардон падари ҷавонро ба рақс мекашанд. Ӯ ба миёни давра медарояд. Дастонашро паҳн мекунад. Ангуштони дасти чапаш буридаанд. Андеша ва шодӣ бо ҳам омехта. Як ҳолати аҷибе, гӯё аз тӯй хурсанд нест, вале рақс мекунад: рақси мардона, тоҷикона. Телпакашро ба рӯи чашмонаш мефарорад, гирди занакаш парпанак меравад, қанот мекашад. Занак остин меафшонад, дастак мезанад, китфак мезанад. Ҷавонон бо шодӣ ба онҳо менигаранд. Ҳама хурсандӣ доранд.
Мӯйсафеде дар давра пайдо мешавад. Ӯ дастонашро баланд мебардорад ва рақс мекунад. Рақси зебое. Ҳама мафтун ба рақсаш менигаранд. Давра торафт васеъ мешавад.
Ҷавонон мерақсанд. Рақсҳои ҳозиразамон.
Ҷавон дар паҳлуи арӯсаш. Ҳамон духтараке, ки ҳамеша дар сари роҳ танҳо меистоду ӯро интизор мешуд, дар либоси арӯсӣ дар паҳлуи ӯ истодааст. Ҷавон шод аст.

Гаражи колхоз. Ҳидоятулло. Рӯи нимкат каҷпаҳлу задаст. Чанд одаме, ки наздаш омадаанд, ӯро мешунаванд. Ӯ аз қиссаҳои ҷангии худ ҳикоят мекунад. Хеле орому батамкин аст. Ниҳоят барои қиссаҳои дарози худ шунавандаҳои муфт пайдо кардааст. То омадани механик онҳо дар назди ӯ хоҳанд буд, онҳо бодиққат ӯро мешунаванд…

Чиконам чике, гул чиконам чик,
Резу ров ун дараке,
Хӯроки Мачнун вораке.
Чиконам чике, гул чиконам чик.

Даравгарон мандоғ мехонанд. Айни дарави гандум ва захираи коҳу алаф. Аз он баландие, ки мардум дарав доранд, ҳамин Гузари Тор, гаражи совхоз менамояд. Гараж қариб холӣ аст. Касе наменамояд. Дар ҳавлии гараж хари сиёҳи Ҳидоятулло мечарад.
Болотар аз даравгарон, дар ҳамворӣ, комбайнҳо гандум медараванд. Мошинҳо бо бортҳои баланд дум- думи комбайн мегарданд.
Тележкаҳои бисёре дар дашт, дар назди шолаи каҳ, истодаанд. Одамон дар тележкаҳо каҳ бор мекунанд.

Ҷавон дар назди талежка бо чанд ҳамсоли худ ва як мардаки ришдор бо панҷшоха каҳ туп мекунанд. Каҳро ба тележка бор мекунанд.
Чошт. Ҳама машғули кор.
Аз ҳамин Гузари тор овози мандоғхонҳо меояд.
Ҷавон ба тарафи онҳо менигарад. Онҳое, ки дар Гузари тор, дар ҳамин ҷо, дарав мекунанд, наменамоянд. Вале онони дигаре, ки дар пушти Оби Ширин, дар болои ин деҳаи ҳамсояи онҳо медараванд ва сари овози мандоғхонҳои деҳаи Гузари торро мегиранд, намоёнанд. Аз болои Обдузд як гурӯҳи дигар низ мандоғро такрор мекунанд. Онҳо низ базӯр ба чашм мерасанд. Дар миёнаи хамие, ки онҳо гандум медараванд, дарахти дулона қад кашидааст. Дар шохаи ин дарахти пастак кадуҳои бисёр ва се салла овехта шудаанд.
Гарди тунуке аз даравҷо мехезад.
Осмон абре надорад, ҳаво соф аст. Офтоб тафсон. Одамон арақ кардаанд. Пешонаашон медурахшад, хеле арақ кардаанд. Куртаҳояшон дар арақ тар.

Шом. Мошин дар кӯчаҳо медавад. Дар кабин ҳамон ҷавон. Шир ҷамъ мекунад. Кампирон дар сари роҳ. Мӯйсафедон говҳои худро аз ялангиҳо кӯтал карда, ба поён мефароранд.
Кӯдакону занон ва мардон ба сари пода баромадаанд. Бузу гӯсфандони худро аз пода ҷудо карда, ба хонаҳои худ раҳнамоӣ мекунанд. Чанги пода роҳро мегирад. Масҷид дар чанг гум мешавад. Аз ин тангкӯчаи пиёдараҳаи пеши масҷид мошин мегузарад.
Хонаи Ҳидоятулло дар интиҳои ҳамин роҳ аст. Чанг хонаи ӯро мепӯшонад. Чинори пеши дарвозаи ӯ болотар аз ҳамаи ин чангҳост. Дар ин шоми нимторики пурчанг ҳама деҳахоро чанг пӯшонидааст ва нонхонаи Ҳидоятулло берун аз ин чангу гард, баландтар аз он истодааст.
Ҷавон аз мошин мефурояд. Бо ронанда хайрухуш мекунад ва ҷониби ҳамин хона меравад. Дар кӯтали хонаи онҳо мошин намебарояд. Наметавонад.
Чанги пода оҳиста- оҳиста паст мешавад.
Деҳаи Давлатшоҳиён дар шом. Масҷиди партовӣ. Болорҳои кандакоришудаи он. Сафедорон. Зардии офтоб, ки баъди ғуруб дар уфуқ боқӣ мондааст, аз миёни сафедорон бо зебоӣ ҷилва мекунад.
Ҷавон ба ҳавлӣ медарояд, ӯро дар кати ҳавлии рӯи боми оғил интизоранд. Ӯ ба сари дастархон мешинад. Хандаи ӯ. Хандаи падару модар. Кӯдакон. Хоҳару бародарони калонаш, ки аз хонаҳои худ ба дидани падарашон омадаанд.
Арӯси ҷавон чой меорад. Ӯ оҳиста роҳ меравад. Ҳомила аст. Хеле арӯси зебо мебошад.

Кӯтали поёни чинор.
Ҳидоятулло гаҳвора бардошта меорад ва хар аз дунболаш ҳаракат дорад. Зӯри хар ба кӯталбароӣ намерасад. Ҳидоятулло одами вазнин аст. Бузургҷусса, паҳлавон. Хар дар пеши ӯ ниҳоят хутик воре менамояд. Гаҳвораи зеборо сари даст бардоштааст.

Кӯдаке балони мошинро ба теғаи кӯталкуҳ мебарорад.
Аз баландии куҳ, аз нуқтаи баландтарини он, ба поён менигарад. Осиёби крак. Хонаи Муҳибулло. Хонаи тағоии Махсум. Хонаи Ҳидоятулло. Танҳо бомаш ва ҳаётааш менамоянд, ҳавлиаш аз назар пинҳон аст. Дигар чинори пеши магазин менамояд. Боми масҷид менамояд. Рӯи дигар ҳавлиҳоро, боми дигар хонаҳоро дарахтони баланд пӯшонидаанд. Кӯдак ҳеҷ кадоми ин ҳавлиҳоро намедид. Дуртар дарё ҷорӣ буд. Дарё тунукоб, борик, пурпечутоб. Дар он тарафи дунё куҳи пасте. Дар болои он куҳи паст ҳамвориҳои бепоён буд. Қабристони деҳаи Давлатшоҳиён дар фарози он куҳ воқеъ аст. Мазори Ҳоҷӣ Ҳусайн низ дар он ҷоест, ки аз ин ҷо наменамояд. Чизе, ки ба хубӣ менамояд, мазору мақбараи Мавлавӣ аст.
Кӯдак чархи мошинро маҳкам доштааст. Чашмонаш дар поён…

Хонаи Ҳидоятулло. Гаҳворабандон. Модари ҷавон дар иҳотаи занон кӯдакро ба гаҳвора мебандад. Арӯс бо чашмони хандон кӯдакашро ба ихтиёри хушдоманаш вогузоштааст ва худ дар қатори занон расми гаҳворабандонро тамошо мекунад.
Як занак дойра мезанад. Касе аз духтарон- арӯсон рақс мекунад.

Мошини шир дар назди дарвозае, ки сурати кабкро баробари модагов калон кашидаанд, қарор мегирад ва сигнал мезанад. Дар болои мошин як дарза ҷоруб баста шудааст. Мӯйсафеде мебарояд аз дарвоза, пир, фартут, яктаҳу тоқӣ дорад, бесаллаву бефутаву беасо. Ҷавон- писари Ҳидоятулло дарзаи ҷорубро ба ӯ медиҳад. Мӯйсафед хурсанд аст, ӯро таҳсин мекунад. Дарзаро ба қадди дарвоза рост ниҳода, дастонашро барои дуо мебардорад:
- Илоҳим хор нашавӣ!
Мошин бо суръати баланд аз назди идораи совхоз мегузарад.

Баҳор.
Хами Ғулом ва хами болои хонаи Ҳидоятулло каб- кабуд аст. Лолаҳо шукуфта. Бузу бузғолаҳо даводав доранд. Баррачаҳои ширмаст аз теғаи куҳи болои хонаи Ҳидоятулло медаванд. Аспи сиёҳе дар беди назди оғили пеши дарвозаи Ҳидоятулло баста шудааст: қантар аст. Дум мезанад, ёл меафшонад. Зини зебое дар пушташ, лаҷомаш дар қоши зин. Хурҷин надорад. Қамчин нест. Девори похсагӣ кафида аст, тарқишҳои дарозу борике дорад. Занбӯрҳо дар ковокии болои сари асп хона доранд. Қад- қадди бед, ки асп дар шохаи поёни он қантар аст, мурчагон медаванд. Хеле бисёранд: мисли ришгаи сиёҳ корвони мурчагон қад- қадди танаи дарахт тӯл кашидаанд.
Кӯдакон, ходаи борику дарозе дар даст, назди девор пайдо мешаванд. Бо хода ҳелчаи занбӯрро мекобанд. Занбӯрҳо мехезанд. Гизала мешаванд. Кӯдакон мегурезанд. Занбӯрхо ба асп дармеафтанд. Асп бепарво истодааст, танҳо гоҳ- гоҳе ёл меафшонад, то аз гиззасти занбурон халос шавад, онҳоро аз сару гардани худ бигурезонад.

Як села занбўр ба таги шиками ў мефароянд. Ногаҳон асп ҳалосак мезанаду ҷуфтак мепарад. Девонавор худро ба ҳар тараф мезанад. Банд меканад ё шохи бед мешиканад. Асп дар хами пеши хона рўпоён мешавад. Мегурезад. Ногаҳон Ҳидоятулло ва меҳмон давида аз дарвоза мебароянд. Онҳо садои суми аспи даргурезро шунида, аз хона баромаданд. Ўро дунболагирӣ мекунанд, аз сари сафили пастак, ки дар гирди чанд бехи ниҳоли лаби ҷўйбори поёнӣ бораи рост гирифтаанд, мепаранд. Вале асп дар гардиши хонаи нави Кенҷа панаҳ мешавад.
- Аспа бигирен, пеши роҳи аспа бигирен!– нидо мекунад Ҳидоятулло.

Кўдак чархи мошинро сар- сари теға боло мебарад, ғелонида- ғелонида боло мебарорад. То сари теғаи қуллаи куҳ андаке роҳи дигар мондааст. Ў саросема нест, чархи худро ў ҳам бо тамкину бо бурдборӣ мебарад. Ба ягон сўе нигоҳ намекунад. Хеле бодиққат пеши пояшро ва балони мошинро нигоҳ мекунад. То сари қулла як қадами дигар мондааст. Ў ба поён менигарад. Аспе дартоз аз миёни тангкўчаҳои деҳа медавад. Замин нам аст, чанг аз зери суми асп намехезад.
Кўдак ба нўги қулла мерасад.
Асп дар майдони поёни осиёби крак медавад, чарх мезанад, рикобҳо ба паҳлуи ў бармехўранд. Садои суми асп то ба гўши писарак мерасад. Ба гумони кўдак дар саросари деҳа садои пои аспу шиҳаи ў шунида мешавад.
Кўдак балонро пасу пеш тела медиҳад ва башаст онро ба поён ҷар мекунад.
Балон бо шаст ба поён меравад, садои пурваҳшате дорад ҷаршавии чархи мошин. Ҷаҳида- ҷаҳида ба осиёби крак наздик мешавад.
Кўдак бе ҳеҷ рағбат ба чархи давону равон менигарад.
Балон дар сахраи азими болои осиёб ба шаст мезанад ба маҳзе, ки аз болои осиёб мепараду ба замин мезанад. Асп, ки дар қарибии осиёб медавид, чароғак мешавад, сари ду по рост мешавад, тур гирифта, тарс хўрда, дар лаҳзае девонавор худро ба тангкўчаи поёни осиёб мезанаду мегурезад. Балон ба дунболи ў медавад. Ҷар мешавад, қариб ки ба асп мерасад. Асп ва балон аз қафои асп дар тангкўча медаванд.
Одамони парешон, кўдакони тарсхўрда, сагони ваҳшатзада ва аз сари тарс меҷакида кўчаҳои деҳаро пур мекунанд. Аз ҳар куҷое садои даводави одамон, ниҳеби мардон, ҳаёҳуи кўдакон, доду войи пиразанон бо садои суми асп ва чархзании девонавори чархи мошин баланд шуда, ба ҳам меомезанд.

Дарёи тундоби камумқ. Соҳили чапи дарёи пўё тунук ва намаколуди сафед аст. Ҳошияи сабзе, ки аз ҷомаҳои ғук дорад, дар сахраҳои бешумори соҳил часпидааст. Қадамаке даҳ дуртар дар сояи сияҳбедҳо мурдоб аст; як ҳавз оби тираи сокити бадбўи гарм. Кафлесакҳои бисёре дорад он. Он сўи наҳр, самти чапи рўдхонаи пур аз санг. Ин қисмати рўдхона танҳо баҳорон пуроб мешавад. Аз ин самт то ба самти рўдхона, ки пояи куҳ аст, сангҳову сахраҳо зери об мешаванд, наҳри пурғиреви пўё онҳоро ғелонида поён мебарад, ё агар об сел бошад, сангҳои дигареро ба тозагӣ бар сари ин сангҳо мезанад.

Пирамарде дар дарё харашро об медиҳад.
Ӯ аз канори дарё, аз роҳи канори дарё даргузар аст. Дар кадом як фикре ғӯтавар аст. Чашмаш дар ёли хар, ҳушаш дар ҷои дигар. Қоматаш хамида, асояш зери ронаш. Хар хаста ва монда аст.
Ногаҳ чархи мошин башаст аз таги фуки хар мепарад ва ба дарё меравад. Пирамард парешон мешавад ва саросема ба чор тараф чашм медавонад. Садои суми асп аз пушти ӯ баланд мешавад.
Асп. Аспи сиёҳ, ҳамоне ки аз пеши хонаи Ҳидоятулло гурехта буд ва аз чархи мошин, ки писарак аз нӯги куҳи болои хонаи Ҳидоят дар самти осиёби крак ҷар намуда буд, тур гирифта, то ҳол медавид. Касе аз дунболи аспи сиёҳ асп мемонд. Асп ба ӯ расидагирӣ намекард. Гирудор дар майдони назди дарё. Гирудор дар рӯдхонаи камоб.
Ҳамон ҷавон пайдо мешавад. Ӯ аз мошин фуромадааст ва пиёда ба тарафи наҳр меравад, наҳр камоб аст. Не, камоб нест; баҳор бояд бошад, дар баҳор ин рӯдхона пур аз об аст, то ҳадде, ки сангҳояш ғӯта хӯрда, ба пойин меғеланд.
Ҷавон ба дарахт мебарояд.
Одамон аспро пешодунбол ба тарафи он тангие, ки аз таги дарахт мегузарад, меронанд. Ва маҳзи ин ки асп ба зери дарахт мерасад, ҷавон худро ба болои зин мепартояд ва сахт гардани аспро оғӯш мекунаду аз ёли асп мегазад, бо пояш синаи аспро оғӯш мекунад, то фурӯ нағалтад.
Асп ва ҷавон дар тори асп аз тангкӯчаи пеши оғил ва сипас аз тангкӯчаи пушти масҷиди партовӣ мегузаранд.
Одамон бо ҳавас ба ҷавон менигаранд.
Ӯ дар болои асп шоҳона нишастааст.

Ҳаво абр, борон мерезад. Ҳавои Далатшоҳиён абр асту борон меборад. Мошин дар роҳҳои пурпечутоби болои Оби Ширин боло мебарояд. Гоҳ пайдо мешаваду гоҳ аз назар ниҳон мегардад.
Ҷавон ба маркази район шир мебарад. Ӯ дар паҳлуи ронанда нишастааст.
Район, маркази район. Хонаи пастак дар оғози шаҳрак ва сипас ду бинои дуошёна аз пеш намудор мегардад. Мошин дар кӯчаҳои шаҳрак, дар миёни хонаҳои баланду паст дар ҳаракат аст.
Пункти ширгирӣ. Онҳо ширро месупоранд.
Ду мошин. Яке зарду дигаре хокистарӣ ва дар паҳлуи дамидаи мошини хокистарӣ «Шир» навишта шудааст.
Мошини нав аст он.
- Дар ҳамон мошине мешинам, ки нав ҳаст,- мегӯяд ҷавон ва дар паҳлуи ронандаи мошини хокистарӣ мешинад.

Мошинҳо аз нав дартоз мешаванд. Мошини нав пешопеш ва мошини куҳна аз қафо ҳаракат доранд. Оромӣ. Ронандаи мошини куҳна суруд мехонад. Аз назди садае мегузаранд. Мошини куҳна майли гузаштан дорад. Суръаташ батадриҷ меафзояд.
Баъдтар аз мошини нав мегузарад. Дар хами деҳаи Девона нопадид мешавад.

Хамгашти танге.
Мошини нав суръати баланд дорад.
- Худта парто, ки мошин рафт!- хитоб мекунад ронанда.
Ҷавон бо чашми пурҳайрат ба ронанда менигарад, вале худро аз мошин намепартояд.
Мошин бо қафо, ба дара, меравад. Фукаш дар осмон лаҳзае меистад. Ронанда ва ҷавон бо ваҳшат ба ҳамдигар менигаранд.
Мошин боз ба сар меравад ва се даъфа чаппагардон мешавад.
Поёни дара.
Мошин чаппа шудааст.
Ҷавон рӯ ба боло хобидааст. Аз даҳони вои ширдони мошин қатраҳои шир ба рӯи ӯ мечаканд. Аз бинӣ ва ҳам аз даҳони ҷавон хун метаровад. Хуну шир бо ҳам меомезанд.

Ҳидоятулло дар гараж. Хари сиёҳи ӯ дар таги нигаси гараж, дар пеши трактори баланде сархам истодааст.
Ҳидоятулло низ дар таги нигаси қаровулхона гап медиҳад. Харидороне, ки аз магазин баромадаанд, дар пеши ӯ нишастаанд, дастонаш дар коғазпечҳои калон:
- Ғӯлака гирифтуму бо кулӯлаи чормағз задум дар пешонии занак. Занак набуд, кампир буд. Сахт азобмон дода буд. Сарашро қафонокӣ дар девор пайи ҳам чанд бор ҷиқиду баракӣ рафт, зад дар замин ва тунук шуд. Гурехтем…
Одамон механдиданд.

Чанд одаме дар лойи хамгашти дара лағжида-лағжида поён мефуроянд.
Онҳо ба сари ҷавон меоянд. Сарашро боэҳтиёт мебардоранд. Ӯ чашмонашро мекушояд. Чизе гуфтан мехоҳад. Ё ин дар назари одамон метобад, вале дар гулӯяш чизе хир-хир мекунаду халос. Дигар садое намебарорад. Аз гӯшаш хун метаровад. Биниашро маҳкам карданд, аз даҳонаш хун сар кард, биниашро кушоданд.
Ҷавон оҳиста ҷон дод.
Рафтанд пеши дари шофир. Ӯро бардошта фуровардани шуданд, худаш фуруд омад, бо кӯмаки одамон. Аз мошин фуромаду гуфт:
- Ҳамроҳам чӣ хел аст?!
- Ҳамроҳат хуб аст, каме лат хӯрдааст,- гуфтанд ба мулоиматӣ.
Шофир оҳиста ба мошин нишасту тунук шуд: беҳуш гашта буд.
Мошинҳо дар баландӣ, дар канори роҳ, қарор мегирифтанд. Одамон ба поён мефуромаданд: лағжида, ғелида, шиму мӯзаҳояшон гилолуд буд. Як пирамард ҷелакашро кашиду рӯи ҷавонро пӯшонд ва ба замин нишасту дар болои сараш даст ба дуо бардошт, одамони дигар низ пешу қафо нишастанд.

Шамс, бародари ҷавон, дар матбаа кор мекунад, ӯ машғули кор аст. Саҳифа мебандад, устои смена аст. Ҳам ҳуруф мечинад, ҳам саҳифабандӣ мекунад ва ҳоказо. Ӯ ҳоло сари верстка кор мекунад.

Пирамард дастонашро ба рӯй кашид. Мардуми дигар низ даст ба рӯй кашиданд, дар пайравии пирамард. Дуо ба поён расид. Шофири беёдро бардоштанд, чоркаса лағжидаву афтида ба боло баровардand Борон қатъ ёфта буд, абрҳо пароканда мешуданд, болои деҳаи Девона, ки одамон аз ҳавлиҳо баромада медавиданд, равшан мешуд.
Чанд ҷавонмарду чанд пирамард гирди ҷасади ҷавон нишаста буданд

Мошине дар назди гараж, не, не, каме дуртар аз дарвозаи гараж, дар пешорӯи магазин истод ва аз он марде фуруд омад, шитоб мекард, вале ба маҳзи ин ки пояш ба замин расид, ногаҳон истоду андаке фикр кард сари кадом масъалае, ки ӯро дудила медошт. Дудилагиш барҳам хӯрд, ба ҷониби дарвозаи гараж қадам зад: бешитоб, бепарешонӣ. Парешонии пешинаро аз рӯяш, аз рафтораш барандохта буд, хеле ором роҳ мерафт
Ҳидоятулло гарм чизеро нақл мекард, самовари хурдакаке, ки дар рӯйи мизи қаровулхона ҳамеша дар ҷӯш буд, ҳавл мебаровард, аз пиёлаи дасти пирамарди пеши Ҳидоятулло низ ҳавли гарме мебаромад кабуд. Мардак ба назди Ҳидоятулло омад. Ҳидоятулло ӯро пеши худ хонд ва аз ҷояш нимхез шуд ё нашуд, ки мардак дар пешаш нишаст ва аз дасти баҳри салом ба ӯ дарозкардааш гирифт ва ҳолпурсиаш кард. Чойи пеши худ гузоштаи соҳиби қаровулхонаро низ гирифта, як қулт нӯшиду пиёларо ба ҷояш ниҳода, бо тамкину осудагӣ гуфт:
- Як мошин дар ҳамин наздикӣ чаппа шудааст. Одамони дарунаш дар касалхона.
- Тинҷӣ будааст охир,- пурсид Ҳидоятулло.
- Ҳо, тинҷӣ!- ҷавоб дод мардак.- Ҳоло акнун дар касалхонаанд.
- Чӣ хел мошин будааст?- пурсид Ҳидоятулло.
- Мошини ҳамин район,- ҷавоб дод мардак
- Не, наход? Аз кадом совхоз?– пурсид пирамарде, ки дар паҳлуи Ҳидоятулло, рӯи кат, нишаста буд.
- Ба гумонам, аз ҳамин совхоз буд!- гуфт мардак.
Ӯ бисёр мекӯшид, ки ором ҳарф бизанад ва муваффақ ҳам мешуд.
Ҳидоятулло як такон хурду нимхез шуд дар рӯи нимкат.
- Чӣ хел мошин!?- пурсид ӯ.
- Мошини хокистарии нав, – гуфт мардак.
- Не, писари ман дар мошини куҳна рафта буд,- гуфт ӯ ва боз каҷпаҳлу зад. Вале оромиаш рафта буд. Изтироб дошт, пиёлаи дасташ меларзид, ки чанд қатраи чой ба рӯи гилем чакид. Ӯ пиёларо ба рӯи гилем ниҳод.
Мошини зард дар паҳлуи магазин истода буд
Ҳидоятулло бархосту тарафи магазин нигоҳ кард. Шофири мошини зард дар он ҷо буд, вале писарашро намедид.
Ба тарафи магазин рафт.
Мардак аз пиёлаи чой чашм намеканд.
- Тинҷӣ аст, охир, э, мардак!- пурсиданд аз ӯ.

- Не, тинҷӣ нест, мардака танҳо намонед. Ман ӯро ба марказ мебарам, ягон нафаратон ҳамроҳаш биёед.
Одамон хомӯш ба ин мардак нигоҳ мекарданд.
Ҳидоятулло дар пеши мошини зард истода буд.
Халил ку!? – пурсид ӯ аз шофири мошини зард.
- Ҳозир миёян, ӯ дар мошини нав нишаст. Ман дар гардиши Чилча аз онҳо гузаштам.
Ҳидоят панҷаи беангушташро ба футааш ниҳоду ба одамон нигоҳ кард. Онҳо ҳоло аз воқеа бехабар буданд. Ӯ ба қаровулхона баргашт.
Ҳой ҷӯра, мошини дигар бигирам ё худат мебарӣ?
- Мебарам, ака!
Мошин ба ҳаракат даромад. Чанд каси дигар, ки дар болои мошин нишаста буданд, пушт ба шамол гардонда, гиребонашонро медоштанд.

Дар ҳавлии Ҳидоят мардуми деҳа ҷамъ омаданд, мисле ки дар тӯйи писараш ҷамъ омада буданд.
Ҳидоятулло ҳамон вазъеро дорад, ки дар рӯзи тӯйи писараш дошт.
Модари ҷавон, мисле ки дар рӯзи тӯй, ҳангоми рақсаш, дастак мезаду остин меафшонд, дастак мезанаду остин меафшонад. Ин ҷо фақат як фарқе ҳаст: ҳама воқеаҳо беовоз ва ниҳоят пасту суст мегузаранд.
Чанд кампиру ҷавонзан ва ду- се духтар, ҳамчунин, хоҳарони ҷавон назди ҷасади ӯ нишастаанд. Кампирону ҷавонзанҳо мисли модари марҳум дастак мезананду остин меафшонанд.
Ҷавон, ки Халил ном дошт, дар рӯи тахт хоб аст. Чашмонаш пӯшида, дар сараш тоқӣ, манаҳаш баста. Ҳолати хеле ҳузноваре.
Ҳидоят дар миёни ҳавлӣ, дар иҳотаи мардуми деҳа, ҳаракат дорад ва ҳарфҳои парешон мезанад:
- Ман ҳеҷ камбуд надорам! Ягон камбуд надоштам.
- Ба ман дигар на пул даркор асту на… Пул даркор? Марҳамат, ман медиҳам! Занак, калиди сандуқ дар кадом кисаам буд?
Ӯ ба ковтукови кисаҳояш мепардозад.
Касе аз мардони ҳамсоли ӯ ба наздаш омада, даст ба китфи ӯ ниҳоду гуфт:
- Худатро ба даст бигир, Ҳидоятулло!
- Ман дигар чӣ кор кунам? Хайр, бигӯед, ёру дусто! Ман чӣ кор кунам!?- нидо кард Ҳидоятулло ва якбора хомӯш шуду пеши чинор рафт ва пушт ба чинор доду нишаст. Ба чанор такя зад. Телпакашро, ки ба болои абрӯвонаш фуромада буд, пас заду пешонаашро урён кард ва дастонашро ба пешонааш заду сарашро дар болои зонуҳояш гузошт.
Кулчаи зонуяшро сахт газид.
Тағои Махсум пешаш омада, бо ниҳеб гуфт:
- Э мардак, дар авлоди мо ин хел марди суст набуд. Шармандаамон накун! Мард шав!- ва ба маҳзи ин ки Ҳидоят аз ҷояш бархост, то пеши тағояш сустии худро нишон надиҳад, тағои Махсум аз хастагии зиёд ва вомондагӣ ба чинор такя кард.

Чинор хеле бузург буд, пирамарди лоғари ғамзада шохаи як замон хушкидаи ӯ барин менамуд, ки ногаҳон дар асари шамоли тунде бар бехи он афтодааст Чинор хеле бузург буд. Ва сиёҳу тира менамуд, ҳарчанд сабз буд, сабзи тирафом.

Ҳидоят аз оғил говеро баровард. Модагов буд он.
Модагов бо сари хам аз дунболи Ҳидоят мерафт. Саркашӣ надошт. Танҳо аз зери чашм ба одамон нигоҳ мекард. Не, наметарсид, намехӯсид аз ин одамони бисёр. Онҳоро дар рӯйи ҳавлӣ чандин бор дидаасту мешиносадашон. Говҳояшонро мешиносад, ҳар рӯз ба сари пода мебароянд. Подабонӣ кардаанд. Охир, дар ин деҳа подаро навбатакӣ мепоянд. Як рӯз ин, як рӯз он. Ҳамаи онҳо гов доранд. Ягон рӯз гови онҳоро низ ҳамин тавр аз оғил мебароранд, аз миёни одамон мегузаронанд ва ба поёни ҳаёта, ба он ҷое мебаранд, ки дар тӯли ин солҳо чанд говро бурданду баъд гӯшташонро дар табақҳо гузошта, ба ошхона даровардаанд. Ӯ аз дари кушодаи оғил медид, ки чи гуна дасту пойи говро мебанданд ва баъд меафтонандашу қассоб, ҳо, он мардаке, ки дар пеши сияҳбед истодааст, ду ангушти ғафсашро ба бинии гов меандозад, сарашро боло мекунад ва теғи калони дурахшонро ба маки гов мебарад. Ҳамеша дар ин мавридҳо хурсандӣ мекарданду имрӯз хафаву андӯҳгинанд. Халил мурдааст. Ӯ Халилро дӯст медошт. Аҷаб чавоне буд: субҳако ба пода ӯ мебурдаш, шомгоҳон дар сари роҳи пода ӯ мепоидаш, ба хона меовардаш, ба оғил мебурдаш, зимистонҳо ӯ обу алафаш медод. Дар ин хона ӯ аз ҳама хандонрӯ буд. Ҳо, ин хона то имрӯз ғами бузургро надида буд. Ва ӯ ҳам- ин гови пир ин қадар дилсард нагашта буд. Мурдани бобои Халил-падари Ҳидоятро ёд дорад: пирамард наваду ду сол дошт. Ҳо, аз ҳамон дари фарсудаи дутабақа медаромад ба ин ҳаёта. Он вақт ин хонаҳо набуданд. Ҳидоятулло низ дар хонаи ӯ, дар хонаи мӯйсафед, зиндагӣ мекард. Он вақт ин гов гӯсолачае буду Халил тифлаки ҳафтсолае. Пирамард дар ин ҳаёта аз субх то шом кор мекард. Ҳо ҳамин дарахтро ва ҳо ҳамон анорҳоро ӯ шинондааст, себи биҳӣ низ дастниҳоли ӯст.
Ҳидоятулло говро аз пеши нонхона гузаронд ва аз бораи лағжонак фуроварда, дар назди сияҳбед ба дасти Шарифи қассоб супурдаш.
Гови пир оҳиста- оҳиста аз дунболи Шарифи қассоб ба поён мехамбид.

Рӯзе, ки мӯйсафед вафот кард, зимистон буду барфбод. Сиву якуми декабри соли ҳазору нуҳсаду шастунуҳум аз дунё гузашт. Якуми январи соли ҳазору нуҳсаду ҳафтод ба он дунё бурдандаш, он дунё ҳеҷ дур набуд. Вакти аз бораи пеши нонхона мефуромад, чашмаш ба он дунё бархӯрд: қабристони сари пушта аз рӯи ҳавлӣ ва аз сари бора низ намён буд, вале пирамард дигар аз он ҷо барнагашт. Ҷанозаи пирамард тӯй барин гузашт, одамон баланд ҳарф мезаданд. Гирумонашон озоду бо сарбаландӣ сурат мегирифт, занон овоз меандохтанд: чун қарз, чун гиряи арӯс садо медод гиряашон, бе алам, маҳин, ба сони гиряи модари арӯс ё ҳар модаре садо медиҳад, ки касеро аз наздиконаш ё фарзандонаш ба ҷои бегона, ё ба ҷои дигаре, ки дур асту ноумедӣ ва андӯҳи гарон надорад, гусел мекунад.

Вале имрӯз рӯзест тамоман дигар. Пиргов ба маҳзе, ки аз таги сияҳбед мегузашт, дар санги пошӯӣ (ин ҷо пирамард таҳорат мекарду ҳоло санги пошӯии Ҳидоятулло аст, гоҳ-гоҳе духтарони Ҳидоят кафи пояшонро дар ин санг мешаканду покиза мекунанд) пешпо хӯрда, ба сар рафт. Хайрият, наафтид. «Ҳа, ҷонвар, метарсӣ, пойҳоят суст шудаанд?»- гуфт қассоб. Дар байни футааш яккакорд дар ғилоф буду меҷунбид дар бари ронаш. Ана, дар ҳамин вақт чашми гови пир ба арӯс афтод. Ҳанӯз номашро намегирифтанд, арӯси якунимсола буду нав як фарзанд дошт. «Арӯс»-аш мегуфтанду бас. Ҳоло ӯ гиряро ёд нагирифта буд. Наметавонист «хонамой» бигӯяд, ҳо, ёд нагирифта буд. Ин занакҳо солҳои дароз хонадор буданд, фарзанд калон кардаанд, фарзанд гӯронидаанд. Овозашон пухтааст, маҳину равон мегирянд, ба оҳанге навҳа мекунанд, ки ба ҷигарҳо мешинад, ҷигарро, дилро мешикофад. Суханонашон низ ба равиши гиряашон, гӯё суруди мотамӣ мехонанд. Арӯс нуздаҳунимсола аст. Ӯ дастонашро ба торбанди симини болои сараш ниҳода, бо як ҳолати тараҳҳумоваре худро овезон кардаасту пешу қафо меравад, гӯё дастонаш дар торбанд баста шуда буданд. Ҳомила аст. Фарзанди дувум дар қаддаш. Ҳайрон аст. Бо шигифтӣ чашм ба чашмони модагов мениҳад ва ногаҳонӣ, ғайриихтиёр, нобаҳангом, фиғоне аз дилаш мебарояд. Мардҳо якбора ба тарафи ӯ нигоҳ карданд Хеле вақте нагузашта буд, ки онҳо мегуфтанд: бечора азоб мекашад, дарун медарояд, то ки бигиряду андаке сабук шавад Ва, инак, арӯс ногаҳонӣ, бехабар аз худ, фиғон баровард. Фиғони ӯ ҷонхарош буд, овози гиряи занони даруни хонаро пахш кард. Хеле дурушт менамуд дар назари ӯ гиряаш. Не, хеле қабеҳ менамуд. Ӯ аз ҳавлӣ ба ҷониби хона давид. На ба он хонае, ки занон мурдаро давраро карда буданд. Ба анҷомхона, ба он ҷое, ки гандум ва либосҳои куҳнаву наву берун аз истифодаро анҷом мекарданд, даромад ва худро ба ғарами кӯрпаҳо, ки кадоме аз саросемагӣ ва шитобзадагӣ аз рӯи сандуқ чаппа карда будандшон, партофт. Дастонашро мегазид.

Арӯс ин говро баъди як ҳафтаи ба ин хона по ниҳоданаш дӯшида буд. Баъд, дигар ҳар рӯзу ҳар шом дасти ӯ дар чочи ин гов буд. Халил бо ҳар баҳона дар гирду пеши ҷои говдӯшӣ мегашт. Навхона буданд. Шӯхии домоду арӯсиашон то имрӯз давом мекард. Халил бели чӯбин- курчакро мегирифту пеши оғил меомад. Ҳар вакте ки арӯс азми говдӯшӣ менамуд, Халил ҳам оғилрӯб мегашт. Ба ёди модагови пир расид, ки аксари вақт, шомгоҳон, арӯс аз як паҳлуяш хорумол мекарду Халил аз паҳлуи дигараш. Гоҳе дастонашон ба ҳам мепечиданд. Ва зуд аз ҳам ҷудо мешуданд. Ҳо, онҳо ҳамдигарро дӯст медоштанд, дӯстдориашон беохир буд.

Модагов тӯйи онҳоро дар ёд дошт. Аз дари кушодаи оғил ва баъдтар аз поёни оғил рақси модари ӯро дида буд. Рақси модараш ҳамчунон буд, ки ҳоло дар болои ҷасади писараш мекард. Ҳаракатҳояш якхелаву якранг буданд. Ӯ остинҳои дарозашро меафшонд, бо нӯги ангуштҳои пояш ҳаракатҳои маҳине мекард, дастонашро занона, нозук- нозук, ба оҳанге худро тоб медод, чарх мезаду чарх мезад. Ҳозир ҳам дар болои сари писараш дастак мезанад, остинҳои дарозашро меафшонад. Мӯйи Халил аз насими остини модараш андак- андак меҷунбад, дигар ҳеҷ. Ҳидоятулло низ ҳамон рӯз,

мисли имрӯз, ҳаракатҳои парешон мекарду онҳоро рок меномид: гӯё рақс мекард он рӯз. Имрӯз низ ҳамон ҳаракатҳояшро такрор дорад. Мерақсад, беҳунарона мерақсаду гӯиё мегӯяд: «Бубинед, ман рақс карда наметавонам, вале ба хотири писарам, ба хотири тӯйи арӯсии писарам мерақсам.»
Ҳоло низ чарх мезанад, ҳамон тавр ҷуссаи бузурги паҳлавониашро пеши мардум ба ҳар тараф меҷунбонд. Дастонашро меафшонад. Дар нӯги дастонаш рӯймолаке дорад, ки духтари хурдияш, ба шодиёнаи рақсаш, дода буд. Ҳоло ҳам дар даст рӯймолаке дорад, рӯймолак не, халтаи чой барин аст, ҳо, чойхалта барин аст.
- Мардум, нагӯед, ки ман пул надорам! Ман одами хеле бой ҳастаму ба ҳама кор қодирам, лекин чӣ кор кунам? Дар пеши марг оҷизам!
Ӯ дар пеши мардум чарх мезад. Лабонаш бехун буданд. Вале чашмонаш наме надоштанд. Ҳо, чашмонаш хушк буданд. Ӯ низ гириста наметавонист, дар умраш нагириста буд, дар мурдаи падараш низ нагирист, Дар ҷанг мурдаҳоро бисёр дидааст, намегиряд. Вале ин қадар парешон шудааст, ҳарфҳои парешон мезанад. Касе Ҷуръат надорад ӯро ором бикунад ё ба ягон гӯшае бубарад, як коса обаш диҳад, ки тафси дилаш кам шавад, не, касе ҷунбида наметавонист. Боз ҳамон тағояш- пирамарди нимҷони бедандон, ки ҳатто ҳарфашро базӯр аз даҳонаш мебароварад, пеши ӯ меомад.
- Ҳар касе, ки ин ҷавонмарг, ин тармарг, ки номард ҳам будааст, маро партофту рафт, аз ӯ қарздор бошад, ба ман бигӯяд. Як бар даҳ қарзашро мегардонам,- мегуфт ӯ.
- Аҳмақи гов!- пӯписа кард ӯро тағои Махсум. Овозашро танҳо худи Ҳидоятулло мешунид. – Ин гапро пеш аз тобутро аз ҳавлӣ баровардан мегӯянд. Мурдаро нашуста, чӣ дағдаға мекунӣ, пул ба мардум нишон медиҳӣ?!
- Ҳа, тағоӣ, гапи нодуруст гуфтам? Худам ҳам намедонам, ки чи аз даҳонам мебарояд. Хайр, як шӯхӣ барин гап ин ҳам.
- Бас кун! Худатро ба даст бигир. Охир, ту мардакӣ! Шукр кун, инаш рафт, чанд бачаву духтари дигарат мондааст, ба ҷони онҳо шукр кун!
Пирамард ба пеши чанор, ки дар поёнтари он гилему кӯрпача густурда буданд, баргашт. Одамони камқуввату нотавонро, ҳамин ки аз дар медаромаданд, ба болои ҳамон кӯрпачаҳо мегуронданд. «Зеби мурдан ман доштам, лекин маро намегирад ин Худои бераҳм!»- мегуфт ӯ зери лаб. Ба ҳеҷ кас намегуфт, худ ба худ харф мезад Гапашро касе намефаҳмид. Танҳо Ҳидоятулло ӯро мефаҳмид. Ва хомӯш гашт.
Гов аз таги дарахти шукуфони шафтолу мегузашт. Шохаҳои пастаки шафтолу сесола ба шохи гов бархӯрданд ва гулҳояш рехт ба сару гардани гов. Шонаҳояш сафеду гулобӣ ба самти поёни ҳота мерафт. Қассоб ӯро намекашид. Он чанд ҷавонмарди дигар, ки аз дунболаш меомаданд ва он чанди дигар, ки сари чуқурчаи бехи зардолу истода буданд ва расидани қассобу говро мунтазир буданд, тамкину сабри аҷиб ва гарданхамии говро бо ҳайрат мушоҳида ва муоина мекарданд.
Гов ба сари чуқурча расид. Ҷои ҳамешагии говкушии ин хонадон. Сад сол шуд ё зиёдтар, моли калону хурдро дар ҳамин ҷо сар мезананд, чуқурича

ҳамон чуқуричае буд, ки то ин вақт низ даҳҳо бор канда шудаву инак, бори, намудонам, чандумин бошад, аз нав боз карда будандаш. Аз ин ҷо бӯи хун меомад. Дили гов рамид. Як сустии мағшуше дар пояш давид, вале зуд ба худ омад. Хоки ин ҷо аз дигар ҷойҳо фрқ мекард: ҷигарии тира ва ҳатто баъзе пораҳои он нами сиёҳ низ дошт.
Гов сарашро тоб дод. Ба дарахтҳо ва шукуфаҳои гулобии болои сараш нигоҳе кӯтаҳ андохт ва бе он ки говкушҳо ҳаракате карда бошанд, ба зону зад. Пойҳои ақибашро ба тагаш гирифт ва ба шикам зад. Пас пову дасташро аз тагаш раҳонида, дарозашон намуд. Қассоб ва он чанд ҷавонмард гулӯгирак шуданд. Онеш, ки риш дошт ва яктаки пир дошт, гиребонашро гирифт.
- Сиву панҷ сол шуд, ки қассобӣ мекунам, вале бори аввал мебинам ин ходисаро. Э, қандта бизан, ҷонваре! Набандедаш! Ӯ ризо аст, ба ризояти худаш сартахтагӣ мешавад. Халила дӯст медоштааст,- гуфт ва сари як зону нишасту гардани гов ва шонаи болои вайро молида гирён шуд.
Ду кас пеши пойҳои гов ва ду каси дигар пеши дастҳояш истоданд. Хам шуданду болои дасту пояш нишастанд. Гов сабзаи наврӯстаи пеши фукашро забон дароз карду гирифт. Даҳон ва чашмонашро маҳкам кард
Қассоб кордро ба даст гирифта, дасташро ба бинии гов бурд. Пеши чашмони гов равшан шуд. Шир барин. Шир пеши чашмонаш омада буд. Шири сафед дар сатил не, дар лаби кӯдаке. Кӯдаке шир мемакид, пистони модар дар даҳонаш. Аз қошуқи лабони кӯдак шир ҷӯш зада баромад ва ба рӯи синааш рехт, манаҳаш дар шир тар шуд. Як гӯсолае пеши чашмони модагови пир дамид, давиду гузашт. Модагов гӯё хоб медид. Дар хобаш Ҳидоятулло бо қомати паҳлавононааш коҳилона мерақсид. Чашмонаш пӯшидаву абрӯвони сафеду сиёҳи ҳалқааш, ҳо, онҳо ҳалқа- ҳалқа буданд, боло рафта. Ӯ ба касе нигоҳ накарда мерақсид, дастонаш- дастони бузургаш хеле калон буданд, онҳо парешон қаноти кадом симурғи афсонавӣ барин. Ҳо, Ҳидоятуллои хӯҷаинаш гӯё дар афсона мерақсид. Шохсорон, шохаҳои чинор, шохаҳои тути навбарг, шохаҳои пургули зардолу ногаҳон пур аз мурғакон шуданд, гӯши гов ғуввас мекард. Хун ба сараш мезад. Халил аз миёни шохаҳо ва анбӯҳи шохаҳои сафеди абрмонанд бо чашмони хандон ба ӯ нигоҳ мекард.
Корд ба маки пиргов расид. Дар як лаҳза макро зад. Гов ҳаракате накард. Танҳо ҳангоми ба ҷои мегузаштагии торҳои асаб- решаи устухони гардан расидани корд як по кашиду ларзид.
Ва дигар сокит шуд.

Имрӯз дар хонаи Ҳидоятулло нон намепазанд.
Ҳамсояҳо танурҳои худро тасфондаанд. Онҳо нон мепазанд. Говро сартахтагӣ мекунанд. Одамон оши сартахтагии ҷавонро, ҷавони тармаргро, намехӯранд. Ҳидоятулло дар рӯи ҳавлӣ. Ӯ ба ангури навбарг, токҳои навбар нигариста гуфт:
- Ин ангур аз сад сол зиёд умр дорад. Инро бобои бобои ман шинондааст. Аввал дар он хонаи таг буд. Қаламча гирифтему овардемаш ба ин ҷо. Нагирифт. Баъд токро сар- сари девор овардем ва дар бехи деворҳо, ҳо, дар поёни он даричаи дутабақа шинондем. Куҷо шинондем? Гӯр кардем! Як сол

баъд реша гирифт. Ҳо, аввал набуридемаш, мондемаш, ки як- ду сол ҳосил бидиҳад. Баъд реша гирифт. Ҳамон ҷои ток, ки ба замин гӯронида будемаш, реша гирифт. Баъд токро аз ҷои реша гирифтааш буридем, Он тарафашро баргардонидем. Бурдем ба хонаи пешина, ки ҳоло хонаи Шамс аст. Ва ба рӯи хавозаи пешина хобондемаш. Ин сол ҳам ҳосил мегирад, хосили хуб. Бубинед, хеле хуб гирифтааст. Гулашро бубинед, агар ягон офат нарасадаш, имсол ҳай ангурхӯрӣ мекунанд ҳамсояҳо! Ангуре, ки дар поёни чанор аст, аз ҳамин ток. Бурдем. Гуфтам мардум аз дарвоза надаромада, ангур бичашанд, бихӯранд. Ҳам мардуму ҳам мурғу чурғ, майнаву зоғу зоғча аз ин ангур сер мешаванд. Ин тарафи кор аз они Халил буд. Бачаи коргар буд! Усто буд-е! Мардум, ман акнун чӣ кор кунам!? Гуфтам будам, акнун ангур мехӯрем, имсол ангур мехӯрем. Бисёр ангурҳои хубанд- да!

Шамс ба назди падараш омад. Ӯро бо баҳонае ба хона даровард. Он ҷо чи маслиҳате карданд.

- Гӯрашро дар паҳлуи бобояш кандед? – пурсид аз пайкор. Пайкор як ҷавонмарди миёнсоли газгӯште буд, ки ба гапаш одамон чандон эътибор намедоданд. Ҳоло корро ёд нагирифта буд, хуб ёд нагирифта буд. Ягона зиёии ин деҳаи бехи куҳ. Ӯ агрономи юнучқа аст, чилу панҷ сол дорад. Набераи сӯфӣ Холмурод, дар хонаи поён ҳамсояи дарбадевор буданд. Мӯйсафед дар осиёби крак осиёбон буд ва ҳам галларо посбонӣ мекард. Нисфирӯзиҳо, вақте ки мардуми хаста ва вомондаи деҳаро хоб лагад мекард, ӯ як мушт гандум аз сари ҳар халтае гирифта, ба як халтаи талқони куҳан меандохт ва сари гардан мекард. Ӯ ҳамеша аз ҳавлии Ҳидоят мегузашт. Дар миёнаи девори онҳо як даричае буд, дарича аз чапарак буд, аз бофтаи химчаҳои шулаш, ки дар бари хонаи куҳнаи пирамард меӯид, даричаи чапар ҳамеша аз дарун тамба дошт. Аз ин тараф кушода намешуд, мӯйсафед бо сад эҳтиёт ба назди чапарак меомад, ки касе аз ҳамсоягон бедор нашаванд. Масалан, писари хурдии усто Рачабалӣ- Убайд. Убайд, додари хурдии Ҳидоятулло, ки кӯдаки шӯху мазоқие буд. Агар Худо накарда гап ба даҳони ӯ рассад, дигар аз шармандагӣ ҷои гурез нест. Вақте ӯ ба даричаи чапар наздик шуд, дар маҳкам буд. Фарёд мекард, фарёд мекард: «Во Раҳмат! Во Раҳмат!» Мӯйсафед бедандон буду он вақт Убайд бедор. Дар зери ангур нишаста сурат мекашид ва ҳама фарёдҳои пасту баланди сӯфӣ Холмуродро мешунид, вале сир бой намедод. Баъдтар, вақте ки ӯ як хунарманди номӣ шуд, аз ин воқеаҳои овони тифлӣ як нумери аҷибе омода намуда, назди нависандагон намоиш дода буд, ки то ҳол аз ёди онҳо нарафтааст. Тамоми манзараи нисфирӯзии як деҳаи Давлатшоҳиён дар пеши назари мардуми дар толор нишаста ҷилва намуд бо ҳама зебоиҳояш, бо ҳама нотакрориҳояш. Раҳмат набераи ҳамин сӯфӣ Холмурод аст.

Тағои Махсум омад ва ӯро ниҳеб кард:

- Садқаи очаат шавӣ ту!- модари Рахмат пахлавон буд.- Ту як кори майдара бе ман буд намекунӣ. Ба Душанбе тилфон кардӣ?!

- Ҳо, бобо!

- Гуфтишон?

- Ҳо, бобо!

- Кӣ гирифт тилфона?
- Худи Убайд.
- Ку, нестанд онҳо, наёмаданд! Рӯз нимрӯз шуд.
- Ҳоло барвақт аст. Соат нав ёздаҳ.
- Ҳе, садқаи очат шавӣ ту! Бирав, аз пайи корат шав! Мардум бе обу нон наемонанд. Воҳима накунед. Гӯй ба мардум, мурдан амри Ҳақ аст. Аҷал пириву ҷувонӣ надорад, пиру ҷавон намегӯяд. Омад, ҳар чиз дар сари роҳаш бошад, мебардорад. Худо гӯед, шукр бигӯед. Ба мурдани як кас, хоҳ пир аст, хоҳ ҷувон, дунё аз зикр наемонад. Тавба гӯед, надомат кунед. Аз ин бадтар накунад, Худо!
Тағоии Махсум пештар касеро гап задан наемонд, пеши ҳар кас намерафт, бо ҳар кас наменишаст. Хеле ғурур дошт. Овози баланди ӯро аз ҳар гӯшаю канори ин деҳаи хурдакак, вақти ҷӯйбортозакунӣ, вақти оббандӣ мешуниданд. Акнун чандин сол аст, ки аз хонаи пастаки бобоӣ, ки дар даруни хонаи баланди имрӯза сохтаашон ҷойгир аст, намебарояд.
- Марг фаромӯшам кардааст,- гуфт боре ба Ҳидоятулло.
- Дар он хонаи дарун бачо нашав, ки пайдоят мекунад, – гуфта буд Ҳидоятулло.
- Гов!- гуфта буд ҳамон вақт тағоӣ ба ӯ.

Ҳидоятулло духтаронашро пайи ҳам ба шавҳар баровард. Ду писари калонашро тӯй кард, соҳиби хона намуд ва ҷудояшон кард. Хонаи падариашро ба писари калонаш дод. Писари миёнаашро дар Данғара ҷой дод. Ҳамин хурдиашро бо худ гирифт. Гуфт:
- Ҳаминаш соҳиби ин хонаву дар бошад. Ҳо, ба ин хонаву дар соҳибӣ бояд кард. Ин ҷо қадамгоҳи бобокалонҳояшон буд.
Ҳай дареғ!

Духтари якунимсолаи Халил пеши бобояш омада пурсид:
- Бобо, отам ку? Бобоҷон, отам кай меояд?
Вақти омадани падараш шуда буд. Ҳар рӯз ҳамин лаҳзаҳо ӯ аз дарвоза медаромад.
Дили бобояш дуд гирифт, сиёҳӣ зад, димоғаш дуд баровард.
- Э, биёен, ин кӯдака аз пешам бубарен!
Духтараке омаду тифлакро бардошт ва аз назди Ҳидоятулло бурд.

- Не, марг тасодуфӣ намешавад,- мегуфт Раҳмат.- Мардаки шофир гуфт, ки чархҳои мошинам хӯрда шудаанд. Тамоман лағжонаканд. Не,- гуфтанд.- Мошинат соз аст, баҳона мекунӣ. Инженери калон коғаз нависонд. Балонҳои мошинаш дуруст асту кор карда метавонад. Директор, раиси калон одам фиристод, ки аз хонааш гирифта барандаш. Агар балонҳояш коромад мебуданд, дар сари гардиш ба ҷар намерафт. Башаст наомада будааст-ку?! Дар раҳи лағжонаки силиқ ҳавои боронӣ мошина партофтааст. Ҳо, мошин аз бекории балонҳо ба ҷар рафт. Худи мардак дар гаражи мо кор мекунад. Дида

буд, ки балонҳо чи қадар хӯрда шудаанд. Аз кор баромаданд. Ҳа, ҷӯраҳо! Тағоии Махсум одами қадим аст. Мегӯяд, ба як гап часпид, мегӯяду мегӯяд. Аҷалро аз кадом як ҷои баланде нафиристодаанд, аҷал аз таги чархи бекораи мошин баромад. Инженери калону раиси калон ҳар ду гунаҳкоранд!
- Э мардак! Мемонӣ тинҷ бигардем? Ҳар гапе, ки аз даҳанат баромад, гуфтан нагир! Вақти расидаро ҳазор баҳона аст. Вақтат ки пур шуд, як кор сабаб мешавад.

Дар табақҳо хӯрок кашиданд.
Касе ба хӯрок даст намезад. Ҷавонмарг шуд ин писарак. Аз гулӯи кӣ нон мегузарад?
Беҳуда гов куштанд. Дар ин рӯз кӣ нон мехӯрад?

Сари гов дар пушти зини велосипеди писари қассоб бор шуда буд. Ӯ дар иҳотаи кӯдакони дигар каллаи пирговро ба хона мебурд. Ҳеҷ дилаш намехост, вале расм чунин тақозо мекунад: чун падараш говкуш аст, наметавонад оини қадимро фарз нашуморад. Риояи оин андаке писаракро хиҷолатманд гардонда буд. Вале гапи падар, ҳукми падар зӯр. Сарпечӣ карда намешавад.

Ҳаво гоҳ абр мекарду гоҳ соф мешуд.
Анбӯҳи одамон зиёд шуда буданд. Касе аз ҷояш намеҷунбид, касе овозашро баланд намекард; танҳо паст- паст ҳарф мезаданд, ки нагуфтанаш зомин буд. Ҳо, мардум хомӯшона интиҳои маросими ҷанозаро интизорӣ мекашиданд.
Банди говро аз шохи гов кушода буданд: вай акнун дар шохи зардолу овезон буд, дар миёни шохаҳои шукуфон. Дар миёни шукуфаҳо ва баргҳо ресмони пашмини ало оҳиста- оҳиста меҷунбид; ресмони танҳои бегона меҷунбиду як ҳолати ҳузновареро дар дил ба вуҷуд меовард.

Садои гумбур- гумбури пойи одамони бешумор. Онҳо ду- ду, се- се саф кашида, аз тангкӯчаҳои пеши хонаи Кенҷаву аз тангкӯчаи пеши масҷиди хароб мегузаранд. Тобутро даст ба даст мебаранд.
Замин лой асту лағжонак. боэҳтиёт мебаранд тобутро. Аз сари деворҳои паст шохаҳои пургули зардолуву шафтолу бар сари одамон ва ба рӯи тобути бахмалпӯш гулафшонӣ мекунанд. Рӯи раҳи сафари вопасини Халилро гулпошӣ мекунанд.
Барги гулҳо дар зери пои мардуми ҷанозаҳакӣ монда, бо хоки роҳ омехтааст. Саги думбуридаи Ҳидоят аз пушти мардум медавид, лукка мезад.
Ҷавонмарде баргашту сагро бо дӯғу пӯписа ақиб гардонд. Аз паси мурда ба қабристон рафтани саг убол аст!
Саг баргашту роҳи дигареро пеш гирифт. Аз назди осиёби крак роҳи дигаре ҷониби қабристон мерафт.
Саг дар он роҳ медавид. Сагони дигар ногаҳон ба вай дарафтоданд. Вай майли ҷанг кардан надошт. Вале бо зӯрӣ вайро сагони ин гузар ба ҷанг мекашиданд. Бо онҳо дар афту дарафт шуд. Овози ҷанги сагон. Овози сагҷанг

то ба тангкўчае, ки ҷаноза мекарданд, мерасид. То хеле онҳоро дунболагирӣ кард.
Саг бо гўшҳои дарида ва гардани хунолуд дар гардани роҳи магазин пайдо шуд.
Саг дуртар аз одамон, дуртар аз анбўҳи одамон, дар болои сангҳои ғелони селоварда, хаставу нолида ҳаракат мекард ва реб- реб ҷониби одамон нигоҳ мекард, то бубинад, ки касе майли суронидани вайро дорад ё не.
Касе парвои вай надошт. Ҳама ба фикри худ банд буданд. Роҳ лой буду борашон вазнин.
Ҳама сархам, малул роҳ мерафтанд.
Овози гирумон, бардору чой бидеҳ шунида намешуд, чуноне ки дар ҷанозаҳои дигар ҳар дафъа баланд мегашт.
Фавҷи одамон борику дароз буд. Аз таги чинори пеши магазин то ба пошнаи теппаи он тарафи дарё идома дошт. Сари фавҷ борикраҳаи қабристонро рўболо мешуд.
Саг баракӣ дар камари теппа боло мерафт.

Занон дар таги чинори пеши дарвоза истода буданд. Дарунакӣ навҳа доштанд.
Арўс дар як гўшае истода буд: танҳо, бегона, ҳайрон, бехона. Намедонист чи кор кунад: танҳо, бешавҳар, бехона, бегона…
Ў ба чўби пеши дарвоза такя карда буд. Кўдакаш аз домани бибиаш дошта мепурсид:
- Бибӣ, биби! А бибӣ, чой мегум, асал мегум!

Сари роҳ. Ҳама он кампираконе, ки дирўз ва ҳама рўзҳои пешин ба сари кўча шир мебаровардand, аз таги дарвозаи хонаҳои худ ба дарёи пўёи одамӣ, ки то нисфи роҳаки борики камари куҳ расида буданд, бо андўҳ менигаристанд.
Ва оҳи сард мекашиданд.

Кори Ҳидоятулло аз гиря гузашта буд: гоҳе механдид, гоҳе ҳатто шўхӣ мекард. Гоҳе чун қаҳрамоне худро медошт: «Бубинед, чунин шикасти сахти сахте маро хам намекунад! Бубинед, ман аз ғам намемирам! Маро кам магиред!»- ва худро барои ин фикрҳои кўдакона сарзаниш менамуд дар дилаш ва оҳиста гиребонашро мегирифт. Он қадаре ки худ медиду бас, зуд дасташро аз гиребон гирифт.
«Акнун чӣ кор мекунам? Келинам чӣ кор мекунад? Хонаи падараш меравад, тамом вассалом! Чӣ кор мекунад!? Не, то як сол дар хонаи худам манъаш мекунам. Кўдакаш, ки дар қад дорад, ба дунё меояд, номашро худам мемонам. Ҳа, Халқуллош ном мемонам,»- меандешид ў дар сари роҳи дарози қабристон.
- Аҷаб роҳи вазнин аст,- ниҳоят гуфт ў бо овози нимшунаво.- Кўтал... Шутура гуфтаанд, ки кўтал хуб аст ё нишеб? Гуфт: - Лаънат ба ҳар ду.
Ва Ҳидоятулло хандид. Нимовоз хандид.

Ҷамшед, ҷӯраи деринааш, ки пирамарди лоғари дарозест, оҳиста ба камари ӯ даст зада гуфт:
- Чӣ кор мекунӣ? Худата ба даст гир!
Ҷабинаш арақшор шуда буд.
Футаашро аз миёнаш кушоду пешониашро пок кард. Кӯтал дароз буд; акнун то нисфи ӯ расида буданд. Хайрият, бачаи газгӯшт буд, набошад ин одамон хуб азоб мекашиданд.
- Маро чӣ хел мебурда бошанд? Ин ишкама бубину ин калларо. Вазнам аз саду чил кам нест. Ҳа, маро чӣ хел мебурда бошанд? Дашном медодагистанд…
Номашро, номи кӯдакро, ки баъди ду моҳи марги Халил ба дунё омад, Халил ниҳоданд. Дар идораи ҷамоат шаҳодномаашро гирифтанд.
- Арӯс то ҳоло шаҳодатномаро мекобад. Агар ёбад, ҳатмӣ медаронад.
- Чаро!?
- Аз дӯстдориаш. Шавҳари ҷавонмаргашро хеле дӯст медошт. Кӯдак, ки калон шуд, ҳар гуна нағмаҳо мебарорад. Шӯхӣ дорад, гапгардонӣ дорад, бозӣ дорад, ногапӣ дорад, беадабӣ дорад кӯдак, ғофил номашро гирифта коҳиш мекунандаш ё ягон гапи дурушт, ё дуои бад мекунандаш, руҳи ӯро ношод мекунанд. Не, хубӣ надорад номи падарро ба писар ниҳодан. Ӯ шаҳодатномаро ки ёфт, ҳатмӣ медаронад. Шаҳодатномаро пинҳон карданд. Дар хона номи кӯдакро намегиранд. Ӯ ҳоло ҳам гӯё беном аст.
Вақте дар оши сари соли Халил будем, шабу рӯз мешуморанд, шаш моҳро сол мегӯянду сол мегиранд. Ҳоло ҳам кӯдак беном буд. Не, дар шаҳодатнома номашро навиштаанд, вале дар хона касе ҷуръати гирифтани номи ӯро надорад: на модараш, на падараш, на арӯсаш. Бобо ҳам номи ӯро гирифта наметавонист: забонаш намегашт.
Кӯдак механдид. Майли бағали бобояш мекард. Хандонрӯй буду сияҳчашм.
Духтарак, лухтаке дар даст, дар бехи чанор бозӣ мекард. Калон шуда буд, мӯйҳояш дубоф, либосакош тоза, чашмонаш шаҳло: тифлаки дӯстрӯе буд. Ҳоло чӣ будани маргро намедонад ва ба бебозгашт рафтани падараш бовар кардааст. Ӯро дигар интизор нест; се моҳи аввал хуб пурсуҷӯ кард ва пасон ором шуд. Оромии гарон…

МАРГИ ХАРИ САФЕД

Ҳикоя

Диламро ҳиссиёти баланд фаро мегирифт, тафсида ва фароху беҳудуд мегашт. Мехоҳам ҳамаро ба оғӯш бигираму бибӯсам! Сухане самимӣ бигӯямшон! Ҳама, ҳама, ҳама, ҳамаро! Ононеро, ки мешиносам, ононеро, ки ошношон нестам. Мебинам, ки ба ҳаёт сахт муҳаббат дорам!

Муҳаббатам беҳудуд аст; ба ҳама некӣ мехоҳам ва ҳамаро дӯст медорам: ҳам Адҳами девчашмро, ки аз гум шудани хараш ҳай ғӯсса мехӯрад ва аз саҳар ғур– ғур дорад, ҳам Сафияи маҳурӯзро, ки коғази духтур овардаасту аз фардо дигар ба кор намеояд (Илоҳо, бедарду безахм таваллуд кунад!), ҳам Бозори табелчиро, ки қалами ҳамеша дар бехи гӯшашро имрӯз уфтондаасту ду соат шуд, дар миёни буттаҳо ва ҷӯякҳо чорпо мегардаду бехи пахтаҳоро мепалмосад. Охир, то баркашидани пахтаи мардум ним соат мондааст! Бо чӣ бинависад?! (Илоҳӣ, дилкаф нашавад!) Ҳам он ҳама чиҳилу нуҳ нафаре, ки рӯ ба замин оварда, пахта мечинанд, ҳам он абри хокистариро, ки шиками сардаш болои теппа омада, ҳам он ду нафареро, ки дар даруни сағонаи куҳани қадимии пуштшикаста канори ҳам хобидаанд. Бале, дилам ончунон меҳре дорад, ки мурдаҳои хазорсоларо низ метавонам оғӯш кунам ва бибӯсам!

Аз талотуми эҳсосот нафастанг мешавам. Шарёни хунро дар рагҳоям мешунавам. Чи мавҷҳоеву чи маҷроҳое аз сари ман мегузаштанд. Чун гармшудагон сар аз миёни мавҷҳои базеб берун меорам ва башиддат, ҳарисона ҳаво мегирам.

Орому камсадо аз миёни ғарамҳо бурун меоям ва аз девори сағона мегузарам. Садафро мебинам, ки дар қадди сарҷӯй башитоб боло мерафт. Мӯзаҳои кирзаш ғӯзаҳои хушкро мерезониданд ба оби ҷӯй. Ва об ғӯзаҳоро поён меовард. Ман онҳоро аз об мегирифтам. Оби ҷӯй хунук буд. Тоқиамро аз пудиназор гирифтам ва дар об шустам, пас дар он об гирифтам ва бар сарам рехтам ва аз пардаи резони об офтоби сари заминро дидам, ки дар ғурубгоҳи азалияш нишаста буд.

Рӯз ба поён мерасид. Як рӯзе дар пахтазор… Ин ҳамон лаҳзаҳоест, ки шамолаки нарм аз куҷоҳое меояду тафси рӯзро бо бӯю тафи пахтахои дорувара аз биниҳомон мебарад.

Мардум дар ин чанд лаҳзаҳои охири рӯз ба пахта ҳарис мешаванд, бо шитобу шавқ ба буттаҳои харобу нотавон дармеуфтанд, ҳуҷум меоваранд, мошин мешаванд, то ду кило зиёдтар аз имконоти худ пахта бичинанд. Ва ин ҳамон як дамест, ки овозҳо хомӯш мегарданд, номе садо намедиҳад, овози одамӣ ба гӯш намерасад, шӯхӣ намекунанд, намеханданд, вақт нест! Ҳатто Бозор ҳам ин лаҳзаҳо дар гӯшае хомӯш менишинад: «дафтар тафтиш мекунад!»

Хамӯшиву сукунате, ки ҳатмӣ бо шӯру ҳамҳама интиҳо меёбад! Андаке баъд, ҳатмӣ фарёдофарёд ва хурӯше аз ин майдон мехезад, ки касе назири онро дар ҷои дигар наёфтааст, магар дар пахтазор.

Вале ҳоло ташвишу изтироб ва ҳаяҷон ҳангоми ғуруби офтоб мардумро фаро гирифтааст. Вақт кам аст, вақт нест, кам чидаем, сад кило начидаем! Ақаллан, чанд қабзаи дигари пахтаро дар фартукомон биандозем! Боз як қабзаи дигар, боз, боз ва боз! Ҳо, ана, ў ниҳолро бубин, ки чӣ қадар шукуфо аст, саропо сафед, дока воре. Ҳамонро бичинам, ба ҳамон бирасам, бас… Вале аз ниҳол ҳам мегузарад, боз ҳам кам аст. Мумсик шудаем: як панҷаи дигар бичинам, як ғўзаи дигар… Халтаро бо ду даст вазн мекунем. На, вазни матлубро пайдо накарда! Кам аст, кам аст! Боз бичинем, боз камтар бичинем, бисёртар ҷадал кунем! Дастҳо, дастҳо, кусикҳо, пағаҳо … Акнун ҳама мошин шудаем, дастҳомон ҳаракатҳои ҷунуномези парешон доранд, гоҳ ба зеру гоҳ ба тори пахта қап мезанем…

Ин ҳама ташвиш, ин ҳама изтироб ба хотири чор танга! Як дунё ташвиш, як дунё изтироб, ҷунбуҷўш, ҷўлидан, лўчидан!..

Миёни ин ҳама ташвиш боз изтиробе нав, тоза ва ширину лаззатбахш зам шуд. Мо ду кас ба хам ошиқ шудем!

«Ҳозир, ҳамин ҳоло фарёди Сайкор(Бозори табелчиро, ки пайваста дар даҳон дорад ва дар талаффузи ҳарфи «р» душворӣ мекашад, мардум «Сайкор» меномиданд) даштро фаро мегирад!»

Тоқиамро меҷафам, ба зонуям мепўшонам ва гирд мегардонам, ки дурусту бечин бишавад. Баъд дар сари шохаи беғўза меовезамаш. Барнамехезам. «То овози мубораки Сайкор баланд нашавад, намехезам! Бас аст, дигар пахта намечинам!»

Нигоҳ мекунам: Сайкор нўки теппа мебарояд. Баъди лаҳзае ҳатмӣ фарёди ўро хоҳем шунед:

- Майдум, кой тамом!

Овозаш садои Ҳазрати Сулаймон ворест: ба сангу кулухи замин ҷон мебахшад!

- Майдум! Халқо-о-о-он! Кой тамом!

Аз мағзи пахтазор ҳайкалҳои одамӣ бо панҷахои пури пахта рост мешаванд, хамёза мекашанд ва ҷониби ғурубгоҳи офтоб рў мегардонанд: офтоб рафтааст. Офтобро, ки дар ғурубгоҳи худ надиданд, шод мешаванд! Аз он ки ў бар сари онҳо фуруд омаду рафт! Ё аз ин ки рўз ба пойин расид ва шом аст, он шоми матлуб, ки рўзи дароз аз он меандешанд.

Ҳама ба сўйи тарозу мешитобанд…

Навбат мегиранд.

Сайкор нидо мекунад:

- Кўдакдоё бенавбат!

Заноне, ки кўдакони ширмак доранд, пеши тарозу чамъ мешаванд.

Сайкор нидо мекунад:

- Субаё (заноне, ки кўдаки ширмак надоранд, духтарон) бенавбат!

Ҳама ҷиддан ба сангҳову рақамҳои тарозу ва дафтари Сайкор нигоҳ мекунанд; дар забону гўшу чашми ҳама ҳарфу рақам. Ин ҷо як ним соат бозор мешавад.

- Адҳами девчашм! Сиву нуҳ кило!

- Бой Салим! Чилу … чилу… ним… Хай … Чил кило!

- Ҷалили овдаҳан! Нуздаҳ кило! Бимир, аз ин ҳол!
- Ҳатфӣ! Чилу як кило…
- Ҳасан – труба! Сиву чор кило!
- Бачаи Ҳурмат! Бисту панҷ кило. Ҳе, марг ба андомат!
- Раҷабгули Барно! Шасту як кило! Раҳмат бар падарат!
- Бобои Наҷво! Ҳашт кило! Аз ҷавонмардҳо беҳтар!
- Маълими Сайид! Сиву шаш кило.
- Усто Хурсанди фалокат! Бисту нуҳ!...

Мо, писарҳо, дуртар аз мардум, дар рӯи халтаҳои ними худ нишаста будем ва нигаронӣ доштем, ки чи ҷанҷолу бигӯ- магӯе бо мо хоҳад шуд. Пахтаамон хеле камтар аз халтаи дигарон буд!

Беқарориву изтироб ва ташвиш фаро гирифта будмон. Ба ёрони худ, ки навбатшон наздик расида буд, ба нигаронӣ нигоҳ мекардем.

- Шӯхӣ бисёр шуд, пахта кам мешавад! – гуфт Сайкор.

Ӯ ба дигаре гуфт:

- Ҳа, мулло Хиёл, мо барои пахтаи ту санг надорем, шаҳр бибар, дар тарозуи «Афтика» бикашаш!

Яки дигарро ҳамчунин сарзаниш мекард:

- Ҳо, ту дар кунҷи халтаат тилло дорӣ! Ҳатмӣ тилло чидайӣ! Лабораторияи мактабтон бибар! Тиллои холис бошад, зард ё сурх, як мисқолӣ ба мо ҳам биёр, миннатдор мешавем! Нишон бидеҳмон-ку, зард аст ё сурх?!
- Сафед аст, Сайкор! – ҷавоб дод бачаи Ҳурмат.- Тиллои сафед аст!

Сайкор асабӣ шуд:

- Ҳе, марг ба андомат!

Сайкор бо қаҳр халтаро гирифта, ба замин партофт ва боз як лагади дигар фуроварда будаш, ки пахтааш аз даруни халта пош хӯрда, ба замин рехт. Меҳвари тарозу шаққӣ ба оҳани боло зад.

- Агар ҳамин қадду басту зӯру бозу дар ман ё дар зани акаи Девлох мешуд, сад – саду панҷоҳ килоӣ мечидем!

Моҳпарча хандид. Хостанд тарафи ӯ бишаванд, овози хастайи зани Девлох бадар омад:

- Номи зани Девлоха ба даҳан нагир! Чӣ мегирӣ?!

Моҳпарча боз хандид. Ин бор баландтар аз пешина. Сайкор тааҷҷубзада шуд. Гуфт:

- Буза бозӣ, хара ханда!

Моҳпарча аз ханда бозмонд. Бо кинаву хушунат ба Сайкор нигоҳ кард. Пас хашмогину пурқаҳр гуфт:

- Кадомамон бузу кадомамон харем, Сайкор?!

Ҳама қаҳқаҳа заданд, вале авзои беҷойи Сайкорро ки диданд, хамӯш шуданд. Дасташ дар тири тарозу часпида буд. Чашмонаш танг ва нигоҳаш ба рӯи Моҳпарча хира шуд. Ин талотуми ду нигоҳ эҳтимоли шуму ногуворе дошт. Ташвишу изтироб дили мардумро гирифт. Баъзе мардон ба миён медаромаданд. Ин шом бехосият омад!

Нинӣ, хеши Моҳпарча, майли гап кард. Лабонаш мисли лабони тифлакони навзод, ки бо чашми баста пистони модар меҷӯянд, ғунча шуд. Овози пасте аз ӯ баромад:

- Моҳпарча!...

Моҳпарча даҳони ӯро баст:

- Тағойӣ! Гапат ба гӯшам нарасид, нашунидам!- ва асабиёна сӯйи Сайкор гашт. - Мардуми хондагӣ пештарҳо моро буз мегуфтанд, ту хариро ба гардани мо задӣ! Мо розӣ!...

Ӯ акнун аз номи занҳо гап мезад:

- Вале ҳатиёт кун, бузиро ба худ нагир! Буз моли майда аст! Боз дар таҳи саргини хар гум нашавад!!!

Сайкор аз пушти тарозу гузашт пеши мардум.

Ман пушти гарданашро медидам. Намакзадаву шӯр метобид, мисли уғураки намак бичиру рахдору сахт шуда буд. Раҳҳои чуқур аз гиребонаш мебаромаданд ва то таҳи кулоҳи хасинаш медаромаданд. Арақ аз онҳо метаровид:

- Шармандат мекунам, занак, эй занак!
- Хунма дар рӯт рӯшан накунам, одам набошам! – гуфт Моҳпарча.
- Моҳпарча, харҳо ду ҷинсанд!
- Ҳар ду ҷинсаш ба ту насиб кунад!
- Моҳпарча, даҳанта надаррон, ки…
- Як вақаби дига пеш биёӣ, ришу бурутута алов мезанам!!!

Ман аз ин ҷанҷол ҳарос мекардам. Ҳолӣ, Моҳпарча ғофил аз мо ном мебарад ва ин ҷанҷол ба сари мо самт мегирад! Аслан, ин ҷанҷол аз халтаи холӣ сар зад! Чашмонам ба чашмони ҳаросноки Садаф бархӯрданд. Ӯ низ аз оқибати ин ҷанҷол тарс дорад!

Не, Сайкор ним вақаб ҳам ба сӯйи Моҳпарча нарафта буд, ки садойи «лихкавой»- и раис омад. Раис сигнал заду фуромад ва бо ҳайбат пурсид:

- Ҳа, чӣ гап?!

Моҳпарчаро ҳайбати раис натарсонд. Хомӯшии ӯ аз ҳурмати мардум буд. Мардум ба раиси Зувайр эҳтиром доранд. Ӯ ҳамин ҳурмати мардумро ба Зувайр эҳтиром мениҳад, на шахси ӯро.

«Ҷазаба дорад! – фикр кард Моҳпарча.- Зӯри барзаговро дорад, ӯро, гӯши буридаро, гӯшҳора бубин! Дағдағат парӯ шавад- е!»

- Ҳа, Сайкор! Чӣ шуд?!
- Ҳич чӣ не, акаи раис, кор-да!
- Динагаро дайров кардед?!

- Ҳолӣ не, раис?!
- Бахчӣ?!
- Пахтайи талабаҳора накашидаем.
- Зудаш кунед!!!
Ба изтироб афтодам, аз ин гуфтугӯи онҳо тарс бардоштам. Ба гумонам, на, гумон чӣ мекунам, ба яқин ҳеҷ кас камтар аз ман пахта начида буд. Оҳиста худро ақиб мегирам. Ба пушти тележка гузаштам ва халтаро бо тундӣ ба болояш ҳаво додам. Ва мунтазир мондам. Лаҳзае баъд халтайи холии пурчанг ба сарам омад. Гирифтамаш ва аз тележка дур шудам.
Писаракон ёройи пеш омадан надоштанд. Сайкор онҳоро ном ба ном мехонд.
- Хумбет!
Хумбет пеши тарозу истод. Халтаи нимхолияш ба рӯйи тарозу ниҳода шуд. Ин корҳо беихтиёр карда мешуданду мошинӣ.
- Бисту як кило! Калат дар гӯр, хар!
- Манбет!
Манбет, ки додари Хумбет буд, пеш омад.
- Бисту се кило! Дастот шал бишаванд!
- Сафари Раҳмат! Чилу ҳафт кило! Раҳмат бар падарат!
- Аюб! Сиву шаш! Кам!
- Баргигул! Сиву ду! Чени динагина не! Ҳоли отата бигум!
- Гунги Бобо!
Гунги Бобо хандон пеш омад. «Ҳумбас» мезад ва ба тири тарозуву сангҳо менигарист.
- Панҷоҳу нуҳу ним… Панҷоҳ кило! Бигардам, ту барин ҷавонмарда!
- Садаф! Бисту ҳафт кило!…
Сайкор ҳеҷ чиз нагуфт ва боқимондаҳоро даъват кард.
Гуфтугӯйи паст- пасти мардум, садои тарозу, ҳай- ҳайи занҳо, пичир-пичири духтарҳо…
Ва Сайкор нишаст пеши фонус, ки акнун кӯрпашаҳо ғавраш карда буданд, ба ҳисобу китоб нишаст. Чуташ ба шарақ- шарақ омад.
Аз ҷо бархост, рангаш канда буд, навмед ба Раис нигоҳ кард.
- Чӣ, чӣ кадар?! – пурсид Зувайр.
- Кам аст.
- Воҳима накун!
- Ина!
Раис ба рӯйи дафтари Сайкор хам хӯрд.
Дукаса дарҳол шумурданд. Боз ҳам кам буд.
- Кор расвост! - нидо кард Сайкор.
Рӯ ба одамон карду гуфт:
- Ягон нафар нокашида мондааст?!
- Не, ҳама кашиданд!
Зувайри народ хомӯш ба нӯги мӯзаҳояш менигарист ва аз чизе фикр мекард. Ногоҳ сар бардошт ва сахт Сайкорро песонид.
- Намешавад, Сайкор!

- Чӣ кунам, акайи раис! Рӯзи дароз мисли подабон дар думшон ҳастам. Шиштаншон наемонам, вале чӣ фоида?! Боз ҳам гаптон рост аст: ин мардума на ба гапи хуб кор мефармоӣ, на ба гапи бад!
Чашмони Зувайр беҷо мешуданд.
- Не, Сайкор, корат маза надорад!!!
- Акайи раис!…
- Мемириву панҷсад кило меёбӣ! Хона ба хона мегардӣ, кӯрпаву болиши мардумро медаронӣ, ҷомайи кӯдаконро пахтакаш мекуниву планро имшаб меканӣ!!!
Сайкор музтару дармонда ва ночор рӯ ба ҷониби мардум гардонид. Як- як ҳамаро нигоҳ карду гуфт:
- Диден, мардум! Ман мегум, фарзандотонро дар хонаҳотон насиҳат кунен, ки беҳуда нагарданд, пахта бичинанд! Ба нияти пахта, ки дар бомдод аз хонаҳотон мебароянд, пахта бичинанд! Бех- бехи туту қад- қадди заҳбурҳову миёни бияҳо нагарданд, миёни буттаҳо нашинанд! Ман дигар дум- думи бачаҳои шумо намегардам! Ман дигар намехоҳам аз калонҳо гап бишнавам!!! Ман ҳам ба худ обрӯ дорам, ришу бурутам сафедӣ пайдо кардаанд! Мардум! Бомдоди дигар, аз фардо, дигар бачаҳора ма дар бари духтарҳо ҷӯяк намедиҳам! Мардум!..
Мардум якбора ба шӯр омаданд. Сайкор чӣ ҳовагӯйӣ дорад?! Ҳама аз фарзандони худ дилпуранд. Ва баробар ба тарафи Сайкор нидо дардоданд:
- Сайкор, фикр куну баъд гап зан!
- Фикр кардаму баъд гап задам!
- Сайкор, духтардориву писардорӣ коре нест, ки ба маҷлис барориш!
- Эй, мардум!..
Мардум асабӣ шуда буданд. Ба ӯ маҷол надоданд, ки гап бизанад.
- Худат ҳам чаҳор фарзанд дорӣ! Ҳар чаҳорашон духтар ҳастанд!
- Ҳо, дорам. Баройи ҳамин ҳам ҷонам дар сари мӯшон меларзад. Баройи ҳамин ҳам мегум! Ҷони ман дар сари мӯйи фарзандонам меларзад! Мегум!..
- Сайкор, мон, гапа дароз накун!
Мардум изтироб доштанд. Ҳаяҷон бардошта буданд. Ботинашон талотум мекард. Ҳеҷ кас муштоқ набуд номи фарзандашро аз даҳани айбнеҳи Сайкор бишнавад.
Дидам, ки Сайкор хеле озурда шуда буд ва ҳеҷ намехост дигарон озурда набошанд.
Ман ҷойи панаҳтаре аз чашми ӯ мечустам ва ақибнишинӣ мекардам.
- Сафари Аюб! Баргигули Зиё!
Онҳо ҷавоб нагуфтанд.
Сайкор идома дод:
- Чаро дар миёни ҷӯяк нишастед? Ҳине, ки дигарон пахта мечиданд…
- Акайи Сайкор! Чӣ, дигар миёнмон бишканад ҳам, нашинем?!- ситезаҷӯёна нидо кард Баргигул.
- Чаро ҳардутон шиштен?!
- Хайр, худтон ҳам миёмаден, мешиштем, се кас!

Падараш хашмгин ба сўяш тоб хўрд. Баргигул остинашро ба рўяш кашид. Ва аз пушти остинаш ҳанўз ҳам овозаш шунида мешуд:
- Пахта набошад, хока бичинем!
Аввал Аюб бепарво буд, вале ҳоли Зиёву духтари ўро ки дид, баройи хотири ҳамсоягӣ ин сўву он сўяшро дид зад, то ки писарашро ёбаду танбеҳ кунад. Сангу чўбе ҳам мекофт. Ҳеҷ ки пайдош нашуд, тоқияшро аз сар гирифта, бар сари Сафар бо қаҳр ҳаво дода гуфт:
- Ҳе, бар падарат лаънат, мемирӣ пахта бичинӣ!
Ва бо ҳамин қаноат кард. Бигардемаш, одами қаноатманде буд. Падар бошад, ҳамин бошад!
Пас истоду гўш ба овози Сайкор дод.
- Ғулом! Ҷавҳарбӣ!
- «Ҳай-ҳай-ҳай!»
- Зайнаб, Гадо!
- «Ҳай-ҳай-ҳай!»
- Гулчира, Буҷул!
- «Ҳай-ҳай-ҳай!»
Ҳар боре Сайкор касеро ном мегирифт, мардум аз таҳти дил айбаш намекарданд. Ку моҳи беайб?! Баробарӣ- бародарӣ!
Моҳпарча дигар ин ҳамаро бардошт накарду нидо дардод:
- Бас аст! Шаб шуд. Мо хонаву дар ҳам дорем!
Зувайр сўяш нигоҳе андохт, бе ҳеҷ гуна маънӣ, беэътино, носанҷида.
Моҳпарча зўрии чашми ўро бардошт, тавонист бибардорад ва гуфт:
- Акаи Раис! Корамон доред, бигўед коратонро, корамон надошта бошед, ҷавобмон бидиҳед, биравем хонаҳомон!
- Айбу шарм гуфтанӣ гапҳо аст!
Моҳпарча ҳамоно хомўш набуд, мегуфт:
- Гўш додантон беҳуда аст, акаи раис! Сайкор номи саги шуморо башикаст намегирад, ҳайфини…
- Бепарда гап зан, Моҳпарча!
- Яъне ки номи духтари шуморо ин ҷо намегиранд.
Зувайри народ таккон хўрд.
- Ман як духтар дорам, ўро нағз медонам.
- Хайр, як пурсед, бегаҳ пахта чинд ё не!
- Сайкор медонад…
- Хайр, як намепурсед, барои чӣ?
- Барои чӣ?!
- Ў ҳам аз даруни пахта баромада буд!
- Дурўғ! Кӣ гуфт?!
- Ман мегўям!
- Шоҳид!
- Гунги Бобо! Сафия!
Гунги Бобо бо ҳумбаст пеш баромад. Сафия, баръакс, ақиб нишаст. Ман девона мешудам.

- А духтар, гапи беҳударо чӣ мегӯйӣ?! – нидо кард Сафия. – Ману ту воре об мехӯрданд – е!
- Мову ту об хӯрдем, омадем. Он тараф, баъд Гунги Бобо «ҳум-ҳумм!» мекард, дид.
Гунги Бобо ҳум- ҳумм мекард.
Раис ба Сафия наздик шуду рост ба чашмонаш нигоҳ карда, бо зарда пурсид:
- Бигӯ, бо кӣ буд духтари ман?!
- Об мехӯрданд!
Назди Гунги Бобо рафт:
- Бигӯ, ту чӣ диди?!
Гунги Бобо «ҳумм!» гуфту табассум кард.
- Бар падарат…- раис тоб хӯрд ва ақиб омад. Номи духтарашро гирифту садо кард:- Садаф!
Ба рӯяш нигоҳ кардан душвор буд. Ҳеҷ кас ба чашмонаш нигоҳ намекард. Ёрояшро надоштанд.
Садаф сарашро ба зер афканд. Чашмашро наметавонист боло кунад. Ба чашмони падараш нигоҳ намекард.
Ман сангу сахт мешудам.
Мехостам миёни давра по бигзорам, вале ибо сари ҷо нигаҳам медошт. Раиси Зувайр ҳама неру ва ҳайбату азамати худро дар чашмонаш ҷамъ карда буд. Бо нигоҳаш Садафро месӯзонд, хокистар мегардонд, ки нишонааш дар рӯйи замин намонад ва хокистарашро ба бод бидиҳад. Ҷаҳлаш ҳамин гуна сахт буд.
Садрӣ тележкаро кушт.
Занҳо хамӯш, духтарҳо хамӯш, ҷувонмардон хомӯш буданд; замин, буттаҳои сиёҳу тираи пахта, одамон, моҳи осмон, теппаҳои дур, яккатут, ки сари вот буд, ҳатто оби сарҷӯй сокит шуданд.
Адҳаму Бой, Салиму Девлох ва Ҳасану Мирзораб низ чашм ба раис дӯхта, ҳар ҷунбиши ӯро мепоиданд.
Ҳозир не, ҳоли дигар Садафро лат мекунад!
Ногаҳ садое сукунатро шикаст: хари сафед падид омад!
Ва бепарво, беъэтино, ба иборае- харона, ба даруни пахта даромад. Ҳеҷ нигоҳе ба мардум накард ва ғӯзаҳои хому шукуфтаро бо лабонаш чидан гирифт! Меканду мехӯрд. Гурусна буд.
Бобоначво «товба» зад.
Ҳама донистем, ки ӯ аз он хари сафед ёд кард.
Раис нахуст хеле оҳиста сӯйи хари сафед тоб гирифт. Ва напурсид ҳам, ки хари кист? Гапи зиёдӣ лозим набуд. Ин ҳамон хари сафеде буд, ки дар ин ҷо соҳиб надошт.
Не, надавид раис, балки орому батамкин ба сӯяш роҳ пеш гирифт. Гӯё аслан қасдаш ин хар набуд, роҳи дуреро ихтиёр карда буд ва ин рафтани ӯ ба хар ҳеҷ рабте надошт. Ё харро мефиребид?!
Бо хари сафед ки баробар шуд, тунд баргашту ба шикамаш лагаде маҳкам зад.
Садоҳое баромад:

- Ҳамон аст!
- Наход!
- Ба Худо, ҳамон хари сафед аст!
- Не- йее?!..
- Харе ба ин гуна сафедӣ дар куҷо дидай?! Ҳатман ҳамон даҳшат аст!
- Ҳеҷ мумкин нест, ки ҳамон бошад. Ягон хари бесоҳиби дигарест! Рост намегум?!
- Кӣ як чунин хареро сарҳӯй мекунад?! Ҳамон аст!
- Ҳамон аст!
- Ҳамон аст!

Раис хари сафедро аз пахтазор берун бароварда. Мардум аз пичир- пичир бозмонданд. Ӯ ба миёни мардум омад, хари сафедро қарор кард, даст ба корди миёнаш бурд. Садое дар миёни мардум хест

- Тамом, аз думу гӯш халос шуд!

Вале ким- кадом фикре ба сараш омаду кордро дарнаёварда. Мардум оҳи сабук кашиданд ва хотирҷамъ шуданд.

Зувайр ором нагирифта буд; дудаста аз сару гардани хари сафед гирифт ва сахт тоб дод ва хари сафед гурсас ба замин уфтод! Аввал ба шикамаш, пеши пистонаш – хар пистонҳои сафед дошт!- як- ду лагад фуровард, ки садояш дар фазои хомӯш танин андохт! Гунги Бобо «ҳуммм» гуфту афсурда шуд. Модинаи сафед сар бардошт ва майли хестан кард, дасту почаке ҳам зад, вале баъди лагади дигар, ки бар синааш хӯрд, аз талош бозмонд. Ва сарашро ба хок ниҳод. Баъд, Зувайр ба сараш омад, як барафрошта шуд ва устувор истод, пас пойи росташро баланд кард, мисле ки дар ҷой қадам задан мехост, бале, гом бардошта буд. Ончунон ки наъли мӯзааш дар маҳтоб дурахшид ва пас, чунонки бар сари мехи фӯлодин мекӯбанд, - ҳине, ки асперо дар чаман тавила мекунанд, бо пошнаи наълдори мӯзааш бар сари модинаи сафед зарби маҳкаму ҷонкоҳе зад! Дигар гӯё девона шуд: бар сари хар баромад ва дигар беист бо пошнаи наълдори мӯзааш бар бехи гӯши хари хобида мекӯбид. Он қадар лагад мезад, ки ниҳоят арақ оварда. Ба ҳеҷ кас нигоҳ намекард. Гӯё ҳеҷ кас ин ҷо ҳузур надошт. Танҳо ҳине, ки арақ аз рӯйи чашмаш пок мекард, бо пушти дасташ як нигоҳе ба Садаф андохт, пурситеза, бешафқат ва ҳавлангез буд нигоҳаш. Пошнааш аз чӯян буд ва вазнину гурмдор; бо хоҳиши ӯ Усмонбангӣ тафта ва ба қолиб гирифта буд; ҳине роҳ мерафт, замин харош меёфт…

Аҷаб хомӯш аст ин ҳайвон! Вақте ӯро мекӯбанд, хомӯш аст; ҳатто дар лаҳзаи марг низ овоз намебарорад, танҳо чашмонаш имдод металабанд. Саг вингос мезанад, асп шиҳа мекашад, мурғ қиғғас мекашад – ҳама ҳайвонҳо ба навъе дарди худро ошкор мекунанд, танҳо хар, ҳамчуноне ки бори вазнин ба пушт мекашаду хомӯш аст, дардҳои тоқатфарсову кушанда, зарбаҳои ваҳшиёнаву девонавори пойи одамиро ба сар мехӯрад ва овозе намебарорад. Гӯё бо чунин хамӯшиву итоат Зувайрро ба тавфиқ меоварда бошад!

Махлуқи безабон худро маҳкуми марг дид. Охирин бор даҳон кушод ва забонашро ба алафи зарди пеши фукаш расонид. Баъд чашмонаш аз дарди

ҷонгудози даруни мағзи сараш пўшида шуданд; дигар пилконаш наҷунбиданд. Зувайр акнун хари сафеди мурдаро мезад.
Дигар духтаракон даст аз Садаф баргирифта буданд.
Баъде эҳсос кард, ки модинаи сафед мурдааст, Зувайр хаставу лакот аз сари хар по ба замин гузошт ва рафт дастшўйӣ, ҳамаи он касоне, ки Сайкор номи духтаронашонро гирифта буд, ба назди хари сафед омаданд ва пой ба тани беҷони ў заданд; пеш аз он ки лагаде ба хари сафед бизананд, ба духтарони худ як нигоҳи сахту бераҳм афкананд.
Ҳеҷ кадомашон аз як лагад беш назаданд. Пасон ба вазъи хушомад дар назди Зувайр нишастанд. Якеш гуфт:
- То навбати мо расид, ки ҷонаш намонд!
Зувайр касешонро намедид, эътиношон намекард, гўё гўшаш чизе намешунид; рўяшро бо оби хунук мешусту мешуст. Гўё ин обаки нимҷон хуни дасту рўяшро мешуста бошад.
Обаки борик чирки дилашро набурд, вале ғубори ғафси заҳимро аз рўйи чашмонаш пароканд ва он пардаи тираро аз мағзи карахту бадандешаш бардошт. Акнун, ки ў кори кардаашро ба рўшанӣ медид, ҳис намуд, ки қотилӣ кардааст!
Ва ғайри хари сафед дар ин лаҳзаҳои фоҷиабор чизҳои дигаре низ мурда буданд…
Зувайр акнун изтироб дошт, вале мекўшид танҳо бар он дар надиҳад. Дигар ба дили худ пардохт: кори нохуб кард, вале ба ақиб барнамегардад! Хуб, кори баде ҳам накард: берўйихотирӣ, берўйиву бехунии ўро мардум бори дигар диданд. Акнун аз наздикони ў касеро ном нахоҳанд бурд. Гапу гуфтаҳои имрўз аз ин майдон дуртар намераванд- як; ва духтар ҳам ақл сари ҷош мегузорад – ду; муҳим аз ин ҳама номус! - номусу нанги мардигариш пеши мардум ҳимоя шуд, ҳифзу устувор монд – се!..
- Моҳ ҳам беайб нест, ака!- ин овози Зиёбул аст, ки ўро аз андешидан бозмедорад?!
Зувайр баргашту гуфт:
- Зиёвул! Насиҳатмон мекунӣ – ҳа! Моҳи маро доғдор мебинӣ– ҳу?! Механдим- аку?! Ҳу?!
Зиёбул дасту поча шуд:
- Э. Э, э, э! О ман чӣ гуфтам?! Мақсад, ки кўдакора ҷавоб бидиҳем, бираван хонаҳошон, ки дер ҳам шуд! Халос!…
Зувайр бар ҳама ғазаб мекард. Равони Зиёбул банд шуд, дамаш банд шуд, забонаш гирифт. Зувайр бархост ва ба атроф нигоҳ кард. Шоми амиқ фаро расида буд.
Ў бошитоб болои тали халтаҳо баромад, дар миёна истод, даст ба камараш зад, пойи росташ пеш уфтод, дасти чапаш дар тасмайи миёнаш андар рафт, фукаш сўйи моҳи хира, фарёд кард:
- Нарооооод!
Дунё аз ҳаракат монд, ҳама сокит шуданд ва гўш ба фарёди ў доданд:

Ғурур чашмонашро барафрӯхта буд, рӯяш тира, мӯяш хокистарӣ. Чашмонаш барқ заданд ба дурахши пишаки нар, фук боло гирифт ва дигарбора фарёд кард:
- Офтоб ҳам доғ дораааад!!!
Ҳама ба ҷонибе, ки офтоб ғуруб карда буд, нигоҳ карданд. Офтоб ки набуд! Рафта буд. Абрҳойи сӯхтаву хастаи дудолуд дар уфуқ пароканда мешуданд. Ба ҳар рӯ мардум шиори Зувайри «народ»-ро пазируфтанд. Баргаштанд сӯйи ӯ ва мунтазири фармони дигараш истоданд.
Ӯ нафаси амиқ кашид, зери нофаш қабзаш кард, пас, бо фарёди дигаре раҳ аз гулӯ кушоду раҳояш дод:
- Нарооооод! Лооош!
Яке мардумро «лош» дод, ҷавобшон дод, амре мисли «Волно!»- и аскарӣ додшон, ки бичунбанд, ялла шаванд, пароканда шаванд…
Бачаҳо ба назди хари сафед омаданд: дар тани ӯ ҳеҷ осоре аз хун набуд, надиданд. Пӯсти модинаи сафед мисли пахта сап- сафед буд ва изи пошнаи мӯза нақши рӯйи коғазворе метобид. Онҳо бори нахуст ҳалокати ҳайвонро бо зарби лагад диданд: даҳшат дошт ин манзара; хари хомӯши модинаи сафед дили онҳоро сахт озурда ва ба изтироб оварда буд.
Ман дигар сарам зер уфтода буд, аз барги хушки пахта сар барнамегирифтам. Фикр мекардам, ки Зувайр бо чӣ ният модинаи сафедро кушт. Ва чаро гуфт, ки «офтоб ҳам доғ дорад!» Дар диди ман доғҳои офтоб мисли ҷанини одам дар батни модар метобиданд.
Сайкор ҳам дар канори ҷӯй падидор шуд. Чути дасташ поёну боло мерафт, мечаст; ӯ ба шитоб меомад ва нафасак мезад. Чанд духтари болиғ низ синаҳошонро ба банди даст мадоро карда, аз пушти ӯ медавиданд! Мардум безобита шуда, аз сари ҷӯй ба поён хамбиданд.
- Сафияро дард гирифтааст! – гуфт Сайкор.
Духтарон шармида, рӯяшонро, даҳонашонро бо лаби остин пӯшиданд ва нигоҳашонро ба зер андохтанд. Бобоначво «товба» гуфт. Ҷувонмардҳо якдигарро нигоҳ карданд.
Ҷасади хари сафед дам меовард. Шикамаш медамиду варам мекард.
Аҷаб тақдире дорад ин ҳайвон! Ин махлуқи беҳуқуқи берӯзӣ дар дами пирӣ, вақте ки корношоям аст. Аз дар меронандаш, гоҳе ки аз деҳа берунаш мекунанд, то хеле сабр мекунад, ба соҳиби дуршудааш маломатомез назар меафканад, пас, гӯё ба тақдир тан медиҳад, меравад, ба харгала ҳамроҳ мешавад. Гаҳе ки ёди оғилу хона, соҳиби бешафқаташ ва ёди фарзандони ӯ мекунад, аз чашмонаш об мерезад, вале овозе намебарорад! Аҷаб хомӯш аст ин ҳайвон, ҳанг намезанад, магарам модина набошад, танҳо аз чашмонаш об меояд, дигар хомӯш аст ин ҳайвони махлуқи Худо…
Ман дуртар аз ҷасади ин хари модаи сафед рафтам ва ба андеша нишастам, ки чӣ кораш кунам? Шаб бо белу каланд биёем…

БА ҶОИ ОХИРСУХАН

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор……
Абармарди шарқӣ……
Хиёл…….
Аз саргузаштҳои Ҳидоят…….
Марги хари сафед……..
Ба ҷои охирсухан……